Бар сару пои он кутуб[1] гаштам,
Бар баду неки халқ бугзаштам,
Ҷамъ кардам фавоид[2] аз ҳад беш,
Бар гирифтам тариқи мақсади хеш.
Қасди он доштам, ки ин мақсуд,
Сар зи ғайб оварад ба ҷайби шуҳуд?[3]
Турфа бадре аҷаб зуҳур кунад,
Зулмат аз коинот дур кунад.
Сар барорам чу абри найсонӣ,
Каф кушоям ба гавҳарафшонӣ...
Ки чу маҳсули ман ба рафъ[4] расад,
Хӯшачин аз ӯ ба нафъ расад.

Чунон ки дидем, мақсади Биноӣ аз навиштани асари мазкур ба халқ хизмат кардан будааст. Шоир дар бораи ахлоқ аз бузургони гузашта асарҳои зиёдеро мутолиа кардааст. Пас аз ин фикру мулоҳизаҳои онҳоро ҷамъбаст намуда, дар бораи ахлоқи ҳамида ва зишт ва дигар масъалаҳои тарбиявӣ андешаҳои шахсии худро зимни образҳои маснавӣ ба қалам додааст.

Масъалаи тарбияи шахс дар замони шоир яке аз проблемаҳои умда ба ҳисоб мерафт. Зеро ахлоқ ва махсусан ахлоқи табақаи болои ҷомеа бад шуда, ислоҳ металабид. Шоир хостааст, ки бо ин роҳ аҳли ҷомеаро тарбия намояд ва бо ҳамин васила дар назди виҷдон ва халқ хизмати худро адо кунад. Аммо барои ба мақсад расидан усули анъанавии бузургони гузаштаро такмил додааст. Достони шоир аз асарҳои ахлоқии гузашта, пеш аз ҳама, бо он фарқ мекунад, ки шоир барои баёни афкори ахлоқиаш на танҳо бо суханони умумии қаҳрамони лирикӣ қаноат мекунаду халос, балки бо роҳи додани сюжет дар рафти воқеаю ҳодисаҳои асар андешаҳои ахлоқии шоир характери ҷамъбастӣ мегиранд. Аз рафти ҳодисаҳои ибратбахш хонанда панд гирифта ба хулоса меояд.

**Композитсия ва сюжети асар.** Достони «Беҳрӯзу Баҳром» аз наъту муноҷот шурӯъ мегардад. Пас аз ин шоир дар сабаби назми китоб, мақсаду мароми хеш аз таълифи асар сухан мегӯяд. Баъд ду боби ба ҳам алоқаманд, ки яке ба масаълаҳои ахлоқи нек ва дигаре ба ахлоқи бад бахшида шудаанд, меоянд. Дар ин қисматҳо шоир ҳамчун қаҳрамони лирикӣ намудор шуда, муносибати худро ба ин ду масъала баён кардааст. Сипас бевосита сюжети асар шурӯъ мегардад.

Дар шаҳри Ҳамадон ду бародар – Хоҷа Хусрав ва Хоҷа Азиз дӯстона зиндагӣ мекарданд. Хусрав Гулчеҳр ном духтари соҳибҷамол ва Азиз бошад ду писар – Баҳром ва Беҳрӯз дошт. Ҳар се дар мактаб якҷоя мехонданд. Гулчеҳр ва Беҳрӯз бисёр нағз хонда, ба сухани устодон бо марок гӯш мекар-

[1] *Кутуб* – шакли ҷамъи китобҳо.
[2] *Фавоид* – шакли ҷамъи фоидаҳо.
[3] *Шуҳуд* – фикрҳои хубу марғуб.
[4] *Рафъ* – баланд шавад, маълум гардад, шӯҳрат ёбад.

данд. Дар сари вакт вазифаҳоро ичро менамуданд. Боаклу боодоб буданд. Саъю кӯшиш, меҳнату машаккати Гулчеҳр ва Беҳрӯз зоеъ нарафт. Онҳо бисёр илмҳои маъмули замонаашонро ба хубӣ аз худ карда, аз илму фарҳанг бархурдор гардиданд. Баҳром танбалу коргурез буд, ба мактаб, ба омӯзиши илму дониш майл надошт. Ӯ бо одамони бадахлоқ ҳамроҳ шуда, вакти худро ба корҳои беҳуда мегузаронид. Ба ҳамин тарик, ӯ ба як шахси сиёҳдил, бефарҳанг ва умуман зарарноки чомеа табдил ёфт. Дар баробари ин Баҳром мехоҳад ба Гулчеҳри зебо издивоч кунад. Аз ин рӯ, падарашро мачбур менамояд, ки ба хонаи амакаш рафта духтарашро бараяш хостгорӣ кунад. Гулчеҳр ва падараш ба издивоч розӣ намешаванд. Гулчеҳр Баҳромро бад мебинад. Аммо ба Беҳрӯз майлу рағбат ва муҳаббат дорад. Беҳрӯз ҳам Гулчеҳрро нағз мебинад. Вале ишкашро изҳор намекунад. Хусрав муҳаббати ҳар дуи онҳоро фаҳмида, ба бародараш Азиз мегӯяд, ки ман духтарамро танҳо ба Беҳрӯз медиҳам.

Баҳром ин хабарро шунида ба хашму ғазаб меояд. Бадкирдориаш боз ҳам зиёд мегардад. Одамкушӣ ва дуздӣ мекунад. Аз зиёнкории ӯ мардум ба дод меоянд. Ӯро борҳо ба маҳкамаи қозӣ бурданд. Падараш Хоча Азиз тамоми дороию сарваташро дар ивази бадкирдориҳои содиркардаи Баҳром ба товон медиҳад. Падару модар ба фарзанд ҳарчанд насиҳат мекунанд, аммо зиёнкориаш боз зиёдтар мегардад. Пас аз ин Хоча Азиз аз Беҳрӯз, ки дар он рӯзгор ҳамчун яке аз шахсони донишманду хирадманд эътироф шуда буд, хоҳиш мекунад, ки ӯро насиҳат карда, ба роҳи рост раҳнамун созад.

Сипас қисмати дуюми достон шурӯъ мегардад. Ин қисматро «Насиҳатномаи Беҳрӯз» гуфтан равост. Насиҳатнома аз 20 боб иборат буда, қариб ҳамаи масъалаҳои тарбиявию ахлоқиро дар бар мегирад. Ҳар як боб ба масъалаҳои алоҳида бахшида мешавад. Шоир ҳангоми кушодани масъалаҳо барои тақвияти фикр ҳикояю масалҳои ахлоқии зиёдеро меорад, ки онҳо бобҳоро шавқовар гардонидаанд.

Вале бояд гуфт, ки дар ҳамин чо хати сюжети асар канда мешавад. Ҳаёти минбаъдаи қаҳрамонҳои асосии достон Гулчеҳр ва Беҳрӯз ба хонанда норавшан мемонад. Маълум намешавад, ки «Насиҳатномаи Беҳрӯз» ба Баҳром то чӣ андоза таъсир расонд. Оё ӯ ислоҳ шуд, аз роҳи бад баргашт? Хулосаҳои дақиқ бароварданро адиб ба хонанда ҳавола кардааст.

**Мавзӯи достон**. Дар достони «Беҳрӯзу Баҳром» образи анъанавии адабиёти гузашта, муборизаи қувваҳои бадию некӣ мавқеи асосӣ дорад. Баҳром бадкирдор, бадтинат, вале Беҳрӯз нексиришт аст ва Камолиддин Биноӣ ҳам беҳтарин ақидаҳои пешқадами худро дар симои Беҳрӯз нишон додааст. Биноӣ ба воситаи кушодани характерҳо муносибаташро ба чомеа ва таълиму тарбияи инсон нишон додааст. Шоир дар достон ҳамчун рӯҳбардору мададгор ва ҳимоятгари омма, шахсони бечораю мазлум ба назар мерасад. Беҳрӯз дилсоф ва поквичдон аст. Ӯ меҳнат кардан ва бо меҳнати ҳалол нон хӯрданро хислати бузургу вазифаи муқаддаси ҳар як фард ҳисоб мекунад.

Аз меҳнату дастранчи дигарон нон хӯрдан нашояд. Албатта, ҳамаи ин суханон ба муфтхӯрон ва золимони замонааш дахл доранд:

Рахши давлат ба зулм агар ронӣ,
Ҳамчу хар дар халоб дар монӣ.
Поймоли ҷафо ба кас маписанд,
Ки ба мехи ҷафо шавӣ побанд.
Тавсани зулм агар барангезӣ,
Ӯфтӣ зуду дер бархезӣ.
Синаи халқ агар чу наъл бурӣ,
Мех дар дида ҳамчу наъл хӯрӣ.
Нармрӯ бошу зулм соз макун!
Чун инсон дастҳо дароз макун!

Барои ҳамин шоир ба золимон таъкид карда мегӯяд, ки ту худатро ба ҷои мазлум гузор, дар ҷои ӯ тасаввур кун, пас он зӯлме, ки дар ҳаққи ӯ раво дидаӣ, дар худат имтиҳон карда бин, ки ту тоқати онро дорӣ ё не:

Зулм бар худ агар раво н-орӣ,
Даст боре зи халқ водорӣ.
Ба хато бар касе ҷафо накунӣ,
Даст аз пои худ хато накунӣ...
Қадам аз ҳадди худ балар нанихӣ,
Пой аз андоза пештар нанихӣ.

**Ахлоқи нек – зиннати инсон.** Барои ба роҳи бад нарафтан бояд ақлу хирадро пешаи зиндагӣ намоӣ. Мисли Беҳрӯз хирадманду софдил, ҳалолкор ва ба инсонҳо нафърасон бошӣ. Аз ин ҷост, ки Биноӣ ҷанбаи ахлоқии асарашро пурқувват намуда, «Насиҳатномаи Беҳрӯз»-ро дар анҷоми достон меорад. Ӯ ба ин восита мехоҳад инсонҳоро тарбия намояд. Шоир дар ин қисмат, пеш аз ҳама, дар бораи пайдоиши ахлоқ, сабабҳои объективии он фикру андешаҳои пурқимати худро дар симои қаҳрамони асосии асар – Беҳрӯз баён кардааст.

Биноӣ рӯирост баромад карда, сабаби пайдоиши ахлоқи одамони ҷамъиятиро дар асоси далелҳои эътимодбахш дар образҳои қаҳрамонҳои асосии достони «Беҳрӯзу Баҳром» равшан менамояд. Шоир доир ба сабабҳои пайдоиши ахлоқ ду ақида дорад. Ӯ чун бисёр бузургони гузашта ахлоқу одобро дар аввал ирсӣ мегӯяд. Вале дар охир бар хилофи фикри боло баромада, назарияи нави материалистии худро ба миён мегузорад. Ӯ қайд мекунад, ки ахлоқи инсон, хоҳ вай бад бошад, хоҳ нек, дар натиҷаи таъсири муҳит ташаккул меёбад:

Ҳар кӣ сар зад ба гулхани пурдуд,
Ҷомааш бӯи дуд гирад зуд.
Нашавӣ хоҷа ҳамнишини балон,
То нагардӣ зи хайли бехирадон.
В-он кӣ бо гулхане шавад ҳампой,
Ҷуз ба хоки сияҳ нагирад ҷой.

Ҳар кӣ атвори неку бад гирад,
Ҳама аз ҳамнишини худ гирад.

Биноӣ барои исботи фикраш ҳамеша кӯшиш мекунад, ки аз зиндагии одамон мисолҳои зиёд оварад. Мисолҳои овардашуда бештар воқеӣ буда, онҳоро ё худи шоир бевосита аз сар гузаронидааст, ё ин ки ягон дӯсташ ба ӯ ҳикоят кардааст. Чунончи, доир ба масъалаи таъсири муҳит ба шахс дар маснавии «Беҳрӯзу Баҳром» чор ҳикоят оварда шудааст, ки ҳар кадом хулосаҳои шоирро тасдиқ мекунанд. Дар ҳикояти дуюм Биноӣ саргузашти як рафиқашро нақл мекунад. Ин рафиқаш дар давраи мактабхониаш ниҳоят ҷавони нағз, ҳалим, боодоб ва аз ҳамаи корҳои ношоиста парҳезкор буд. Вале баъд, ҳангоме ки бо одамони бад нишастухез мекунад, тағйир ёфта таҳсилро тарк мекунад ва рафта-рафта, дар натиҷаи таъсири онҳо ба як нафар шахси хиёнаткор, разил ва ниҳоят ахлоқан вайрон табдил меёбад.

Ягона роҳи халосӣ аз ин кирдорҳои разилона, ба фикри шоир, тарки ҳамсӯҳбатон кардан ва бо одамони хуб ҳамнишин шудан мебошад:

Гуфт:- Бигзар аз ин сиёҳрӯзон,
Пой баркаш зи оташи сӯзон!
То аз ин ҳамдамони бадгуҳарат,
Чӣ бало хоҳад омадан ба сарат!

Ба ҳамин тариқ, Биноӣ доир ба пайдоиши ахлоқ ақидаи мутафаккирони гузаштаро давом додааст. Агар шоир, аз як тараф, ирсӣ будани шахсияти фардиро тарафдорӣ карда бошад, рафта-рафта, дар натиҷаи омӯхтани ҳаёту зиндагии одамон ба хулосаи ҳаётӣ омада: таъсири муҳиту ҳамсӯҳбатонро барои дигар шудани ахлоқ эътироф мекунад.

Биноӣ дар «Беҳрӯзу Баҳром» ба масъалаи кибру ғурур аҳамият додааст. Албатта, дар он замоне, ки шоир зиндагонӣ мекард, аҳли сарват ва табақаи доро бештар соҳиби чунин хусусият буданд. Ҳатто дар байни аҳли илму ҳунар пайдо шудани кибр ҳам як ҳодисаи воқеӣ гардида буд. Олим ва ё ҳунарманде, ки ба дониши худ мағрур мешавад, – мегӯяд ӯ, – аз самари он дониш асаре боқӣ намемонад. Олим бояд аз кибр дурӣ ҷуста, ба тавозӯъ ва хоксорӣ рӯ орад, зеро фақат ба ҳамин роҳ мақбули омма шуда метавонад:

В-он ки кибр оварад зи илму ҳунар,
Ҳунару илмро намонад асар.
Гар тавозӯъ ба илм натвонӣ,
Аҳли дониш наӣ, ту нодонӣ.

Албатта, сарчашмаи пайдоиши ахлоқи бад бидуни сабабҳои объективӣ ва субъективие, ки дар боло зикрашон рафт, ба ақидаи Камолиддин Биноӣ истеъмоли май, ё арақ низ будааст. Сарчашмаҳои илмӣ ва адабӣ пурра собит менамоянд, ки касалии майнӯшӣ дар замони адиб, махсусан дар байни табақаи боло хеле вусъат ёфта буд. Дар «Бадоеулвақоеъ» Зай-

иддин Махмуди Восифӣ зимни баёни ҳодисаю воқеаҳои воқеӣ ин масъаларо инъикос намуда, сабаби ба вуҷуд омадани кинаю адоватро ба май ва майнӯшию мастӣ алоқаманд мекунад, ки аслан дуруст аст. Вақте ки шахс маст гардид, аз ақл бегона мешавад ва ҳар чизе, ки ба забон омад, гуфтан мегирад. Биноӣ дар рӯзгори хеш аз таҷриба зиёну зарари майнӯширо бисёр дидаву мушоҳида кардааст. Ба ақидаи Биноӣ аксарияти гуноҳҳои содиркардаи оламон пас аз майнӯшӣ ба амал меоянд. Одам ки маст шуд, беодоб мешавад, хоксорӣ, ақлу тамиз ба бод меравад. Мастӣ ба инсон на танҳо зарари рӯҳию ҷисмонӣ мерасонад, балки аз ҷиҳати иқтисодӣ инсонро хароб мекунад. Ба ақидаи нависанда ин як касалии сахт ва зараровар аст, ки инсон бояд аз он даст кашад:

Эй бародар, маёр рӯ ба шароб!
Баҳри андӯҳу меҳнат аст ин об.
Душмани ақлу хасми ҷон аст ин,
Хонавайронкуни ҷаҳон аст ин.
Кист майхора? «Марди маҷнунваш,
Зада дар худ ба дасти худ оташ.
Шаб чу девона ҳарзагӯй шуда,
Рӯз бемору тундхӯй шуда.
Чун шавад маст хушёри фақир,
Сати девонаест бетадбир.
Хешу бегона фарқ натвонад,
Душману дӯстро яке донад.

Дар порчаи боло Биноӣ ҳолати одами мастро хеле табиӣ ва шоирона ба қалам додааст. Масалан, арақ баҳри бетаги ғаму андӯҳ, душмани ақл, хасми ҷон, хонавайронкуни ҷаҳон аст. Одами мастро ба девона, тундхӯй, ки дигар на дӯстро мешиносаду на душманро монанд кардааст. Маст, ки ба хона омад, дар он ҷо ба сари зану фарзандон даст мебардорад. Умуман, ҳамаро ноҳаҳат мегардонад:

Эй басо хонаҳо, ки сели шароб,
Дод барбод бар мисоли ҳубоб!

Аз ин суханон маълум мегардад, ки ашхоси аз ин касалӣ зарардида дар замони шоир кам набудаанд. Мастӣ инкишофи ҷамъиятро боз медорад. Зеро май, ба саломатии инсон зарари калон дорад, май шуури инсонро хароб ва иллатнок мегардонад. Камолиддин Биноӣ зарари марговари май ва мастиро дарк намуд ва ба муқобили он ошкоро, берӯю риё баромад карда, онро сахт маҳкум кард:

Бода чун ақлро кунад зоил,
Башарият ба шар шавад моил.
Бода чун бар димоғ хира шавад,
Шӯъла мирад, чароғ тира шавад.

Шоир дуруст мегӯяд, ки ҳар ҷои боданӯшист, дар он ҷо пастист. Аз одами маст некӣ намебарояд, баръакс ҳамеша бадкирдорӣ, бадандешӣ меояд.

Воқеан суханони оқилонаи Биноӣ имрӯз аҳамияти боз ҳам зиёдтар пайдо кардаанд.

Ғайр аз ин, шоир он шахсонеро, ки аз пушти хешу табори савлат мекунанд, низ мазаммат мекунад:

Мард бояд ки худ падар бошад,
Бояси фахри сад писар бошад,
В-арна фазли падар чӣ суд кунад,
Фазли шахси дигар чӣ суд кунад?
Чанд аз пои хеш мегӯӣ,
Фазли бобои хеш мегӯӣ?

Биноӣ мақоми сухан ва одоби сухан гуфтанро ҳам муҳим мешуморад. Аз ҳамин сабаб як боби алоҳидаи маснавии «Беҳрӯзу Баҳром»-ро махз ба ҳамин масъала мебахшад. Биноӣ мегӯяд, ки айб ва нуқсонҳои одамӣ бисёранд. Ин нуқсонҳо дар навбати худ ба воситаи забон зоҳир мешаванд. Бинобар ин, дар вақти сухан гуфтан эҳтиёт кардан лозим аст. Ҳаминро фаромӯш кардан даркор нест, ки агар одам як сухани лозимаро дар вақташ нагӯяд, баъд афсӯс мехӯрад, вале як сухани ногуфтаниро гӯяд, аҷаб нест, ки то охири умраш хиҷил бошад:

Суханеро, ки гуфтанӣ бошад,
Дар маҳал ё нуҳуфтанӣ бошад,
Як таассуф хӯрӣ, ки мебоист
Гуфтанаш хомӯшӣ намешоист.
Лек агар як нагуфтанӣ гӯӣ,
То қиёмат кашӣ сияҳрӯӣ.

Аз ҳамин сабаб, барои он ки хиҷил нагардӣ, – мегӯяд шоир, – аввал он суханро дар тарозуи ақл санҷ, пасу пеши онро мулоҳиза кун ва пас аз он ки ба дуруст будани он боварӣ ҳосил кардӣ, ба забон ор:

Бар ту бодо, ки чун сухан гӯӣ,
Бо тааммул раҳи сухан пӯӣ.
Дилат аввал сухан қарор диҳад,
Баъд аз он бар забон гузор диҳад.
Суханеро, ки дар мақол орӣ,
Аввал он беҳ, ки дар хаёл орӣ.

Ба ҳамин тариқ, Камолиддин Биноӣ қисмати асосии эҷодиёти худро ба манфиати омма бахшида, орзую омоли онҳоро тараннум намудааст. Шоир чи дар жанрҳои хурди лирикӣ ва чи дар достони «Беҳрӯзу Баҳром» аз нуқтаи назари синфии худ тарзи давлатдорӣ, зулми золимони замонаашро танқиду мазаммат менамояд. Дар баробари ин ба ҳимояи мазлумону ситамдидагон бармехезад. Инсонро аз ҳама мавҷудот баландтар мегузорад. Роҳҳои ба даст овардани илму дониш, одобу ахлоқи накӯро ба воситаи образҳо, ходисаю воқеаҳои ҳаётӣ боварибахш нишон медиҳад.

Дар масъалаи ташаккул ёфтани шахсият нисбат ба гузаштагон хеле

пеш меравад ва материалистона собит менамояд, ки ҷамъият, муҳит дар ташаккули инсон роли калон мебозанд.

Дуруст аст, ки Биноӣ фарзанди замони худ буд. Адиб ба муқобили ҳама гуна беадолатиҳо муборизаи беамон бурда, инсони покро ситоиш намуд. Одамонро ба илмомӯзӣ, накӯкорӣ, парҳезкорӣ, поквиҷдонӣ ҳидоят кард, ки имрӯз ҳам фикрҳои тарбиявӣ-ахлоқии шоир қимати худро гум накардаанд.

**Савол ва супориш.**

1. Дар бораи ҳаёти Биноӣ нақл кунед. 2. Биноӣ дар бораи илмомӯзиаш чӣ мегӯяд? 3. Шоир чаро ба дарбор меравад? 4. Сабаби дарборро тарк намудани адиб дар чист? 5. Поёни умри Биноӣ чӣ хел гузашт? 6. Биноӣ кадом асарҳои илмию адабиро иншо кардааст? 7. Дар қитъаю рубоиёти шоир кадом мавзӯъҳо мавқеи асосӣ доранд? 8. Мавзӯъҳои ғазалиёти адибро гӯед ва бо мисолҳо фаҳмонед. 9. Бо чӣ мақсад шоир «Беҳрӯзу Баҳром»-ро иншо кард? 10. Масъалаҳои асосии достон кадомҳоянд? 11. Ба Шумо номи достон маъқул аст? Чаро? 12. Назари Шумо дар хусуси таъсири муҳит ва ҷамъият дар тарбияи шахс чӣ гуна аст? 13. Аз хондани достон чӣ манфиат бардоштед?

*Рӯйхати адабиёти илмӣ ва методӣ*

1. С. Айнӣ. Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъулвақоеъ», куллиёт, ҷилди 13. «Ирфон», Душанбе, 1978.
2. А. Н. Болдырев. Зайниддин Васифи, Сталинабад, 1957.
3. Т. Миров. Дастури методии «Адабиёти тоҷик» барои синфи 9. «Маориф». Душанбе, 1986.

# БАДРИДДИН ҲИЛОЛӢ
# (1475-1529)

*Моро ба ҷафо кушта пушаймон*
*шуда бошӣ?*
*Хуни дили мо рехта ҳайрон*
*шуда бошӣ?*

*Ҳилолӣ*

**Шарҳи холи шоир**

Барои мардуми Ҳирот шаби ҷумъаи соли 1529 як умр шаби бехосият хоҳад монд. Дору гир, доду фарёд, гиряю лобаи кӯдакону занон хомӯшии шабро халалдор мекард. Ясавулон ва сарбозони Убайдуллохон хонаҳои мардумонро талаю тороҷ мекарданд, одамони «гарданкаш», «ёғӣ» ё шиимазҳабонро ба зиндону козихона мебурданд.

Чор сарбози Убайдуллохон ба назди дарвозае омаданд. Так-так карданд.

– Кист?

– Кушо, мо одамони хон!

Марде дарвозаро кушод.

– Хонаи кист?! – яке аз одамони хон пурсид.

– Бадриддин Ҳилолӣ.

– Хабар кун, биёяд!

– Ман.

– Ҳа, ту?! Шиаи хар!

– Даҳон нигоҳ доред. Одоб ҷавҳари инсон. Аввал пурсиш баъд кушиш!

– Бас сафсата, рафтем ба маҳкамаи қозӣ. Дар ҳамон ҷо мефаҳмӣ.

Чокарон ба забон кушодани шоир имконият надода, ӯро гирифта кашон-кашон ба маҳкамаи қозӣ оварданд. Қозихона дар ин ними шаб хеле серодам буд. Пас аз интизорӣ Ҳилолиро ба назди қозикалон Шамсиддини Қаҳтонӣ даровtotalарданд. Чор нафар дар рӯи кӯрпачаҳои махмалин нишаста, тасбеҳ мегардонданд.

Ҳилолӣ шарту русуми инсонӣ ба ҷо оварда салом дод. Аммо салом беҷавоб монд. Қозикалон ба ҳуҷум гузашт:

– Шумо, шоир Ҳилолӣ? Чунин бандаҳои осӣ ба худ лақабҳои осмонӣ ҷуста меёбанд. Садқаи ҳилоли Худои Мутаол шавед!

– Ман гуноҳе надорам ва сабаби ба марҳамати Шумоён расиданамро намедонам.

– Намедонӣ! Ҳамаашро нағз медонӣ. Ҳоло ба ёдат меорем.

Аввалан, дар як шеърат хони покдину маъдалатгустар, ҳомии шариати ислом Убайдуллохонро танқиду мазаммат кардаӣ. Магар ин гуноҳ нест? Сониян, аз рӯи кору рафторат шиамазҳаб ҳастӣ. Ба шиа буданат ин ҳомиёни дину диёнат гувоҳ ҳастанд ва шиа буданатро тасдиқ мекунанд.

Мавлоно Бақоии Ланг ва Мавлоно Гулчеҳр, ки дар назди қозикалон ҳузур доштанд, аз ҷой бархеста суханони Мавлоно Шамсиддинро тасдиқ карданд.

– Баред! Пагоҳ дар бозори Чорсӯ амри моро амалӣ кунед!

Хуршеди оламтоб кайҳо аз паси қуллаҳои кӯҳ баромада, саховатмандона нурпошӣ мекард. Вале офтоби зиндагии шоир Ҳилолӣ рӯ ба ғуруб овар-да буд. Шоири номуродро ясавулон кашон-кашон ба сӯи бозори Чорсӯи Ҳирот мебурданд. Як гурӯҳ мардуми авом ба ҳоли шоир гиря мекарданд ва баъзе ҳасудон, нотавонбинон ва рақибони шоир ба сари Ҳилолӣ санг мепартофтанд. Сари шоир хуншор шуда буд. Қатраҳои хун ба рӯи гандумгунаш таровида, риши мошубиринчии шоирро лолагун мекарданд. Ӯ бо сари баланд пеш мерафт. Аз байни ҳасудону нотавонбинон дӯстон, хешу ақрабояшро меҷусту медид, ки онҳо гирён буданд. Шоир бо ишорат бо онҳо хайру хуш менамуд ва байти зерро бо дарду алам мехонд:

Ин қатраи хун чист бар рӯи ту, Ҳилолӣ,
Гӯё ки дил аз ғусса ба рӯи ту давида.

Ниҳоят Ҳилолиро ба бозорҷой оварданд. Дар назди ӯ ҷаллод Сайфулло шамшер дар даст меистод. Қатлгоҳ баландтар буд. Шоир издиҳомро хуб медид. Чанд дақиқа хомӯшӣ ҳукмфармо гардид. Сонӣ ба шоир иҷозат доданд, ки чанд сухан гӯяд:

– Хешу табор, дӯстон, бо Шумо худоҳофизӣ мекунам. Онҳо дар қасди ҷони ман буданд. Имрӯз ба мақсад мерасанд. Гуноҳе надорам, ҳасудон, нотавононбинон, амири бехирад душмани ҷони ман шуданд.

– Кушед шоири бадмазҳабро! Бас лақидан. Ба Сайфулло фармон дод шахси масъули Убайдуллохон. Сайфулло фармонро ба ҷо овард.

Дар бораи марги фоҷиавии Ҳилолӣ муаллифи тазкираи «Нештари ишқ» Ҳусайнқулихони Азимободӣ чунин мегӯяд:

Ҳилолӣ, ки мисли маҳи чордаҳ буд,
Ба чархи балоғат намоён ба олам,
Чӣ гӯям ба ҳубби Алӣ бехато ӯ,
Шуда қатл, афсӯс, аз ҳукми ҳакам.
Аз ҳодисаи сахт, ҷонкоҳ хай-хай,
Зи маҳ то ба моҳӣ биифтода мотам.
Ба таърихаш аз ишқи кас чу пурсид,
Аз ӯ нуҳсаду сию шаш сол гуфтам.

Тавре ки маълум гашт, соли қатли Ҳилолӣ 936 ҳиҷрист, ки ин ба соли 1529 мелодӣ рост меояд.

Падару бобои Ҳилолӣ дар шаҳри Астаробод зиндагии хоксоронае доштанд. Ҳилолӣ дар ҳамин ҷо тахминан соли 1475 ба дунё омадааст. Ӯ таҳсили ибтидоияшро дар Астаробод гузаронида, пас ба маркази илму адаб шаҳри Ҳирот меояд. Дар ин ҷо дар як муддати кӯтоҳ илмҳои калом, мусиқӣ, таърих, нуҷум ва ғайраро ба хубӣ аз худ мекунад. Чунон ки ҳамзамононаш қайд кардаанд, Ҳилолӣ ҳанӯз аз хурдӣ ҳушзеҳн буда, истеъдоди бузурги суханданӣ доштааст. Аз ин ҷост, ки дар синни 15–16-солагӣ овозаи шеъри ӯ баланд мешавад ва ба сӯҳбати Ҷомию Навоӣ барин бузургони илму адаби замонаш шарафёб мегардад. Муаллифи «Таърихи хулосатулахбор» Муҳаммад Хондамир дар ин бора чунин мегӯяд: «Мавлоно Ҳилолӣ дар назми ғазал бебадал аст. Лекин дар ин айём забон аз гуфтори ашъор фурӯ баста ва аксар авқотро ба таҳсили улум сарф мекунад».

Ҳилолии ҷавон абёти адибони бузурги гузаштаро аз бар намуд. «Хамсаҳои» Низомию Амир Хусрав ва достонҳои Абдураҳмони Ҷомиро ба тамом азёд медонист.

Зиндагии шоир фақирона мегузашт. Бо вуҷуди таклифҳои зиёд дарборро ихтиёр накард ва ба хизмати ягон ҳоким ва амир миён набаст. Хушомадгӯиро бад медид ва ба ҳасудону шоирони маддоҳ нафрат дошт. Аз ин ҷост, ки онҳо шоирро чашми дидан надоштанд. Баъзан шоир худашро танҳо, бе ёру ғамхор, бе дӯсту мададгор ғамгину ошуфта ҳис мекард ва ин эҳсосоти ғамангезашро ба воситаи сухан баён менамуд:

На ёру на ғамхор, на кас маҳрами асрор,
Ранҷурию маҳрумию ҳирмон ба кӣ гӯям?!
Ошуфта шуд аз қиссаи ман хотири ҷамъе,
Дигар чӣ кунам, ҳоли парешон ба кӣ гӯям?
Гӯянд табибон, ки бигӯ дарди худ, аммо
Дарде, ки гузаштаст зи дармон, ба кӣ гӯям?
Даври тараб, афсӯс, ки бигзашт, Ҳилолӣ,
Даври дигар омад, ғами даврон ба кӣ гӯям!

Бадриддин Ҳилолӣ бештари ҳаёташро дар Ҳирот гузаронд. Оиладор шуда соҳиби фарзанд гардид. Доир ба ин масъала адиб дар достони «Лайлӣ ва Маҷнун» ба тарзи зайл ишорат кардааст:

Эй дурри шарар зи баҳри кавнайн,
Фарзанди азиз – қурратулайн[1]
Бишнав сухани маро, ки панд аст,
Панди падар аст, судманд аст.

Ҳилолӣ хеле кам сафар кардааст. Аз сарчашмаҳои таърихӣ ва адабӣ равшан мегардад, ки ӯ танҳо як маротиба ба Қандаҳор сафар карда, ба аҳли адаби он ҷой сӯҳбатҳо оростааст. Шоир марди сӯҳбаторо ва ҳозирҷавоб будааст. Чунон ки муаллифи «Акбарнома» Муборак Алломӣ дар аса-

[1]*Қурратулайн* – нури дида, фарзанд

раш зикр кардааст, ҳокими Қандаҳор Мирзо Комрон базме ташкил мекунад. Дар он шоирон, олимон ва дигар аркони давлат иштирок доштанд. Ҳилолӣ ҳам ба базм ҳозир шуда, аз Мавлоно Наргисӣ болотар менишинад. Аз ин болонишинии Ҳилолӣ Мулло Наргисӣ меранҷад ва байти зерро навишта, ба дасти Ҳилолӣ медиҳад:

«Нокасе гар аз касе боло нишинад бок нест,
З-он ки хас бар рӯи обу зери дарё гавҳар аст».

Ҳилолӣ фавран ҷавоб мегардонад:

«Ҳар кӣ ӯро табъ бошад, ҷои ӯ болотар аст,
Ҳар киро табъе набошад, ҷои ӯ зери дар аст».

Мирзо Комрон воқиф шуда, гуфтанд: «Чӣ гуфтугӯ доред?» Мулло Наргисӣ арз кард: «Имрӯз мулло Ҳилолӣ ҷои худро надониста».

Мирзо гуфтанд:

– Эй мулло Ҳилолӣ, чаро надониста боло нишастӣ?

Мулло Ҳилолӣ гуфт:

– Ман дар ин ҷо тавзеҳҳо[1] дорам.

Мирзо гуфтанд:

– Бигӯ! Гуфт: – Номи ман Ҳилол аст, номи эшон Наргис. Ҳилол дар осмон аст ва наргис дар замин бирӯяд. Дигар, шоирон абрӯро ҳилол гӯянд ва чашмро наргис, абрӯ болои чашм аст... Аз ин сабаб боло нишастаам».

Ҳамин тавр, шоир дар айёми ҷӯшу хурӯши эҷодӣ аз дасти шоҳони ҷоҳилу золим ҷони азизи хешро ба ҷонофарин супорид, ки мо дар боло ҳикоят кардем. Имрӯз қабри шоир дар шаҳри Ҳироти Афғонистон барҷост, зиёратгоҳи аҳли хирад аст.

**Мероси адабии Ҳилолӣ**

Бадриддин Ҳилолӣ асосан дар байни хосу ом ҳамчун шоири ғазалсаро машҳур гардидааст. Дар ин бора худи адиб чунин мегӯяд:

Нақди ганҷинаи сухан ғазал аст,
Шукри борӣ, ки назми ман ғазал аст.
Он, ки назми ғазал тавонад гуфт,
Маснавиро чу дур тавонад суфт!

Аз ин рӯ, қисмати зиёди девони Ҳилолиро, ки соли 1521 бевосита худаш тартиб додааст, ғазал ташкил медиҳад. Девони ӯ қариб аз 360 ғазал, 32 рубоӣ, 8 қитъа, чистони «Шамъу фонус» ва дигар жанрҳои хурди лирикӣ иборат аст, ки миқдори он ба 2700 байт мерасад.

Мавзӯи қитъа ва рубоиёти шоир мухталиф буда, дар онҳо ақидаҳои фалсафӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоии адиб инъикос ёфтаанд. Масалан, дар рубоии зер Ҳилолӣ таъкид мекунад, ки дар ин рӯзгор инсони беғам вуҷуд надорад. Таҷрибаи ҳаёт, рӯзгори одамони ҷамъият адибро ба чунин хулоса оварда-

[1] *Тавзеҳҳо* – сабаби чизе ё кореро шарҳ додан.

аст. Ҳилолӣ дид ва мушоҳида намуд, ки истеҳсолкунандагони неъматҳои моддӣ хору забунанд. Шиками сер ва тани пӯшидаро ҳаргиз намедиданд. Илова бар ин, адиб гӯшзад мекунад, ки ашхоси табақаи боло ҳам ба дарду ғаме гирифторанд. Дар ҳақиқат, сухани Ҳилолӣ аз воқеияти зиндагии инсонҳои ҷомеа манша гирифтааст:

Дар олами бевафо касе хуррам нест,
Шодию нишот дар банӣ одам нест.
Он кас, ки дар ин замона ӯро ғам нест,
Ё одам нест, ё аз ин олам нест.

Дар қитъаоти шоир нуқсонҳои ҷомеа фош гардида, шикоят аз зулм, нобаробарии иҷтимоӣ ва ғайра баланд садо медиҳанд. Қаҳрамони лирикӣ, яъне худи шоир намояндаи халқи ҷабрдида ва азобу кулфаткашида аст. Аз ин рӯ, шикояту эътироз, дарду алами ӯ аз номи фақирону мазлумон аст:

Оҳ аз ин рӯзгори баргашта,
Ки зи ман лаҳза-лаҳза баргардад!
Гар фалакро ба коми худ хоҳам,
Ӯ ба коми каси дигар гардад.

Табиист, ки хунрезиҳо, зулму истисмори табақаи боло сабаби қашшоқии омма мегардид. Аҳвол бад буд, боз бадтар мешуд. Барои ҳамин дар анҷоми қитъа шоир аз он шукр мекунад, ки дар оянда аҳвол аз ин ҳам бадтар нашавад:

Лек бо ин хушам, ки толеи ман,
Натавонад к-аз ин батар гардад.

Ҳилолӣ дар солҳои охири ҳаёташ се достон эҷод кардааст, ки ин сабаб дорад. Боре дар як анҷумани шоирон сухан аз Ҳилолӣ рафт. Аксарияти устодони сухан шеъри ӯро таъриф карданд ва дар эҷоди жанрҳои хурди лирикӣ, махсусан ғазалсароӣ бебадал будани шоирро ёдовар шуданд. Дар байни онҳо адибе буд, ки танҳо маснавӣ ё достон мегуфт. Ҳамин шахс Ҳилолиро мазаммат намуда мегӯяд, ки ӯ фақат ғазал мегӯяд. Дар достон гуфтан дасткӯтоҳ аст. Зеро, ба ақидаи ӯ, маснавӣ эҷод кардан кори душвор аст. Пас аз ин Ҳилолӣ ба навиштани достон шурӯъ мекунад. Дар ин бора Ҳилолӣ чунин мегӯяд:

Буд шахсе ба маснавӣ машҳур,
Дар фунуни сухан ба худ мағрур.
Гуфт: «Оре, агарчи бебадал аст,
Шеваи шеъри ӯ ҳамин ғазал аст,
Нест ӯро зи маснавӣ хабаре,
Дар раҳи мо зи пайравӣ асаре»
Бетааммул аз он миён ҷастам,
Ба таммул миёни худ бастам,
Бозуи фикрро қавӣ кардам,
Рӯй дар фикри маснавӣ кардам.

Ҳилолӣ дар қисмати охири достони «Лайлӣ ва Маҷнун» дар бораи се маснавияш чунин мегӯяд:

Аввал сухане, ки гуфт аз ин пеш,
Афсонаи Шоҳ буду Дарвеш.
Зебо гуҳаре зи баҳри он суфт,
Назме зи сифоти ошиқон гуфт.
Гуфт аз пайи он китоби мавзун,
Афсонаи ҷонгудози Маҷнун.

**«Шоҳу Дарвеш»**. Маснавӣ аз 1444 байт ва 28 боб иборат аст. Се боби аввал чун анъана ба худою расул, ситоиши онҳо бахшида шудаанд. Боби 4-ум дар таърифи сухан ва боби 5-ум дар сабаби назми китобанд. Пас аз ин мавзӯи асосии асар шурӯъ мегардад. Мавзӯи асосии «Шоҳу Дарвеш» ирфонӣ буда, сухан аз ишқу муҳаббати шоҳ бо дарвеше меравад.

Аз ҷиҳати идея маснавӣ қимати баланд надорад. Ҳанӯз ҳамзамононаш, аз ҷумла Бобур Мирзо маснавиро танқид карда, қайд карда буд, ки ишқу муҳаббат бояд дар байни марду зан шавад на мард бо мард (Шоҳ ва Гадо). Аммо бояд гуфт, ки маснавӣ аз лиҳози зебоӣ, содагӣ, равонӣ, истифодаи таъбир, зарбулмасалу мақолҳои халқӣ, умуман санъати суханварӣ хеле хуб иншо шудааст. Шоир баъзан дар руҷӯъҳои лирикиаш сифлагон, муддаиён, золимонро, ки ба халқ ҷабру ситам мекунанд, ба зери тозиёнаи танқид мегирад. Барои намуна ба порчаи зер диққат кунед:

Шаҳро сангдил рақибе буд,
Ки зи инсоф бенасибе буд...
Баҳри озори халқ дар мушташ
Шакли каждум гирифта ангушташ.
Ҳар кӣ сарпанҷае чунин дорад,
Мушти каждум дар остин дорад.
Бо вуҷуди ҳама ситезаю қаҳр,
Мири бозор буду шаҳнаи шаҳр.

**«Сифотулошиқин»**. Маснавӣ аз 1200 байт иборат буда, дар мавзӯи панду ахлоқ суруда шудааст. Асарҳои ахлоқии Низомии Ганҷавӣ, Хусрави Деҳлавӣ ва Саъдии Шерозӣ ба адиб илҳом бахшидаанд. Ба ҳамин маънӣ Ҳилолӣ ишорат карда мегӯяд:

Навиштам номае дар некномӣ,
Ки Хусрав офарин карду Низомӣ.
Калиди «Махзанулаcрор» бо ӯст.
Фурӯғи «Матлауланвор» бо ӯст.
«Гулистон»-ест дар вай «Бӯстон»-ҳо,
Дар авроқаш ҳазорон достонҳо.

Маснавии Ҳилолӣ мисли асарҳои Низомию Амир Хусрав сюжети ягона надорад. Асар аз 20 боб иборат аст. Ҳар боб мустақил буда, ба мавзӯи алоҳидае бахшида шудааст. Мавзӯи умумии асар таърифу тавсифи хислатҳои ҳамидаи инсонӣ буда, шоир дар баробари ситоиши хислатҳои нек рафтори бади одамонро накӯҳиш мекунад. Як ҷиҳати муҳими маснавӣ боз дар он аст, ки Ҳилолӣ мувофиқи мазмуни боб ҳикояҳои тамсилӣ ва ахлоқӣ мео-

рад ва ба ин восита фикрҳои худро қувват медиҳад. Махсусан бобҳое, ки доир ба масъалаҳои сидқу вафо, саховату ҷавонмардӣ, сабр, қаноат, одоб, ҳаё ,адолатхоҳӣ, ҳимматбаландӣ бахшида шудаанд, қимату арзиши баланд доранд ва имрӯз ҳам аҳамияти тарбиявии худро гум накардаанд. Масалан, шоир дар боби II таъкид мекунад, ки инсон бояд ростқавл, поквиҷдон ва ростгӯ бошад. Суханеро, ки ба забон меорад, бояд онро дар амал иҷро кунад. Яъне қавлу амалаш як бошад:

Ҳамеша ростқорон растагоранд,
Ки ғайр аз ростӣ коре надоранд.
Сафо меборад аз мардони содиқ,
Ки қавлу феълашон омад мувофиқ.

Боби IV, ки «Дар хулқи хуш» ном дорад, ба муқобили одобу ахлоқи пасти ҷавонони рӯзгори шоир равона карда шудааст. Шоир ҷавононеро, ки намуди зебо, сару либоси пурдабдаба доранд, вале одобу ахлоқашон ношоиста ва разилона аст, сахт мазаммат мекунад. Барои инсон, ба ақидаи шоир, зебоии ботинӣ муҳим аст. Агар ӯ бадхӯ, мутакаббир ва дилозор бошад, караму саховаташ суде надорад:

Ҷавоно, чанд бадхӯӣ тавон кард,
Зи хӯи бад ҷафоҷӯӣ тавон кард?
Ту инсонӣ, тариқи деву дад чист?
Ба он рӯи накӯ ин хӯи бад чист?
Накӯхӯ аз дари роҳат дарояд,
Чу гул ҳар ҷо ки бошад, хуш барояд.
Карам бар халқ ҷуз сарфи дирам нест,
Дирам аз дасти бадхӯён карам нест.
Чӣ суд аз шакл, агар хӯе надорӣ,
Чӣ ҳосил ранг, агар бӯе надорӣ.

Ҳилолӣ дар боби IV дар бораи далерӣ, фидокорӣ, ватандӯстӣ панду андарзҳои судбахше дорад. Ӯ ҷавононро даъват менамояд, ки дар роҳи саодати халқ, ободию ягонагии мамлакат ҳамеша тайёр бошанд. Ба душманони Ватан зарбаҳои ҷонкоҳе задан ва қаҳрамонию фидокорӣ нишон додан вазифаи муқаддаси ҳар як ватандӯст аст:

Биё, эй бедили аз кор монда,
Зи бим андар паси девор монда.
Далерӣ кун, ки майдон аз далер аст,
Агар рӯбоҳ далер афтод, шер аст.
Раҳи саҳрои расвоӣ гурез аст,
Калиди мамлакат шамшери тез аст.
Сари душман, равон аз тан ҷудо кун,
Вагарна рав сари худро фидо кун.
Қавидил шав, ки дар майдони мардӣ,
Гар аз куштан битарсӣ, кушта гардӣ.

Суханони боло ба замони Ҳилолӣ вобастагии қавӣ доранд. Дар рӯзгори адиб Мовароуннаҳру Хуросон саҳнаи ҷангҳои шадид, кушторҳои зиёд

гардиданд.

Мухаммад Шайбонӣ ва ворисони ӯ, шохи Эрон Исмоили Сафавӣ Хуросонро ба хун оғушта намуда, бехтарин фарзандони содиқи ватанро ба қатл расониданд. Худи вай ҳам аз дасти Убайдуллохон кушта шуд. Бинобар ин, шоир оқибати фочиавии ин тохтутозхоро хис карда, ба воситаи сухан ҳамватанонашро ба далерию қаҳрамонӣ, ба ҳимояи ватан даъват намудааст. Махсусан байти зер шоҳиди фикри болост.

Сари душман равон аз тан чудо кун,
Вагарна рав сари худро фидо кун!

Достони охирини Ҳилолӣ «Лайлӣ ва Мачнун» аст, ки шоир онро дар пайрави достонхои хамноми Низомии Ганчавӣ ва Амир Хусрави Деҳлавӣ иншо намудааст. Дар бораи достони мазкур дар поёнтар алоҳида таваққуф хохем намуд.

**Мавзӯъ ва мундаричаи илоявии газалиёти шоир**

Ғазал дар асрхои XV–XVI яке аз жанрхои маъмултарини адабиёти бадеӣ ба шумор мерафт. Аксарияти адибони ин давр ғазал эчод карданд. Саромадони ин жанр Ҷомӣ, Биноӣ ва Ҳилолӣ буданд.

Бадриддин Ҳилолӣ дар сурудани ғазал асосан пайрави Амир Хусрави Деҳлавӣ ва Ҳасани Деҳлавист:

Ҳилолӣ аз камоли шеър дорад мансаби шохӣ,
Ки сӯзи Хусравасту нозукиҳои Ҳасан бо ӯ.

Ғазалхои шоир бо салосат, равонию содагӣ ва хушоҳангӣ аз дигар адибони ҳамзамонаш фарқ мекунанд. Аз чиҳати мазмун ва сохти композитсионӣ нисбат ба даврахои гузашта дар байни онҳо фарқе дида намешавад. Аксарияти ғазалхои шоир аз 6–7 байт иборатанд. Махсусан матлаъ ва мақтаи ғазалхои адиб бо камоли маҳорат иншо шудаанд. Ҳилолӣ ҳанӯз дар 15-солагиаш ғазали «Аз по фиканд»-ро эчод кардааст. Ин ғазал дар байни аҳли қалам шӯҳрат ёфт. Алишер Навоӣ барои хамин ғазал Ҳилолиро дар тазкираи худ «Мачолисуннафоис» таъриф намуда, боварӣ дорад, ки навқалам–Ҳилолӣ ояндаи дурахшон дорад. Инак он ғазал:

Чунон аз по фиканд имрӯзам он рафтору қомат ҳам,
Ки фардо барнахезам, балки фардои қиёмат ҳам.
Рақибонро аз он лаб оби Хизр асту дами Исо,
Маро пайваста оҳи ҳасрату ашки надомат ҳам.
Агар ман мурдам аз санги маломат бар сари кӯяш,
Сагони кӯи ӯро зинда мехоҳам, саломат ҳам.
Саломат бош, эй носеҳ, маломат кун Ҳилолиро,
Ки дар роҳи саломат ҳастаму кӯи маломат ҳам.

Мавзӯи ғазалиёти Бадриддин Ҳилолӣ гуногун буда, ба масъалаҳои ҳаёту зиндагии инсон, ғаму андӯҳ, орзую омоли вай бахшида шудаанд. Дар бештари ғазалҳояш шоир ишқи пок, муҳаббату садоқати инсонро сурудааст. Ба ҳамин маънӣ шоир ишорат карда, дар ғазали зер худашро подшоҳи

майдони ишқ мегӯяд:

Кори ман аз ҷумлаи олам ҳамин ишқ асту бас,
Оламе дорам, ки дар олам надорад ҳеч кас.
Подшоҳи аҳли дардам бар сари майдони ишқ,
Ман миёни фитнаю хайли бало аз пешу пас!

Маҳбубаи шоир олиҳаи зебоест. Ӯро ситоиш мекунад. Бе ӯ зиндагӣ кайфиятеву лаззате надорад. Шоир дар тавсифи ҳусну малоҳати ёраш гӯё оҷизӣ мекашад. Адиб таъкид менамояд, ки ҷон аз ҳама чиз бароям азизтар аст, вале ту аз он ҳам хуштарӣ ва барои ман умри ҷовидон ҳастӣ. Метавонӣ ба ман ҳар гуна ҷабру ситам, номеҳрубонӣ намоӣ, вале ман аз ин кору рафтори ту озурдаю маҳзун намегардам; туро меҳрубон мегӯям, дар васфат достон эҷод мекунам:

Ҷон хуш аст, аммо намехоҳам, ки ҷон гӯям туро,
Хоҳам аз ҷон хуштаре бошад, ки он гӯям туро.
Ман чӣ гӯям, к-он чунон бошад, ки ҳалли ҳусни туст,
Ҳам ту худ фармо, ки чунӣ, то чунон гӯям туро.
Ҷони ман, бо он ки хос аз баҳри рафтан омадӣ,
Соате биншин, ки умри ҷовидон гӯям туро.
То рақибонро набинам хушдил аз ғамҳои хеш,
Аз ту бинам ҷабру бо худ меҳрубон гӯям туро!
Баски мехоҳам, ки бошам бо ту дар гуфтушунид,
Як сухан гар бишнавам, сад достон гӯям туро.
Хуштар аз меҳр аст ҳар ҷавре, ки бо ман мекунӣ,
Моҳи ман хуш нест, гар номеҳрубон гӯям туро.

Ҳилолӣ дар ғазали «Ошиқи зори кистӣ?» худашро ба нодонӣ зада, маҳбубаашро шоирона тавсиф мекунад. Ӯ ҳангоми тавсифаш аз санъати таҷоҳули ориф моҳирона истифода кардааст, яъне худро ба нодонӣ зада, сифатҳои баркамоли маъшуқаро ёдовар мешавад, ки ин тарзи адо хусусияти хоси ин санъат аст. Шоир олиҳаашро ба **тозабаҳор, моҳи нав, шоҳи ҳусн, сарви чаман** монанд карда, ӯро аз онҳо болотар мегузорад ва таъкид мекунад, ки бо ин ҳама зебоию раъноӣ аз они кӣ бошӣ?

Эй зи баҳор тозатар, тозабаҳори кистӣ?
Ваҳ чӣ нигори турфаӣ, турфанигори кистӣ?
Ҳаст рухи ту моҳи нав, кавкаби туст шоҳи ҳусн,
Моҳи кадом кишварӣ, шоҳи диёри кистӣ?
Лолаву сарви ин чаман мунфаиланд пеши ту,
Сарви кадом гулшанӣ, лолаузори кистӣ?

Ғазалҳои ишқии шоирро бо як шӯру ҳаяҷон хонда, кас ба хубӣ эҳсос мекунад, ки ишқи шоир реалӣ, заминӣ, воқеӣ аст. Яъне духтари мавзункомат, дилкашу моҳтальатест, ки дар назди қаҳрамони лирикӣ буда, зиндагии ӯро зеботар мегардонад. Аммо баъзан ёр истиғно, бевафоӣ мекунад, шоир аз ин ғамгину озурда мегардад, ба ҷустуҷӯи ёр мебарояд:

Рӯзи наврӯз асту сарви гулъузори ман куҷост?
Дар чаман ёрон ҳама ҷамъанду ёри ман куҷост?
Гашта мардум ҳар яке имрӯз сайди ҷобуке,
Ҷобуки сайдафкани мардумшикори ман куҷост?

Нест як соат қарор ин ҷони нооромро,
Ё раб, он ороми ҷони беқарори ман куҷост?

Вале боз шоир шукр мекунад, зеро ӯ ошиқ асту ғаму дарди ишқ дорад:

Дармони мо маҷӯй, Ҳилолӣ, ки дарди ишқ,
Хос аз барои ҷону тани дарднокӣ мост.

Бояд гуфт, ки шоир дар ин қабил ғазалҳо танҳо маъшуқа, диллодаашро васф накардааст. Илова бар ин адиб зан–модарро, ки ӯ ҳам зебо ҳасту зиндагиро файзбахш, ништангез мегардонад, ситоиш намудааст. Чизи зебо, сухани зебо, шахси зебо ва махсусан зану духтари зебо ба кас илҳом мебахшад, ҳаётро пуртаровату пурнишот мегардонад. Тавре ки равшан аст, шоир зан дошт ва соҳиби фарзанд ҳам буд. Умрашон ба ҷое расида, вале муҳаббати байнашон пойдор мисли чашмаҳо софу беолоиш мондааст. Зеро муҳаббати ҳақиқӣ ҷовидонист. Ба ин восита шоир гӯшзад мекунад, ки инсон ба қадри зебоӣ бояд бирасад. Онро монанди гавҳараки чашм азиз нигоҳ дорад. Дар ғазали «Магар ҷонӣ?» шоир зебоиҳои инсон – занро бо як ҳиссиёти баланди шоирона тасвир мекунад:

Саҳаргоҳон, ки чун хуршед аз манзил бурун ой,
Ба рухсори ҷаҳонафрӯз оламро биорой.
Ба раъноӣ беҳ аз сарвӣ, ба зебоӣ фузун аз гул,
Таолаллаҳ, чӣ лутф аст ин ба зебоию раъноӣ.
Маро гӯӣ, ки ҷон бигзору фармоӣ, ки дил хун кун,
Ба ҷону дил мутеам, ҳар чӣ гӯӣ, ҳар чӣ фармоӣ.
Магар ҷонӣ, ки ҳар ҷо омадӣ, ногаҳ бурун рафтӣ?
Магар умрӣ, ки ҳар ҷо меравӣ, дигар намеоӣ?
Чӣ хуш бошад, ки аввал бар ман афтад гӯшаи чашмат,
Саҳар чун наргиси зебо зи хоби ноз бикшоӣ.

Ғайр аз ин дар ғазалиёти Ҳилолӣ мавзӯъҳои иҷтимоӣ, ахлоқиву тарбиявӣ низ ба чашм мерасанд. Шоир дар як ғазалаш ишорат кардааст, ки ҷомеаи онрӯза «олами харобобод» аст ва хуб мешавад, ки касе пайдо шавад ва он асоси зулму ситамро барканда, ҷамъияте барпо кунад, ки дар он адлу инсоф бошад. Яъне ӯ тарафдори шоҳи одилу халқпарвар аст:

Хушо касе, ки дар ин олами харобобод,
Асоси зулм фиканду бинои додниҳод!
Тавонгаре, ки дари хайр бар фақирон баст,
Даре зи олами боло бар рӯи он накушод.
Касе, ки ёфт бар аҳволи зердастон даст,
Ба зулм агар наситонад, худош хайр диҳод.

Дар ин шеър, махсусан дар байти охир, фикри некандешонаи адиб нисбат ба бечорагон, зердастон хеле баланд садо медиҳад. Илова бар ин, шоир аҳли ҷамъиятро ба дӯстию рафоқат, ҳамдилию ҳамкорӣ, ба якдигар дар ҳар маврид мададгору рӯҳбардор будан даъват менамояд. Зеро дар он рӯзгор ҳурмату эҳтироми якдигар кам гардида буд. Шоир ин вазъиятро дуруст мушоҳида карда, дӯстии байни одамонро орзу кардааст:

Бархез, то ниҳем сари худро ба пои дӯст.
Ҷонро фидо кунем, ки сад ҷон фидои дӯст.
Ҳошо, ки ғайри дӯст кунад ҷо ба чашми ман,
Дидан наметавон дигареро ба ҷои дӯст.
Аз дӯст ҳар ҷафо, ки расад, ҷон миннат аст,
Зеро ки нест ҳеҷ вафо чун ҷафои дӯст.

Барои ҳамин шоир ба хулосае меояд, ки бе ёру дӯсти ҳақиқӣ зиндагӣ кардан, ҳаёти хушбахтона гузаронидан муҳол аст. Ҳаёт бе ёру дӯсти ғамхор кайфияте, мақсаде надорад:

Бе ёр ба олам натавон буд, Ҳилолӣ,
Олам ба чӣ кор ояд, агар ёр набошад.

Умуман, Ҳилолӣ дар ғазалиёташ андешаю афкори умум, яъне одамони табақаҳои поёнии ҷамъияти онрӯзаро инъикос намудааст. Дарди дил, ғаму андӯҳи шоир дарди дармондагон аст.

**Баъзе хусусиятҳои бадеии ғазалиёти Ҳилолӣ.** Пеш аз ҳама ғазалиёти Ҳилолӣ бо содагию равонӣ ва нафосату салосату назокати худ фарқ мекунад. Кор фармудани санъатҳои маънавӣ ва лафзӣ, истифодаи таъбир, зарбулмасалу мақолҳои халқӣ ғазалҳои ӯро пурмӯҳтаво, ҷозибадор ва таъсирнок гардондаанд. Намунаҳои дар боло овардашуда чи аз ҷиҳати сабку услуби баён ва чи аз ҷиҳати мазмуну ғоя дар пояи баланд меистанд.

Шоир дар ғазалиёташ, махсусан аз санъати талмеҳ, таҷнис, муболиға, ташбеҳ, киноя, истиора, тавсиф бо камоли устодӣ истифода бурдааст. Барои мисол порчаи зерро гирем:

Дӯстон, имшаб давои ҷони маҳзунам кунед!
Бар сарам афсонае хонеду афсунам кунед!
Нест андӯҳи маро бо дарди Маҷнун нисбате,
Мешавам девона, гар нисбат ба Маҷнунам кунед.
Лолагун шуд хиркаи садчокам аз хуноби ашк,
Шарҳи ин сурат ба шӯхӣ ҷомагулгунам кунед.
Шаҳсавори ман ба саҳро рафтаву ман мондаам,
З-он гунаҳ аз шаҳр меҳоҳам, ки берунам кунед.

Ҳилолӣ дар байти поён калимаи **фардо**-ро се бор такрор карда бошад ҳам, басо бамавқеъанд. Санъати такрор байтро пуробуранг, дилкашу пурҷозиба ва мазмуну шаклро ҳамоҳанг гардондааст:

Ҳар шабе гӯям, ки **фардо** тарки ин савдо кунам,
Боз чун **фардо** шавад, имрӯзро **фардо** кунам.

Санъати тазоду муқобала ба ғазалиёти шоир тароввати махсус бахшидаанд. Дар байти зер дар мисраи дуюм санъати тазод хеле хуб қаламдод шудааст.

Хоҳам, ки ба зери қадамат зор бимирам,
Ҳарчанд кунӣ зинда, дигар бор бимирам.

Дар байти зер шоир аз санъати ташбеҳ («чу парӣ», «мани девона») ва тазод («дида надида») устокорона истифода бурдааст:

Эй ҳамчу парӣ аз мани девона рамида,
Сад бор маро дидаву гӯё ки надида.

Ҳилолӣ ғазали «Ба чашм»-ро дар пайравии ғазали Камоли Хуҷандӣ эҷод кардааст. Аз муқоисаи ин ду ғазал равшан мегардад, ки Ҳилолӣ ба ғазали Камол ҷавоби муносиб гуфтааст. Дар мавзӯъ, вазн, қофия ва радиф дар байни онҳо ҳамоҳангӣ ба хубӣ мушоҳида мешавад.

Ғазали Ҳилолӣ собит менамояд, ки ӯ аз ӯҳдаи ҷавоб гуфтан ба хубӣ баромада тавонистааст. Асоси ғазалро санъатҳои саволу ҷавоб ва таҷнис ташкил медиҳанд. Ибораи «Ба чашм» ба ду маъно омадааст. Аввалан, ба маънои қабул ва, дуюм, ба маънои аслиаш.

Камол:

Ёр гуфт: «Аз ғайри мо пӯшон назар». Гуфтам: «Ба чашм!»
«В-он гаҳе дуздида бар моменигар». Гуфтам: «Ба чашм!»
Гуфт: «Агар бар остонам об хоҳӣ зад зи ашк,
Ҳам ба мижгонат бирӯб он хоки дар». Гуфтам: «Ба чашм!»

Ҳилолӣ:

Ёр гуфт: «Аз мо макун қатъи назар». Гуфтам: «Ба чашм!»
Гуфт: «Қатъан ҳам мабин сӯи дигар». Гуфтам: «Ба чашм!»
Гуфт: «Агар бо мо сухан дорӣ ба чашми дил бигӯ,
То нагардад гӯши мардумро хабар». Гуфтам: «Ба чашм!»

Ҳилолӣ зарбулмасал ва мақолҳоро, ки имрӯз ҳам дар байни халқ маъмуланд, гоҳ айнан ва гоҳе мазмунан истифода бурдааст. Масалан, имрӯз ҳам дар байни халқ зарбулмасалу мақолҳои «Кори имрӯзаро ба фардо нагузор», «Ҷӯянда – ёбанда», «Дасти ману домони ту», «То дам аст, ғам аст» ва ғайра машҳуранд. Зарбулмасалу мақолҳои халқиро Ҳилолӣ ба ин тарз истифода бурдааст:

Рӯзи васл аст ҳам имрӯз, фидои ту шавам!
Кори имрӯз нашояд, ки ба фардо афтад.

Касон гӯянд: «Ҳар ҷӯяндае ёбандае бошад».
Туро меҷӯяму ҳаргиз намеёбам, чӣ ҳол аст ин!?

Дар ин дунё касе бе ғам набошад,
Агар бошад, банӣ олам набошад.

Домани худро бикаш имрӯз аз дасти рақиб,
Варна чун фардо шавад, дасти ману домони ту.

Дар ғазалиёти шоир табиати зебо бо тамоми рангорангию ҳашаматаш пеши назар ҷилвагар мешавад. Махсусан баҳори нозанин, шукуфтани гулҳо, нағмасароии парандагон дар дашту ҳомун, боғу бӯстонҳо чунон тасвир шудаанд, ки ба кас ҳаловат ва завқи эстетикӣ мебахшанд. Чунин ғазалҳо ба инсон рӯҳи тоза, мадори беандоза бахшида, онҳоро ба муҳаббату меҳнати содиқатмандона ҳидоят мекунанд. Тасвири табиат ҳам ба кору зиндагии одамон, муҳаббати поку беолоиши инсон пайванди ногусастанӣ дорад. Онҳо

бо ҳам омезиш ёфтаанд, якдигарро тақвият медиҳанд. Масалан, дар ғазали «Ту бошию ман» ин матлаб хеле зебо ифода ёфтааст. Қаҳрамони лирикӣ орзу дорад, ки дар замин, дар чаман, дар назди гулу ёсуман, дар Рум ё Чин, хулоса дар кучое, ки бошад, бо ҳам бошем, аз дидору ҷамоли якдигар бенасиб нагардем:

Хуш он, ки дар ҳама рӯи замин ту бошию ман,
Ба ҷуз ману ту набошад, ҳамин ту бошию ман.
Баҳор мерасад, оё бувад, ки дар чамане,
Нишаста пои гулу ёсуман ту бошию ман.
Маҳон ба ҷилвагаҳи нози худ рақибонро!
Ҳамин бас аст, ки эй нозанин, ту бошию ман.
Хуш аст ҳамсафарӣ бо ту, хоса он вақте
Ки гар ба Рум равам ё ба Чин, ту бошию ман.
Баҳор омаду гашт ин ҳавас зи шавқ маро,
Ки бар канори гулу ёсуман ту бошию ман.

Пас аз марги шоир шӯҳрати ғазалҳои намакину рангинаш ба ҳар диёр паҳн мешаванд, зеро хусусияти хушоҳангию мавзунияти онҳо бисёр баланданд. Ин аст, ки дар ҳар як маҳфил, базму сур аз забони ҳофизони хушхон ғазалҳои шоир садои фораму дилкаш дода, ба дилҳо дармон мебахшанд. Ва аксарияти ғазалҳои Ҳилолӣ ба асари класикии мусиқии тоҷик «Шашмақом» дохил шудаанд ва имрӯз ҳам дар иҷрои ҳофизони шашмақомхон садо медиҳанд. Ҳофизони халқӣ дар маъракаю базмҳо ашъори пурнафосати Ҳилолиро бо лаҳну оҳанги халқӣ замзама мекунанд. Ҳамаи ин халқияти эҷодиёти Бадриддин Ҳилолиро пурра собит менамоянд.

**Достони «Лайлӣ ва Маҷнун»**

Достони «Лайлӣ ва Маҷнун» нуқтаи баландтарини эҷодиёти Бадриддин Ҳилолист. Мавзӯ достон нав нест. Қиссаи Лайлӣ ва Маҷнун ҳанӯз дар эҷодиёти шоирони асри X ёдрас шудааст. Ин қисса яке аз афсонаҳои маъмули мардуми араб буда, пас аз истилои арабҳо дар байни халқи мо паҳн мешавад. Бори аввал дар таърихи адабиёти тоҷику форс шоири асри XII Низомии Ганҷавӣ ин қиссаро ба риштаи назм даровардааст. Сониян, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Ҷомӣ, Навоӣ, Ҳилолӣ ва дигарон дар пайравии Низомӣ ва Амир Хусрав достонҳои худро иншо кардаанд. Мавзӯи асосӣ ё сюжети қисса қариб дар ҳамаи достонҳо такрор меёбад. Тафовут баъзан дар эпизодҳо, характери қаҳрамонҳо ба назар мерасад. Мавзӯи қисса ишқист. Ишқи фоҷиавии ду дилдода – Лайлӣ ва Маҷнун асоси достонҳоро ташкил медиҳад.

Бадриддин Ҳилолӣ низ ба адибони гузашта, махсусан ба Низомии Ганҷавӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ пайравӣ карда, достонашро эҷод кардааст. Шоир дар хотимаи асар ба ин масъала ишорат намуда чунин мегӯяд:

Буданд сегонаи замона,
Ҳар як ба ягонагӣ фасона...
Ман кистам аз шумори эшон,
Корам нарасад ба кори эшон.

Эй ман саги остони Ҷомӣ.
Хоки дари Хусраву Низомӣ
Эшон баҳранду ман саробам.
Эшон ганҷанду ман харобам.
Дорам ду-се гавҳаре парешон.
Он низ зи баҳру кони эшон.

Аз ин байтҳо ба хубӣ пайдост, ки шоир марди хоксору фурӯтан будааст. Ӯ худашро дар назди устодони гузашта ҳеч мешуморад. Албатта, ин бузургии инсон аст. Аз тарафи дигар, ин байтҳо ба муқобили шоирони мадҳхудбин, ки худро ягонаи даҳр ва аз ҳама шоирони гузашта муқаддамтар ва бузургтар мегузоштанд, равона карда шудаанд. Шоир ба ин восита онҳоро ба хоксорӣ ва фурӯтанӣ даъват мекунад.

**Сюжети достон**. Достони «Лайлӣ ва Маҷнун» аз 1770 байт ва 34 боб иборат аст. Асар мисли достонҳои Низомию Амир Хусрав дар баҳри ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи маҳзуф (– – V/ V – V –/ V – –) суруда шудааст.

Сюжети мухтасари он чунин аст: «Мири араб писараш Қайси хурдсолро ба мактаб медиҳад. Дар ин мактаб бо Лайлӣ ном духтараки зебое, ки аз қабилаи дигар аст, вомехӯрад. Онҳо бо ҳам унс гирифта муҳаббат пайдо мекунанд. Боре Қайс Лайлиро дида беҳуш шуда меафтад. Лайлӣ омада ӯро ба ҳуш меорад. Пас аз ин қиссаи ишқу муҳаббати онҳо дар байни мактабиён овоза мегардад. Ин хабар ба гӯши модари Лайлӣ мерасад ва ӯ духтаращро дигар ба мактаб рафтан намемонад. Қайс тағйир ёфта девонаавзоъ мешавад ва номи Маҷнунро ба ӯ мардум муносиб мебинад. Боре Маҷнун ба сурати гадоён даромада ба хонаи Лайлӣ меравад ва бо ӯ мулоқот мекунад. Сипас, мулоқоти ӯро падараш манъ мекунад ва Маҷнун маҷбур мешавад, ки ба дашту ҳомун барояд ва дар фироқи Лайлӣ нола кунад. Падар барои овардани фарзанд саъю кӯшиш мекунад ва бо маслиҳати пири хирадманд дар хонаи хоби Маҷнун сурати Лайлиро мегузорад. Пас Маҷнунро меорад. Ӯ чанд рӯз дар хона меистад ва аз тамошои сурати Лайлӣ то андозае таскин меёбад. Аммо боз ӯ тоқат накарда, ихтиёри дашту ҳомун карда, бо ҷонварон ва ваҳшиён унс мегирад. Боре Лайлӣ ба мақсади зиёрати мазоре аз хона берун шуда, Маҷнунро ҷустуҷӯ мекунад ва ниҳоят ӯро ёфта мулоқот мекунад. Пас аз ин ҳодиса падари Маҷнун рафта ӯро ба хона меорад ва барои муолиҷа табибӣ ҳозиқеро даъват мекунад. Табиб мегӯяд, ки ягона илоҷаш ҳамин аст, ки ба ӯ Лайлиро хостгорӣ кунед. Падар ба хонаи Лайлӣ меравад. Аммо волидайни Лайлӣ ҷавоби инкор медиҳанд ва мегӯянд, ки Қайс девона аст. Ин хабарро ба воситаи доя Лайлӣ шунида эътироз баён мекунад ва мегӯяд, ки ба ҷуз Маҷнун каси дигарро намехоҳад. Дар ҳақиқат, ҳангоме ки Ибни Салом барои писараш Лайлиро хостгорӣ мекунад, Лайлӣ ҷавоби рад медиҳад ва мегӯяд, ки ба ҷуз Маҷнун каси дигар лозим нест.

Сардори қабила Навфал дар биёбон Маҷнунро дар ҳолати мадҳушӣ дида, ӯро ба ҳуш меорад, парасторӣ мекунад ва ҳамаи саргузашти Маҷнунро аз ӯ мефаҳмад ва мехоҳад, ки барояш кӯмак намояд. Барои ҳамин ба падари Лайлӣ мактуб навишта хоҳиш мекунад, ки бояд ин ду дилдода ба

мурод расанд. Агар ҷавоби рад шавад, дар байни мо ҷанг ногузир ба вуқӯъ меояд. Падари Лайлӣ қабул намекунад ва дар байни ин ду қабила ҷанг оғоз мегардад. Навфал ғалаба мекунад ва асирони зиёд мегирад. Дар байни асирон Лайлӣ ҳам ғанимат меафтад. Вале Маҷнун намехоҳад, ки бе ризояти падару модари Лайлӣ бо ӯ издивоҷ кунад. Пас аз ин Навфал Лайлӣ ва дигар асиронро ҷавоб медиҳад. Ҳангоме ки хешу табори Лайлӣ аз рафтори Маҷнун огоҳ мешаванд, муносибати онҳо ба Маҷнун тағйир меёбад. Падару модари Лайлӣ барои издивоҷи онҳо ризоят медиҳанд. Тӯйи арӯсӣ оғоз меёбад. Ҳар ду қабила дар ин рӯзи хурсандӣ иштирок мекунанд. Вале дар охири тӯй, ҳангоме ки арӯсу домод ба якдигар вомехӯранд, аз хурсандӣ шодимарг мешаванд. Тӯй ба мотам табдил меёбад. Аз ин ҳодисаи фоҷиавӣ мардуми ҳар ду қабила, падару модари онҳо мутаассир гашта, ашки ҳасрат мерезанд, ҷасади онҳоро дар як қабр дафн мекунанд.

**Ғояи асар.** Тавре ки зикр кардем, мавзӯи достонситоиши ишқи поки инсонист. Ишқи номуроди ду дилдода – Лайлӣ ва Маҷнун. Шоир ба ин восита нишон додааст, ки ҷомеа, ашхоси бефарҳанг ва урфу одатҳои аҷдодӣ имконият надоданд ин ду ҷавон, ки якдигарро дӯст медоштанд ва бе якдигар зиндагӣ карда наметавонистанд, ба мурод расанд. Ишқу муҳаббат ва худи онҳоро ҷомеа бугӣ кард. Оре, зан дар ҳар як самти зиндагӣ бесадо, беҳуқуқ ва мазлум буд. Аммо шоир дар ин достон ба воситаи образҳои асар муносибаташро нисбат ба ин масъалаҳо баён карда, хотиррасон мекунад, ки инсон ва ишқи поки ӯро таҳқир кардан нашояд. Ҳатто ҳайвоноти ваҳшӣ ба Маҷнун унс гирифта, дӯстӣ карданд, вале ҷомеа ва афроди нолоиқ Қайсро таҳқир карда девона хонданд. Чунин ҳодисаҳо дар рӯзгори пешин бисёр буданд. Аз ин ҷиҳат асари шоир дар асоси заминаҳои реалӣ ба вуҷуд омадааст.

**Таҳлили нақшҳои асосии достон.** Симои воқеии Лайлӣ бо бисёр хусусиятҳои худ аз Лайлиҳои достонҳои ҳамноми шоирони гузашта фарқ мекунад. Пеш аз ҳама, Лайлии Ҳилолӣ боақл, соҳибҷамол, бовафо, нотарс, қавирода ва дар роҳи мақсад устувор аст. Муҳаббати ӯ ба Маҷнун пок ва самимист. Ҳангоме, ки ӯро ба писари Ибни Салом доданӣ мешаванд, Лайлӣ норизогии худро ошкор баён мекунад ва мегӯяд, ки ман танҳо Маҷнунро мехоҳам. Тӯй қатъ мегардад, Ибни Салом баромада меравад:

«Аз зери ҳарамсарои гардун
Бар кас нарасам, магар ба Маҷнун».
Обу гили мо якест бо ҳам,
Ҷону дили мо якест бо ҳам.
Дар хона зи гуфтугӯи он моҳ
Берун ҳама кас шуданд огоҳ.
Чун Ибни Салом з-он хабар ёфт,
Баргашту иноно азм бартофт.

Аммо дар Низомӣ ва дигарон Лайлӣ фаъол нест ва мутеи дигарон аст. Дарди дилаш бисёр, вале ошкор гуфта наметавонад. Лайлӣ дар достони Ҳилолӣ нотарсу далер нишон дода шудааст. Ин далерию нотарсӣ барои муҳофизати ишқи пок, барои амалӣ гардидани нияту орзуҳои наҷиб аст. Ӯ

ба Мачнун хитоб карда мегӯяд, ки биё, аз байни ин чамъият ишқи покамонро гирифта меравем. Дунё васеъ аст. Ба ҷое мерасем, ки ба ғайри мо каси дигаре набошад:

Бархез, ки ғум кунем раҳро,
Чун бод ниҳем рӯ ба саҳро.
Бошем ба зери чархи даввор,
Ҷое, ки тиҳӣ бувад зи агёр.
Сад сол агар зи пай шитобанд,
Ҳаргиз асаре зи мо наёбанд.
На дӯст ба мо расад, на душман,
Ман бошаму ту, ту бошию ман!

Садокату муҳаббати Лайлӣ нисбат ба Мачнун чунон бузург аст, ки ба ҳар роҳу восита меҳоҳад Мачнунро бинад. Лахзае бошад ҳам, бо ӯ сӯҳбат намояд. Барои ин бо баҳонаи зиёрати мазоре ба мулокоти Мачнун меравад ва ӯро дар биёбон пайдо мекунад. Ба ин восита, агар аз як тараф, беҳуқуқӣ, зулму тааддии гурӯҳи табақаи болои ҷомеаро нисбат ба зан нишон дода бошад, аз тарафи дигар, ӯ таъкид менамояд, ки зан дар ҳаёт бояд мавкеъ дошта бошад. Барои ишқи пок, амалӣ гардидани максаду маром ӯ бояд мубориза барад.

Ба ҳамин тариқ, шоир дар образи Лайлӣ хислатҳои беҳтарини занони Шаркро инъикос намудааст.

Мачнун ҳам ишқи пок дорад ва дар садокат устувор аст. Ҳангоме ки ӯро падараш ба зиёрати Каъба мебарад, Мачнун ба Каъба саҷда карда хоҳиш мекунад, ки ишқи Лайлиро дар дилаш устувортар кунад. Орзу менамояд, ки ба висоли маҳбубааш расад:

З-ошуфтагию ҷунуни барошуфт,
Зад дасти дуо ба ҳалқаву гуфт:
«Ё раб, ки маро ба ғайри Лайлӣ
Ҳаргиз ба касе мабод майле!
Майле, ки ба ӯст, беш бодо!
Ҳар лаҳза фузун зи пеш бодо!
Гӯянд маро: «Зи ишқ бас кун!
Фориғ шаву тарки ин ҳавас кун!»
Ҷуз ишқ мабод дар замирам.
Ё раб, ки дар ин ҳавас бимирам!
Ё раб, ки маро ба кӯи ӯ бар,
В-аз роҳи карам ба сӯи ӯ бар.

Ҳангоме ки Лайлӣ ба Мачнун гурехтанро таклиф мекунад, Мачнун розӣ намешавад. Барои он розӣ намешавад, ки шарафу исмати Лайлӣ барояш аз ҳама муҳимтар аст. Намехоҳад, ки Лайлӣ бадном шавад:

Мачнун гуфто: «Бале, фаammo,
Бадномии туст ин муаммо.
Тарсам, ки миёни ҷамъи авбош
Ин қисса ба тӯҳмате шавад фош,
Дар маъракаҳо фасона гардад,
Дар майкадаҳо тарона гардад.

Аз ин эпизод ва лаҳзаҳои дигари достон хислатҳои хирадмандӣ, дурандешӣ, покниятӣ ва содадилии Маҷнун ба хубӣ эҳсос мешавад. Вақте ки Навфал аз ишқи Маҷнун огоҳ мешавад, мехоҳад, ки ба ӯ дасти ёрӣ дароз кунад. Ҳамин тавр ҳам мешавад. Ӯ бар қабилаи Лайлӣ ғалаба мекунад. Аз рӯи мантиқ бояд диллодагон ба мурод мерасиданд. Вале Маҷнун ба Навфал ҷавоби рад медиҳад ва намехоҳад, ки бо зӯрӣ ба висоли ёр расад. Шоир ба ин восита масъалаи одамиятро мегузорад. Ҳангоме ки падару модар ва қабилаи Лайлӣ огоҳ мешаванд, дар пеши одамияти Маҷнун сари таъзим ҳам мекунанд ва бо хоҳиши худ ба тӯйи онҳо рухсат медиҳанд:

Он қавм ба ҷон шуданд мамнун,
Гуфтанд: «Зиҳӣ вафои Маҷнун!
Он беҳ, ки вафо кунем бо ӯ,
То чанд ҷафо кунем бо ӯ?
Хотир ба салоҳи ӯ гуморем,
Лайлӣ ба никоҳи ӯ дарорем».

Ҳилолӣ ба воситаи образи Маҷнун хислатҳои гуманистӣ, поквиҷдонӣ, софдилӣ, вафодории одамони пешқадами ҷомеаро нишон додааст.

Дар достон Навфал образи мусбат тасвир ёфтааст. Навфал ҳам мехоҳад ба Маҷнун некӣ кунад ва дар ҳақиқат некӣ ҳам кард. Зеро ӯ бо вуҷуди мақому мартабааш ба дарди ишқ гирифтор буд. Аз ин рӯ, дарди Маҷнунро дуруст дарк кард:

Бо ин ҳама мулку сарфарозӣ,
Медошт саре ба ишқбозӣ,
Ишқи зи қиёс дошт берун,
Ӯ низ чу Қайс буд маҷнун.

Аммо ӯ ҳам аз поктинатию инсондӯстии Маҷнун моту мабҳут гашт.

Падари Маҷнун ҳам нисбат ба фарзанди ҷигарбанд муҳаббати бепоён дорад. Ӯ мехоҳад ба фарзандаш бо кадом роҳе, ки бошад, ёрӣ расонад.

Ба ҳоли Маҷнун дилаш месӯзад. Ба назди хирадманд, табиб меравад, то ки фарзандашро аз ин «бало» наҷот диҳад. Ӯро ба Каъба мебарад. Маҷбур мешавад, ки барои хостгорӣ ба хонаи падари Лайлӣ равад.

Падари Лайлӣ аз бисёр ҷиҳат мухолифи падари Маҷнун гузошта шудааст. Ӯ ба зан ҳамчун ба махлуқи паст нигоҳ мекунад. Аз ин ҷост, ки бар хилофи хоҳиши духтараш Лайлиро ба шахси доро, сарватманд доданӣ мешавад. Дар симои падару модари Лайлӣ шоир ашхоси мағруру худписанд, чизпараст ва волидайни бераҳму шафқатро ба қалам додааст. Чунин падару модарон расму оинҳои номатлубро асос карда, бахту саодат ва ояндаи фарзандони худро фикр намекунад.

Бадриддин Ҳилолӣ пеш аз навиштани достони худ «Лайлӣ ва Маҷнун»-ҳои зиёдеро омӯхта, мутолиа карда ба хулосаҳои даркорӣ меояд. Аввалан, дар асараш эпизодҳои нав дохил намуда, ба ин восита характери қаҳрамонҳои асосиро тақвият медиҳад. Махсусан образи Лайлӣ бозёфти шоир аст. Ба воситаи образи Лайлӣ шоир муносибаташро ба зан нишон медиҳад. Дар симои Лайлӣ ақидаҳои пешқадами Ҳилолӣ ҷамъбаст гарди-

даанд. Аз ин рӯ, доир ба ин масъала адиб нисбат ба ҳамасрон ва шоирони гузашта қадами ҷиддӣ ба пеш гузоштааст.

Дуюмин хусусияти фарқкунандаи достон боз дар он аст, ки инсонпарварӣ, яъне масъалаи одамият бо тамоми хусусиёташ дар мадди аввал гузошта шудааст. Ин гуманизми Маҷнун аст. Маҷнун ишқи пок дорад. Дар роҳи ба мақсад расидан азобу машаққат мекашад, чора меҷӯяд, вале одамиятро аз даст намедиҳад. Аз рӯи ақлу хирад рафтор карда бо зӯрӣ, бе ризоияти падару модари Лайлӣ ба мурод расиданро раво намебинад. Бо ҷангу хунрезӣ ба муҳаббат, ба васли ёр расиданро барои худ нанг мешуморад:

Васле, ки ба зӯри ҷанг бошад,
Номест, ки ҷумла нанг бошад.
Бе майлу ризои қавми Лайлӣ,
Моро набувад ба васл майле...

Шоир бо ин таъкид менамояд, ки инсон дар кадом лаҳзаи душворе бошад, бояд аз рӯи хирад, одамият рафтор кунад. Бешубҳа, кору амалиёти Маҷнун ба рафторҳои ношоиста, кибру ғурур, беандешагӣ, фисқу фуҷури ашхоси нолоиқи рӯзгори шоир муқобил гузошта шудааст. Ба ин восита Ҳилолӣ онҳоро мазаммат намуда, дар зиндагӣ мисли Қайс шуданашонро талаб мекунад. Ҷанбаи тарбиявии образи Маҷнун басо бузург аст.

Ғайр аз ин достони Ҳилолӣ бо як сабку услуби равон иншо шудааст, ки ба хонандагони имрӯза дастрасу фаҳмост. Аз ин ҷиҳат ҳам аз достонҳои ҳамноми адибони гузашта фарқ мекунад. Масалан, дар порчаи зер шоир дар бораи мактаб, таълиму тарбия бо як ҳиссиёти баланд сухан меронад. Ӯ мактабро ба «Бозорчаи диёри илм» ташбеҳ намуда, аҳамияти мактабро дар илмомӯзӣ нишон медиҳад. Шахси бесаводро ба кӯр, яъне ба шахсе, ки сиёҳиро аз сафедӣ фарқ карда наметавонад, монанд кардааст:

Мактаб сабаби виқору[1] ҳилм[2] аст,
Бозорчаи диёри илм аст.
Аз мактабу васфи ӯ чӣ пурсӣ,
К-он ҷо фалак асту лавҳу курсӣ[3].
Эй тифл, зи илм баҳра бардор,
К-аз лавҳу қалам шавӣ хабардор.

Тифле, ки қалам гирифт дар даст,
Дасти ҳамаро ба ҷӯби тар баст.
В-он кас, ки ба лавҳу хат напардохт,
Ҳаргиз сияҳ аз сафед нашнохт.

Шоир дар тасвири табиат, зебоиҳои он суханро ба ҳадди камол расонидааст. Масалан, адиби нозукадо дамидани субҳ, баромади Офтобро бисёр рангин ва ҷозибу дилкаш ба қалам додааст.

---

[1] *Виқор* – тамкин, савлату шукӯҳ.

[2] *Ҳилм* – нармӣ, мулоиматӣ, хушодобӣ.

[3] *Лавҳу курсӣ* – лавҳаю тахтаи хатнависӣ.

Чун субҳ дарид пардаи шаб,
Пургулгула шуд ҷаҳон чу мактаб.
В-ин лучаи чархи лоҷувардӣ,
Аз мӯҳраи зар гирифт зардӣ.
Чун аз дами субҳи оламоро,
Шуд меҳри нуҳуфта ошкоро.
З-ин меҳр, ки синасӯз афтод,
Сад роз ба рӯи рӯз афтод.
Чун субҳ зи гардиши замона,
Пурнур шуд ин гиёҳхона.
Лайлисифат Офтоби гардун,
Омад зи сиёҳхона берун.
Рӯзе, ки шуд Офтоби наврӯз,
Дар олами хок оламафрӯз.
Гулҳо ҳама сар заданд аз гил,
В-аз ханда кушуд гунчаро дил.
Омад гулу гоза кард ҷоиро,
Орост ба тозагӣ ҷаҳонро.

Дар ин порчаҳо шоир аз санъатҳои ташбеҳ, истиора, талмеҳ, таҷнис ва ғайра ба хубӣ истифода бурдааст. Дар банди аввал Ҳилолӣ таъкид менамояд, ки субҳ дамид, шаб нопадид гашт, олам аз шуои Офтоб равшан гардид, ҷаҳон пурғулғула, дар ҷӯшу хурӯш омад. Ин ба мисли саҳнаи мактаб, ки аз хандаю бозии шогирдон ҳамеша пурғулғула аст. Умуман, шоир аз тасвири табиат, санъатҳои бадеӣ барои кушодани моҳияти воқеаҳо, характери қаҳрамонҳои асараш бамаврид истифода бурдааст.

## НАЗАРИЯИ АДАБИЁТ

**Лирика ва намудҳои он**

Лирика яке аз муҳимтарини ҷинсҳои адабиёти бадеӣ ба шумор рафта, таърихи қадима дорад. Нависанда ба воситаи асарҳои лирикӣ ҳиссиёти ботинӣ, ҷаҳонбинӣ ва афкори худро баён мекунад. Дар асарҳои лирикӣ амалиёт, рафти воқеаю ходисаҳо, низоъҳои байни персонажҳо монанди асарҳои эпикӣ- лирикӣ сюжети яклухт надоранд. Агар баъзан вохӯранд ҳам, онҳо дар асар нақши муайян надоранд. Барои равшану возеҳ ифода ёфтани ҳиссиёти нависанда баъзан дар дохили асарҳои лирикӣ унсурҳои эпикӣ, руҷӯъҳои лирикӣ ҳам ба мақсади муайян дохил карда мешаванд, ки ба ин восита адиб муносибати худро доир ба ҳодисаю амалиёти асар равшан менамояд.

Лирика, пеш аз ҳама, аз дигар ҷинсҳои адабӣ бо он фарқ мекунад, ки характери субъективӣ дорад. Яъне дар асарҳои лирикӣ тасвири ғаму андӯҳ, шодию фараҳ, орзую омол, идея ва афкори фард, ки бевосита худи нависанда аст, меистад. Вале зимни «ман»-и худ орзую омол, афкору ҷаҳонбинии одамонро нишон медиҳад. Ба ҳамин тариқ, образи қаҳрамони лирикӣ характери типӣ мегирад.

Дар «Луғати истилоҳоти адабиётшиносӣ» лирика ба тариқи зайл маънидод карда шудааст: «Лирика аз калимаи юнонии лира – номи асбоби тор-

дори мусикии Юнони кадим, ки дар вақти сурудхонӣ навохта мешуд, гирифта шудааст. Асари лирикӣ воқеаю амалиётро бевосита нишон намедиҳад, балки фикру мулоҳиза ва ҳиссиёту хаяҷонеро, ки касе аз якчанд ҳодиса ҳосил кардааст, ифода мекунад. Ҳарчанд худи воқеаҳо дар асари лирикӣ нишон дода намешаванд, аммо мо ба воситаи он ҳамаи фикру эҳсосотеро, ки нависанда баён намудааст, тасаввур мекунем.

Дар асари лирикӣ фикру андеша ва ҳиссиёту хаяҷон чи қадар пурқувваттар ифода шуда бошад, тасвири ҳаёт низ ҳамон қадар пурратар хоҳад буд»[1].

Чунон ки дар боло қайд кардем, қаҳрамони асосии асарҳои лирикӣ бевосита худи шоир аст, ки онро дар адабиётшиносӣ **қаҳрамони лирикӣ** мегӯянд.

Қаҳрамони лирикӣ дар шеърҳои лирикӣ образи шоир аст, аммо ин айнан «худи шоир» нест.

Шоир ба воситаи образи худ шахси ҷамъиятӣ, як нафар фарди иҷтимоиро ба вуҷуд меоварад, ки вай муносибати худро нисбат ба замону давр, одамон ва нисбат ба иллату нуқсонҳои ҷомеа баён мекунад. Ин муносибати танқидӣ нисбат ба замон ва аҳли замон дар шеърҳои шоирони классикӣ дар симои қаҳрамони лирикӣ дар эҷодиёти тамоми шоирони пешқадами он давр ифода ёфтааст.

Асарҳои лирикӣ аз ҷиҳати сохт ва мазмуну мундариҷаашон ба чанд гурӯҳ тақсим мешаванд. Масалан, жанрҳои ғазал, рубоӣ, қасида, қитъа, тарҷеъбанд, таркиббанд, мусаддас, мураббаъ, мухаммас ва амсоли ин бевосита ба лирика мансубанд. Онҳо аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа ба қисматҳои зер тақсим мешаванд:

**1. Лирикаи сиёсиву иҷтимоӣ.** Асарҳое, ки ба мавзӯъҳои сиёсӣ бахшида мешаванд. Дар онҳо дар бораи ҷангу сулҳ, мубориза ю задухӯрдҳои озодихоҳона барои истиқлоли кишвар, инчунин дар бораи ҳаёти иҷтимоӣ, танқиди шоҳу амалдорон, тасвири зулму золимӣ ва ғайра маълумот дода мешавад. Масалан, рубоии зери устод Рӯдакиро гирем:

Дар манзили ғам фиканда мафраш моем,
Ду дида пуробу дил пуроташ моем.
Олам чу ситам кунад, ситамкаш моем,
Дасти хушу рӯзгори нохваш моем.

Дар ин ҷо шоир аз ҳаёти пуразоби худ шикоят мекунад. Пас аз мутолиаи абёти мазкур азобу ранҷ, рӯҳафтодагию дармондагии шоири бузург, ки дар поёни умраш аз шоҳони вақт дида буд, пеши назар меояд. Бо вуҷуди он ки дар рубоӣ он ҳодисаю воқеаҳои мудҳиш, ки шоирро ба чунин аҳвол оварда буданд, тасвир намеёбанд, вале ба воситаи тасвири ҳолатҳои рӯҳӣ ва ҳиссиёти ботинии қаҳрамони лирикӣ ин воқеаҳо равшану возеҳ ба назар мерасанд.

---

[1] Р. Ҳодизода, М. Шукуров, Т. Абдуҷабборов. Луғати истилоҳоти адабиётшиносӣ. «Ирфон», Душанбе, 1964, саҳ. 44–45.

**2. Лирикаи фалсафӣ.** Дар ин гуна шеърҳо шоир дар бораи сохти ичтимоӣ, давлатдорӣ, ташаккулу инкишофи ҷомеа ва табиат, муносибати инсон ба қонунҳои табиат, ба идеологияи он сухан меронад. Ба ин восита қаҳрамони лирикӣ нуқтаи назари худро доир ба масъалаҳои гуногуни зиндагӣ баён мекунад. Мунозираҳои Асадии Тӯсӣ, бештари қасидаҳои Носири Хусрав, баъзе рубоиёти Умари Хайём, ғазалҳои Ҳофиз, Ҷомӣ ва ғайра намунаҳои асарҳои лирикаи фалсафӣ ба ҳисоб мераванд.

**3. Лирикаи ахлоқӣ.** Эҷодиёти адибони бузурги гузаштаи мо саршори панду ҳикматанд, ки онҳо аҳамияти таълимию тарбиявӣ доранд. Мавзӯъҳои панду ахлоқ бештар дар асарҳои хурди лирикӣ инъикос меёбанд. Аксарияти шеърҳои устод Рӯдакӣ, Абӯшакури Балхӣ, Кисоии Марвазӣ, Носири Хусрав, Саъдии Шерозӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Камолиддини Биноӣ, Бадриддини Ҳилолӣ ва ғайра дар ҳамин мавзӯъҳо суруда шудаанд. Онҳо инсонро ба роҳи рости зиндагӣ, ба накӯкорию поквиҷдонӣ, ба маърифатомӯзӣ, одоби сухан ва дигар хислатҳои ҳамидаи инсонӣ даъват менамоянд.

Масалан, Саъдии Шерозӣ сухан гуфтанро ба ҷон кандан баробар медонад. Ҳар суханро оқилона, хирадмандона бояд гуфт ва дар ҷояш, дар мавқеаш. Агар мавқеаш набошад, бояд хомӯш нишаст, вагарна шахси сухангӯ беобрӯ мешавад:

Агарчи пеши хирадманд хомӯшӣ адаб аст,
Ба вақти гуфтан он беҳ, ки дар сухан кӯшӣ.
Ду чиз тираи ақл аст: дам фурӯ бастан,
Ба вақти гуфтану гуфтан ва вақти хомӯшӣ.

**4. Лирикаи ишқӣ.** Дар ин гуна асарҳо ишқу муҳаббати инсонӣ рукни асосист. Шоир муҳаббати худро ба воситаи қаҳрамони лирикӣ ба маъшуқааш баён мекунад. Ба воситаи ашёҳои гуногун ҳиссиёти ботинии худро изҳор менамояд. Ӯ гоҳ шод асту гоҳ ғамгин. Ин мавзӯъ дар эҷодиёти Саъдӣ, Камол, Ҳофиз, Ҳилолӣ мақоми арзанда дорад. Ҳилолӣ бесабаб нест, ки худашро подшоҳи майдони ишқ мегӯяд:

Кори ман аз ҷумлаи олам ҳамин ишқ асту бас,
Оламе дорам, ки дар олам надорад ҳеч кас.
Подшоҳи аҳли дардам бар сари майдони ишқ,
Ман миёни фитнаю хайли бало аз пешу пас.

**5. Лирикаи пейзажӣ.** Асосан ин гуна асарҳо ба тасвири табиат бахшида мешаванд ва онҳо дорои хусусиятҳои эмотсионалӣ, эҳтиросӣ ҳастанд. Тасвири зебоиҳои нотакрори табиати кишвар дар эҷодиёти ҳар як шоир мақоми арзанда дорад. Зеро манбаи илҳоми шоир табиат аст ва шоир аз латофату тароватӣ он ба ваҷд меояд ва ҳаяҷони худро ба воситаи шеърҳои дилангези худ ифода менамояд. Дар эҷодиёти адибони асрҳои X–XI васфи табиат ба авҷи камолот мерасад. Устод Рӯдакӣ, Дақиқӣ, Фаррухӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Ҷомӣ ва Ҳилолӣ зебоиҳои табиатро бо камоли маҳорат ба қалам додаанд. Қимати лирикаи Ҳилолӣ, пеш аз ҳама, дар он аст, ки забони абёташ содаю равон, дилчаспу хушоҳангананд. Дар аксарияти шеърҳои ӯ табиат

бо рангу бӯи аҷиб ба қалам дода шудааст. Вай монанди як наққоши моҳир манзараҳои дилфиребн дашту ҳомун, боғу чаман, баҳор, гулу булбул ва ғайраро тасвир мекунад. Масалан, дар байтҳои мазкур ҳиссиёти ботинии худро ба воситаи қаҳрамони лирикӣ тозаю рангин ба риштаи назм кашидааст. Дар ин рубоӣ қаҳрамони лирикӣ аз ҷамоли ёраш сармаст аст. Бо ӯ сӯҳбати самимӣ дорад. Барои ҳамин ба моҳу офтоб, субҳ илтиҷо мекунад, ки набароед, надамед, ки ман аз ҷамоли ёрам масрурам. Ӯ барои ман моҳу меҳр аст. Шоир ба воситаи хитобҳои ҳусни баён муносибат, ҳиссиёти амиқи худро табиӣ ба қалам додааст.

Оинаи нур аст рухи ёр имшаб,
Эй маҳ, бинишин дар паси девор имшаб!
Эй меҳр, бипӯш рӯи худро дар абр!
Эй субҳ, дами хеш нигаҳ дор имшаб!

Илова бар ин, баъзе жанрҳое ҳастанд, ки дар онҳо намудҳои гуногуни лирика омехта шуда омадаанд. Дар қасидаи «Шикоят аз пирӣ»-и Рӯдакӣ, ғазалҳои Ҳофиз, Ҷомӣ, Ҳилолӣ ва дигарон ҳам лирикаи сиёсиву иҷтимоӣ, фалсафӣ, ишқӣ, ахлоқӣ ва ҳам тасвири табиатро пайдо кардан мумкин аст, ки онҳо барои равшан кардани афкори адиб хизмат кардаанд.

**Савол ва супориш**

1. Ҳилолӣ бештар ба омӯзиши кадом илмҳо майл дошт ва чаро? 2. Дар бораи зеҳни тез ва таъби баланди Ҳилолӣ ҳамасронаш чӣ гуфтаанд? 3. Ҳилолӣ чӣ гуна хислатҳо дошт? 4. Шумо марди сӯҳбаторо ва ҳозирҷавоб будани Ҳилолиро аз чӣ пай бурдед? 5.Сабаби кушта шудани шоирро дар чӣ мебинед? 6. Мероси адабии Ҳилолиро номбар кунед. 7.Чаро Ҳилолӣ ба асари худ «Сифотулошиқин» ном гузоштааст? 8. Шоир дар асар бештар ба кадом масъалаҳо аҳамият додааст ва чаро? 9. Ҳилолиро чаро шоири лирик мегӯянд? 10.Лирика чист ва кадом намуди лирика ба ғазалиёти шоир хос аст? 11. Чаро Ҳилолӣ ғазалро аз ҳамаи навъҳои адабӣ баландтар мегузорад? Шумо ба фикри шоир розӣ ҳастед? 12. «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Ҳилолӣ бо кадом хусусиятҳояш аз достонҳои ҳамноми шоирони гузашта фарқ дорад? 13. Ҳилолиро дар ин масъала навовар гуфтан мумкин аст? 14. Образи Лайлиро шарҳ диҳед. 15. Оламияти Маҷнунро шумо дар чӣ мебинед? Ин амали Маҷнунро чӣ тавр мефаҳмед?

*Рӯйхати адабиёти илмӣ ва методӣ*

1. К. Айнӣ. Бадриддин Ҳилолӣ, Таджикгосиздат, Сталинабад, 1957.
2. А. Афсаҳзод. Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи дуюми асри XV, «Дониш», Душанбе, 1987.
3. Т. Миров. Дастури методии «Адабиёти тоҷик» барои синфи 9. «Маориф», Душанбе, 1986.

# ЗАЙНИДДИН МАҲМУДИ ВОСИФӢ (1485-1556)



*Нависандаи бозарофат, мушоҳидакор Зайниддин Маҳмуди Восифӣ бисёр нуқсонҳои дар режими хонӣ муайяншударо ба шакли нозуки ҳаҷвомез фош мекунад.*

*Академик Б. Гафуров*

**Тарҷумаи ҳол**

«Мирзобайрам ва Шоҳқосим бо чашми гирён ва лаби нолон аз ман ҷудо шуда рафтанд. Ман дар он мазор, дар ғарибию бекасӣ ва дар ҳолате, ки таб тамоми даруну берунамро месӯхт, танҳо мондам ва дар он ҳол байтҳоеро, ки дар ёд доштам, бар забон оварда нолаи ғарибона мекардам…

Намедонам, маро хоб рабудааст ё таб бурда, ки аз худ рафтаам. Як вақт шунидам, ки касе бар сари қабре бо овози ҳазин ин байтҳоро бо навҳаи ҷонсӯз мехонд:

Қош он рӯз, ки дар пои ту зад хори аҷал.
Дасти гетӣ бизадӣ санги ҳалокам бар сар.
То дар ин рӯз ҷаҳон бе ту надидӣ чашмам.
Ин манам бар сари хоки ту, ки хокам бар сар.

Навҳагар рубоии зеринро бо оҳанге боз ҳам ҷонсӯзтар месуруд:

Рафтӣ, ки дилам зи бори ғам ранҷа кунӣ!
Ё хотирам аз хори ситам ранҷа кунӣ!
Ман бе ту намезиям, чу ой рӯзе —
Зинҳор ба хоки ман қадам ранҷа кунӣ.

Гӯянда навҳагарии худро бо ин гуна байтҳо давом медод. Ин нолаҳои ҳазинона маро дар хоби мадҳушӣ фиристод. Як вақт ҳушёр шудам, ки зани хубрӯе дар ғояти ҳусну ҷамол бар сарам нишаста, ба рӯймоле ашк аз рӯи ман пок мекунад.

Чун ӯ маро чашмкушода дид, пурсид:

– О, ҷони модар! Аз куҷоӣ ва инчунин афтодаву хору зор чароӣ?

Гуфтам:

– Эй, модари меҳрубон! Аз Хуросонам ва ғарибу бемору нотавонам.

Гуфт:

– Эй фарзанди дилбанд! Ғам махӯр, ки ман модари туам, туро ғамхорӣ ва бемордорӣ мекунам. Инак, аз барои ту касе фиристода, туро ба хонаи худ мебарам.

Он зан рафту баъд аз замоне ғуломе шутуре овард ва маро бар он савор карда, ба хонаи он зани меҳрубон бурд. Аммо бемории ман шиддат ёфт ва оташи таб танӯри пайкарамро тамоман битофт, ба ҳадде, ки касеро намешинохтам. То чил рӯз дар ҳолати беҳушӣ ва бетоқатӣ будам. Баъд аз он арақоби сарде бар оташи табам рехт ва беморӣ аз баданам чун дуд аз оташ гурехт.

Меҳрубониҳои он занро бо ҳеҷ қалам тасвир ва таҳрир кардан ва бо ҳеҷ забоне тақрир намудан мумкин нест. Як модари мушфиқу меҳрубон ба фарзанди навзоди худ чӣ гуна бо дилсӯзӣ нигоҳубин кунад, ӯ ба ман, ки аз он бемории ҷонфарсо халос шуда, гӯё ба олами ҳаёт ба тозагӣ қадам ниҳода будам, ба ҳамон дараҷа, балки зиёдатар аз он дилсӯзӣ ва меҳрубонӣ мекард».

Ин як лаҳзаи ғамангези ҳаёти нависандаи бозарофат Зайниддин Маҳмуди Восифӣ буд. Соли 1512, ҳангоме ки Шоҳ Исмоили Сафавӣ ба Хуросон лашкар кашида, Ҳиротро мегирад, бисёр олимон, шоирон ва нависандагон тарки ватан намуда, роҳи Мовароуннаҳру Ҳиндустон ва дигар мамлакатҳоро пеш мегиранд. Восифӣ ҳам ҳамроҳи дӯстони наздикаш якумрӣ зодгоҳашро тарк менамояд.

Зайниддин Маҳмуди Восифӣ соли 1485 дар шаҳри Ҳирот ба дунё омадааст. Хешу табори Восифӣ низ аз табақаи миёнаҳоли шаҳр буда, бо меҳнати ҳалоли худ зиндагиашонро пеш мебурданд. Масалан, Мавлоно Амонӣ, ки табъи шоирӣ дошт ва яке аз хешовандони наздики Восифӣ ба ҳисоб мерафт, ба касби наҳӯдбиринҷкунӣ машғул буд.

Восифӣ дар байни ҳамин гуна ашхос ба камол расид. Таҳсили ибтидоиро дар Ҳирот гирифт. Падари Восифӣ Абдуҷалил марди донишманду илмдӯст буд ва орзу дошт, ки фарзандаш босавод шавад. Дар оянда Восифӣ таҳсилашро дар назди донишмандони маъруфи замон давом дод. Масалан, дар назди Мавлоно Исомуддин Иброҳим илмҳои мантиқ, маонӣ ва баёнро меомӯзад. Вай қобилияту истеъдоди аҷибе дошт. Дар синни 12–13-солагӣ илми назмшиносӣ ва муамморо ба хубӣ аз худ карда буд, ки ҳатто ҳусну қубҳи шеърҳои шоирони бузургро мефаҳмид.

Дар андак муддат Восифӣ дар Ҳирот шӯҳрат ёфта, овозаи донишу камолоти ӯ ба гӯши намояндагони мактаби адабии Ҷомӣ мерасад. Онҳо Восифиро даъват карда, дар назди уламо ва удабои замон имтиҳон мекунанд. Восифӣ аз имтиҳон бо муваффақият мегузарад.

Ба ҳамин тариқ, Восифӣ дар Ҳирот то соли 1512 ба касби камолот машғул шуда, шоҳиди задухӯрдҳои сулолаҳои Темуриён бо Шайбониён ва барҳам хӯрдани сулолаи Темуриён мегардад. Дере нагузашта Шоҳ Исмоил ба муқобили Шайбониён лашкар кашида, Ҳиротро ишғол мекунад. Онҳо

он касонеро, ки суннимазҳаб буданд, таҳқир мекарданд ва бисёриҳоро мекуштанд. Ҳатто қабри Абдураҳмони Ҷомиро оташ зада буданд. Бинобар ин аксарияти одамони суннимазҳаб Хуросонро тарк мекунанд. Восифӣ ҳам бо як машаққати зиёд, ҳамон зайле ки дар боло гуфтем, гурехта, ба Самарқанд меояд. Он вақт 27-сола буд.

Восифӣ 10 соли аввали ҳаёти худро асосан дар шаҳрҳои Самарқанд ва Бухоро гузаронд. Ӯ ба дарбори Убайдуллохон роҳ ёфта, чанд муддат ба корҳои эҷодӣ машғул шуд. Убайдуллохон, ки табъи шоирӣ низ дошт ва бо тахаллуси Убайдӣ шеър мегуфт, барои шӯҳрату дабдабаи дарбори худ шоирони зиёдеро ҷамъ намуда буд. Пас аз чанд муддат ҳокими Тошканд Севунҷхоҷахон барои таълиму тарбияи фарзандонаш Восифиро ба Тошканд даъват кард. Ҳаёти индавраи Восифиро устод Айнӣ ба тариқи зайл тасвир кардааст: «Восифӣ дар ин сайру сафарҳои худ гоҳ дар мадрасаҳо дар қатори муллоён ва талабагон истиқомат кард, гоҳо дар маҷлиси олимон ва шоирон умри худро бо мунозира ва мушоира сарф намуд, гоҳ бо омма ошноӣ карда, зиндагонии онҳоро омӯхт, гоҳо дар майхонаҳо ва хароботхонаҳо дар миёнаи авбошон ва майнӯшон афтода, ҳамкоса шуд, гоҳо дар дарборҳои хонҳои маҳаллӣ монанди надим (ҳамсӯҳбат) умр гузаронида... чанд гоҳ ба фарзандони Севунҷхоҷахон, ки дар Тошканд ҳукумат дошт, муаллимӣ кард».

Зайниддин Маҳмуди Восифӣ дар Тошканд танҳо як сол ба писарони Севунҷхоҷахон Келдимуҳаммад ва Наврӯзаҳмад таълим доду халос. Вай боз ба Самарқанд баргашт. Сабаби аз дарбор рафтани ӯ, пеш аз ҳама, дар он будааст, ки аҳли дарбор, шоирони маддоҳ ва дигар шахсони олирутбаи дарбор нависандаро таъқиб намуда, ҳар гуна корҳои ношоистаро дар ҳаққи ӯ раво дидаанд. Тӯҳмату бӯҳтон, мунофиқию бадкирдории аҳли дарбор қалби адибро маҷрӯҳ кард, бинобар ин ӯ маҷбур шуд, ки мусофират намояд.

Восифӣ дар Самарқанд дар масҷиди Атторон ба касби муаллимӣ машғул гардид. Ҳаёти ин давраи нависанда то як андозае ором ва осуда буд. Ӯ дар маҷлису ҷамъомадҳои аҳли илму адаби Самарқанд фаъолона иштирок мекард. Маҳз дар ҳамин айём, яъне дар солҳои 1517–1518 ба навиштани ёддоштҳои худ сар кард ва 10 боби аввали асари худро дар ҳамин ҷо ба анҷом расонид.

Баъди як сол шогирди Восифӣ Келдимуҳаммад ҳокими Шоҳрухия таъин гардид. Вай аҳли илму адабро аз ҳар гӯшаю канори мамлакат ба дарбор даъват намуд. Дар ин маврид муаллими худ–Восифиро низ аз ёд набаровард. Восифӣ ба дарбор рафтанро бо ҳар гуна баҳонаҳо рад намуд, вале Келдимуҳаммад ӯро маҷбуран ба дарбор овард. Восифӣ дар дарбор хизмати надимиро иҷро мекунад. Азбаски Восифӣ марди донишманду фозилу сӯҳбатоpo буд, дар дарбор эътибори зиёд пайдо кард. Восифӣ ба воситаи овардани ҳикоятҳои пандомез, нақлу ривоятҳои аҷиб табъи хонро хуш намуда, ӯро ба адлу дод даъват менамояд.

Зиёда аз 15 соли ҳаёти нависанда ба ин аҳвол гузашт. Дар ин муддат

Восифӣ ба навиштан ва тартиб додани асари бузурги худ «Бадоеулвақоеъ» пайваста машғул гардид.

Соли 1524 Севунчхоҷахон вафот мекунад ва Келдимуҳаммад аз Шоҳрухия ба Тошканд омада, ба тахти подшоҳӣ менишинад. Восифӣ ҳам ҳамроҳи Келдимуҳаммад ба Тошканд омада, боз ба ҳамон кори пештарааш машғул мегардад. Акнун Келдимуҳаммад хеле заиф ва касалманд шуда буд, ба корҳои давлатӣ камтар машғул мешуд, бисёртар вақти худро ба айшу нӯш сарф мекард. Восифӣ аз ин истифода бурда, бештар ба корҳои эҷодӣ машғул мегардад.

Ниҳоят, пас аз вафоти Келдимуҳаммад ба ҷои ӯ писари 6-моҳааш Ҳасансултон хон таъин мегардад, вале дар ҳақиқат бошад, идораи давлатро бародари Келдимуҳаммад Наврӯзаҳмад ба ӯҳда дошт.

Вақте ки Ҳасансултон 6-сола шуд, Восифӣ ҳанӯз дар дарбор буд. Восифиро муаллими ӯ таъин мекунанд. Чанд муддат Восифӣ ба ӯ таълим медиҳад. Ғайр аз ин ёддоштҳои худро ба охир расонида, ба Ҳасансултон мебахшад. Вале дере нагузашта Ҳасансултон вафот мекунад. Он вақт Восифӣ ба 55 даромада буд. Ҳаёти минбаъдаи нависанда дар Тошканд мегузарад ва дар пиронсолагӣ, чунон ки муаллифи тазкираи «Музаккирулаҳбоб» Хоҷа Ҳасани Нисорӣ мегӯяд, Восифӣ тахминан дар соли 1556 дар шаҳри Тошканд вафот мекунад.

**«Бадоеулвақоеъ». Мазмун ва сохти композитсионии асар**

Эҷодиёти Зайниддин Маҳмуди Восифӣ гуногун ва серсоҳа аст. Вай ҳам дар назм ва ҳам дар наср қувваозмоӣ кардааст. Адиб қариб дар аксарияти жанрҳои адабиёти классикӣ табъозмоӣ намудааст. Вале Восифӣ дар таърихи адабиёт ҳамчун нависанда маълуму машҳур аст. Аз ӯ то замони мо «Бадоеулвақоеъ» ном асараш мерос мондааст. Ин асар куллиёт ё маҷмӯи осори баргузидаи ӯст. «Бадоеулвақоеъ» дар давоми қариб 20 сол навишта шудааст. Ҳаҷми асар 90 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад. Асар аз 46 боб иборат буда, ба ҳар боб мувофиқи мазмуни он ном гузошта шудааст. Бештари бобҳо бо ифодаҳои «Гуфтор дар бораи…» шурӯъ мегарданд. Масалан, боби 33-юм чунин ном дорад: «Гуфтор дар зикри фазоилу камолоти Мавлоно Субҳӣ…». Ё ин ки як қисм бобҳо бо номи «Достон» (боби 35 «Достони хамсаи мутаҳайира») оғоз ёфтаанд. Ҳаҷми баъзе бобҳо хеле калон буда, дар он қиссаю ривоят, ҳикоят, ки ба повестҳои имрӯза хеле монандӣ доранд, оварда шудаанд. Вале ин бобҳо ба ҳамдигар узван ва мазмунан алоқаманд нестанд. Ҳар каломе дар алоҳидагӣ мустақил буда, ба худ мазмуну идеяи хос доранд. Танҳо чанд боби аввал то андозае ба ҳам алоқамананд. Дар ин бобҳо нависанда дар бораи ҳуҷуми сафавиён ва аз Хуросон ба Мовароуннаҳр гурехтан, дар бораи ҳаёти минбаъдаи худ дар Самарқанд, Бухоро, Саброн, Шоҳрухия, Тошканд ба тафсил нақл менамояд. Аз боби 11 сар карда ин алоқамандӣ канда мешавад. Восифӣ дар ин маврид ба 32 қадам монда буд ва дар дарбори Келдимуҳаммад хизмат мекард. Акнун Восифӣ дар бобҳои минбаъда базму маҷлисҳои шоҳонаро нақл карда, бо хоҳиши

Келдимуҳаммад аз ҳаёти мардони бузурги гузашта: Абулқосим Фирдавсӣ, Абӯали ибни Сино, Исмоили Сомонӣ, Абдулвосеи Ҷабалӣ, Мавлоно Котибӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Алишери Навоӣ, Мирзо Улугбек ва дигарон ривоят ва ҳикоятҳои диллангез нақл мекунад. Бештари бобҳои асар ба ҳодисаҳои сиёсиву иҷтимоии замони Восифӣ бахшида шудаанд, ки дар ин воқеаю ҳодисаҳои таърихӣ муаллиф низ иштирок кардааст. Аз ин ҷост, ки «Бадоеулвақоеъ» ҳамчун асари ёддоштӣ эътироф шудааст.

**Фикрҳои сиёсиву иҷтимоии Восифӣ.** Восифӣ қариб тамоми ҳаёти худро дар байни табақаи болоӣ гузаронидааст. Аз ин ҷост, ки вай характеру авзои онҳоро хуб медонад ва дар «Бадоеулвақоеъ» аз ҳаёти онҳо ҳикояту саргузаштҳои аҷиберо нақл мекунад. Дар ин нақлу ҳикоятҳо адолатхоҳӣ, дурандешӣ, хирадмандии баъзе шоҳон ва золимӣ, гумроҳию нодонӣ ва пастфитратии подшоҳону ҳокимон ва дигар соҳибмансабони рӯзгор гоҳ бо номҳои аслиашон ва гоҳ зимни персонажҳои манфии ҳикоятҳо ба зери тозиёнаи танқид гирифта шудаанд. Дар ин бора устод Айнӣ хеле хуб гуфтааст: «Восифӣ як нависандаи бериё ва бо таъбири оммавии тоҷикӣ «фуртакигӯй» аст. Ӯ дар навиштани аҳволи худ, аҳволи ҳамзамонон, дӯстон, ошноён ва ҳамсӯҳбатони худ ҳеҷ чизро зери парда нигоҳ намедорад».

Восифӣ ҳаргиз дар гуфтани сухани ҳақ ибо намекард. Ӯ шоҳони рӯзгор Келдимуҳаммад, Ҳусайн Бойқаро, Абӯсаид Мирзо ва вазирону ҳокимонро бо номҳои ҳақиқиашон мазаммат мекард, нодонию гумроҳии онҳоро фош менамуд. Масалан, Восифӣ дар ин бора ҳикояти «Кимёгар»-ро меорад. «Овоза дар шаҳри Ҳирот афтод, ки дар вилояти Нишопур шахсе пайдо шуд, ки илми иксир ва кимиёро некӯ медонад. Ва қудрати вай дар ин фан то ба ҳаддест, ки дар як шабонарӯз сад ман мис ва сад ман қалъагиро тиллою нуқраи холис месозад». Подшоҳ кимиёгарро ба Ҳирот даъват мекунад. Ҳамаи аркони давлат ба пешвози ӯ мебароянд. Худи Ҳусайн Бойқаро таассуф мехӯрад, ки «Эй дареғ, пойҳоям итоат намекунанд, ки дар рикоби он ҳазрат (кимёгар) пиёда равам», 40 рӯз кимёгарро иззату эҳтиром мекунанд. Дар рӯзи 41 сирру асрори кимёгар фош мешавад ва ӯро сангсор мекунанд.

Восифӣ ба воситаи ҳикояти мазкур пулпарастӣ, нодонию гумроҳии шоҳони замонро дар симои Ҳусайн Бойқаро нишон медиҳад. Худи муаллиф дар охир ба хулосаи зерин меояд: «Касеро ақлу тамиз ин бошад, ки ин навъ муҳилотро[1] қабул кунад, чӣ гуна қобили аморат ва салтанат хоҳад буд?».

Зайниддин Маҳмуди Восифӣ сабаби ҳамаи ин қашшоқии мардум, ноободии кишвар, вайронии ахлоқи одамони рӯзгорро дар суст будани пояи давлат ва ноӯҳдабарони шоҳон медид. Нависанда гуфтан мехоҳад, ки бе шоҳи бомаърифат, адолатпарвар ва сиёсатмадор муваффақият ба даст намеояд. Барои исботи фикри худ Восифӣ аз ҳаёти Келдимуҳаммад ҳикояти воқеиеро нақл мекунад:

---

[1] *Муҳилот* - сафсата, ҳила, макру фиреб.

«Дар таърихи 935 (1526 мелодӣ) буд, ки дар айлоқи Тулкайбош аълохазрат... Музаффарсултон Муҳаммад Баҳодурхон хаймаву боргоҳ ба фалаки лоҷувардӣ расонида буданд, ки шахсе ба расми додхоҳӣ ба зону даромад ва гуфт:

– Шоҳо, нишон ва фармони ҳумоюни олиро ба фалон кас бурдам, писанд накард ва гардан нанихад.

Султон дар хашм шуд ва гуфт:

– Мардак, ман худ равам ва ӯро биёрам!

Ман, ки ин суханро шунидам, тасаввур кардам, ки касе даст дар даруни ман даровард ва дилу ҷигари маро канд. Гиря бар ман ғалаба кард ва тоқат наёвардам. Бархостам ва ба хаймаи худ рафтам ва ба ҳой-ҳой гиристан оғоз кардам.

Яке аз одамони Султон аз дари хаймаи ман даргузашт. Овози гиряи маро шунида ба арз расонид. Султон фармуд, ки:

– Магар аз ҷое хабари нохуше омада бошад?

– Зуд рав ва муллоро талаб намой!

Он шахс омад ва гуфт:

– Шуморо Султон талаб менамояд.

Фақир ба мулозимат ҳозир шудам. Он ҳазрат фармуд.

– Шуморо чӣ шуда ва чаро мегирйед?

Гуфтам:

– Ба ҳоли худу ба ҳоли Шумо мегирям.

Бар ҳоли Шумо аз он мегирям, ки Шуморо мисли подшоҳони замони мозӣ хаёл мекардам. Мисли Султон Санҷари мозӣ, Султон Маҳмуди Ғазнавӣ ва Султон Исмоили Сомонӣ. Шумо, ки ҳамчунон подшоҳе бошед, ки нукари Шумо ҳукми Шуморо гӯш накунад ва гардан нанихад, аз Шумо касе чӣ тамаъ кунад?

Ман аз Маҳмуди Ғазнавӣ ҳикояте шунида будам. Аз Шумо тамаъ он доштам. Дареғи умедҳои норавоям, фиғон аз дардҳои бедавоям!».

Нависанда аз шароит истифода бурда, онро ба шахсияти Султон Маҳмуд вобаста кардааст. Албатта, Восифӣ медонист, ки Султон Санҷар ва Султон Маҳмуд то андозае нисбатан шоҳони одилу халқпарвар буданд.

Нависанда бо ин роҳ хост, ки шоҳони замона, аз он ҷумла ҳамон хони Тошканд–Келдимуҳаммад, ки ҳатто дар назди як нукараш суханаш эътибор надошт, панд гирад, давлатдорӣ ва раиятпарварӣ омӯзад.

Бояд гуфт, ки Восифӣ дар ин ҷо далерона ба муқобили шоҳони замонааш мебарояд. Дар ҳаққи онҳо суханони нешдори тамасхуромез мегӯяд. Восифӣ фарзандони Ҳусайн Бойқаро – Бадеуззамон ва Музаффарро низ ба зери тозиёнаи танқид гирифта, ноӯҳдабароӣ, бехирадӣ, фориғболӣ ва бадахлоқии онҳоро кушоду равшан нишон медиҳад. Ҳатто мардуми Ҳирот дар бораи ин ду шоҳзодаи меросӣ шеъре офарида буданд, ки дар он Бадеуззамон ва Музаффар, ки пас аз вафоти падар ба тахт нишаста буданд, ба ду шоҳи тахтаи шоҳмот монанд карда шудаанд:

Лек ба ҳар ду нисбати шоҳӣ бувад чунон,
Ба як-ду чӯбпора зи шатранҷ номи шоҳ.

Вай шоҳони гузаштаро бо онҳо муқобил гузошта, нотавониашонро ошкор менамояд. Нависанда рӯирост бо хон сухан гуфта, хотиррасон мекунад, ки агар мамлакатдорӣ ҳамин асту кор ҳамин, «Аз Шумо касе чӣ тамаъ кунад». Бинобар ин, афсӯс хӯрда мегӯяд: «Дареғи умедҳои норавоям, фиғон аз дардҳои бедавоям!». Восифӣ пас аз ин барои исботи фикр ҳикояти «Тири тиллоии Санҷар»-ро ба онҳо нақл мекунад. Гӯё Санҷар ҳар рӯз ба атрофи шаҳр тир меандохтааст. Тирҳои вай тиллоӣ будаанд. Ҳар кӣ тири тиллоиро ёбад, ё дар назди хонааш афтад, соҳиби он мешудааст.

Рӯзе Санҷар тир меондозад, ки аз тираш кӯдаки марди бечорае халок мегардад. Занак кӯдакро ба назди Санҷар оварда, хун талаб мекунад. Санҷар дар як табақ зар ва дар як табақи дигар ханҷар ниҳода мегӯяд:

«Эй модар, инак зар, инак Санҷар ва инак ханҷар!
Ҳар кадоме ки хоҳӣ, ихтиёр намой».

Аммо соҳибони писар зарро қабул намекунанд ва фақат қасоси фарзандашонро гирифтанӣ мешаванд. Даъвогарҳо писари подшоҳро гирифта ба беруни қаср мебаранд ва пас аз лаҳзае ба назди шоҳ баргашта мегӯянд: «Мо ин ҳама муболиға, ки намудем, ғарази мо ин буд, ки подшоҳи худро дар адл имтиҳон намоем».

Восифӣ ҳам аз анҷоми ҳикоят хурсанд мешавад ва орзу менамояд, ки чунин шоҳони одилу халқпарвар дар рӯзгор бошанд:

«Фархунда шаҳру диёреву хуҷаста мулку кишваре, ки дар вай инчунин қозӣ ва шаҳриёре бошад».

Восифӣ нақл мекунад, ки дар даврани ҳукмронии Ҳусайн Бойқаро қозиеро барои пора гирифтан ва ноодилона ҳукм бароварданаш аз кор дур карданд. Вале баъд аз чанд муддат бегуноҳии ӯ дар назди шоҳ собит гардид. Подшоҳ мехоҳад, ки боз ӯро ба кораш маъмур созад. Вале қозӣ «Ба ҳазрати подшоҳ арз дорад, ки таклифи эшон вақте воҷиб ва лозим аст, ки ба ғайри ман лоиқ ба амр касе набошад. Дар мулки ҳазрат касоне, ки мутасаддии ин амр тавонад шуд, аз ҳадду қаср берун аст».

Чунон ки аз ин суханони қозӣ маълум мешавад, ӯ дар ҳукмбарорӣ, соҳибихтиёр набудааст. Бевосита, чунон ки аз «Бадоеулвақоеъ» равшан мегардад, қозӣ ҳамон ҷиноятро бо амри наздикони худи шоҳ содир намудааст. Бинобар ҳамин қозӣ мегӯяд, ки ман ҳамон вақт ба хизмат меравам, ки дар ҳукмбарорӣ соҳибихтиёр бошам. Ҷавоби подшоҳ хеле аҷиб аст: «Ба ҷаноби қозӣ арз дорад, ки эшонро дар ҳар диёре, ки бошад, гурез нест. Пас дар ҳар вилояте, ки тарҳи иқомат андохтанд, бар ҳокими ин вилоят ин амр лозим хоҳад омад. Агар ҳамин ҷо ин амрро қабул фармоянд, чӣ шавад».

Ҳамин тавр, Зайниддин Маҳмуди Восифӣ пас аз нақли ҳодисаҳои ҳақиқии ҳаёти онрӯза ба хулосаи аҷибе меояд. Ӯ боварии комил дорад, ки ҳамин зайл фитнаю найрангбозӣ, зулму золимӣ, ба шахсони бегуноҳ ва пок-

виҷдон тӯҳмату бӯҳтон намудан будааст ва ҳамин хел мондан мегирад: «Оре, то ҷаҳон будааст, расм чунин будааст».

Аммо бо вуҷуди ҳамаи ин Восифӣ орзу кардааст, ки подшоҳ бояд одил бошад ва зулму золимӣ, фиребу найрангбозиро барҳам дода, ба халқи мазлум осудагӣ ва ҳаёти хуррам бахшад.

Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ҷавониашро дар айёми ҳукмронии Ҳусайн Бойқаро ва фарзандони ӯ гузаронидааст. Аз ин ҷост, ки ӯ кору рафтори намояндагони ин хонадонро хеле хуб медонад ва дар бораи ҳар кадомашон қиссаю ривоят, ҳикоёту мутоиботи аҷиб меорад. Восифӣ ба бештари подшоҳони ин хонадон бо назари манфӣ нигариста, беандешагӣ ва зулму золимии онҳоро дар «Бадоеулвақоеъ» ҷасурона тасвир намудааст. Аммо дар бораи Мирзо Улуғбек тамоман ба тарзи дигар сухан меронад. Ӯро ҳамчун шоҳи одил, босаховат, некӯкор, халқпарвар ва ботадбир ба қалам додааст. Восифӣ қайд мекунад, ки шаҳри Самарқанд дар замони ҳукмронии Мирзо Улуғбек васеъ гардида, дар он қасрҳои боҳашамат, мадрасаю масҷидҳои мӯҳташам бино ёфтанд.

Фактҳои таърихӣ ҳам исбот мекунанд, ки Мирзо Улуғбек дар ободу зебо намудани Самарқанд ва ривоҷ додани илму адаб саъю кӯшише кардааст. Вай нисбат ба аҳли илму адаб таваҷҷӯҳи зиёде дошта, ҳамеша онҳоро дар зери ҳимоят гирифта, ёрии моддӣ мерасондааст. Махсусан, дар инкишофи илмҳои дақиқ ва пайдо шудани як қатор олимони намоён, монанди Қозизодаи Румӣ, Алии Қушчӣ, Мавлоно Хавофӣ ва дигарон саҳми арзанда гузоштааст. Аз ҳамин рӯ, бисёр муаррихон ва нависандагони баъдина Мирзо Улуғбекро дар байни шоҳзодагони темурӣ шоҳи одил, шахси бомаърифат ба қалам додаанд.

Ӯ тарафдори халқи мазлум буда, барои беҳбудии ҳаёти онҳо чора меҷустааст. Гӯё Мирзо Улугбек дар даврам подшоҳиаш намегузоштааст, ки ягон марди фақири бечора аз зулму тааддии ҳокими бедодгаре азобу ранҷ кашад. Барои ҳамин, Восифӣ дар асараш дар бораи вай бо як муҳаббати беандоза сухан меронад. Восифӣ шоҳи одилро дар образи Мирзо Улуғбек нишон дода, ба ҳамин роҳ шоҳони замонаашро ба адлу дод даъват намудааст[1].

Нависанда ба ин восита нишон додааст, ки агар сардори давлат подшоҳ ва ё ҳокими инсондӯст, адолатпарвар, росткавлу некӯкор бошад, дигар тобеони вай, аз ҷумла қозию муфтӣ аз амали шоҳ ибрат мегиранд. Чунин аст ғоя ва мақсади асосии нависанда.

**Тарғиби илму ҳунар, панду андарзҳои ҳакимона**

Зайниддин Маҳмуди Восифӣ, ки худ марди донишманду ҳунарманд буд, барои пешрафти камолоти инсон илму ҳунарро зарур мешуморид. Аз ин ҷост, ки дар «Бадоеулвақоеъ» аҳли илму ҳунар ситоиш карда мешавад. Нақлу ри-

[1] А. Н. Болдырев, Зайниддина Васифӣ, Сталинобод, 1957, саҳ. 182.

воятҳое, ки дар бораи шоири бузург Абулқосими Фирдавсӣ, мутафаккири барҷаста Абӯалӣ Сино, Абдураҳмони Ҷомӣ ва дигарон овардааст, пурра фикри болоро тасдиқ менамоянд. Нависанда дар ин нақлу ривоятҳо кору зиндагии ин мардони бузургро моҳирона ба қалам додааст. Восифӣ дар бораи онҳо бо камоли эҳтиром, бо муҳаббату самимияти беандоза сухан меронад. Нависанда ба эҷодиёти Фирдавсӣ ва Сино баҳои ҳаққонӣ ва арзанда медиҳад ва меҳнату заҳмати онҳоро дар ин роҳ қадр менамояд.

Қаҳрамони асосии бисёр ҳикоятҳо, ки дар «Бадоеулвақоеъ» оварда шудаанд, маҳз аз ашхоси табақаҳои поёни ҷомеаанд. Масалан, ҳикояти «Ёқут ва Ҳиндухоҷа»-ро мегирем. Мазмуни мухтасари он чунин аст: – Ёқут ва Ҳиндухоҷа ду бародарон буданд, ки халифа Мӯътасим эшонро харида буд. Ёқутро ба тир андохтан ва Ҳиндухоҷаро ба хат навиштан супурда буданд. Аммо Ёқут майл ба хат навиштан дошт ва Ҳиндухоҷа тир андохтанро нағз медид.

Бинобар ин, устодонашон ҳарчанд кӯшиш менамоянд, меҳнаташон зоеъ рафта, на Ёқут касби тир андохтанро ёд мегираду на Ҳиндухоҷа касби навиштанро. Баъд аз ин халифа ҳар кадомеро барои омӯхтани касби дӯстдоштаашон раҳнамун месозад. Онҳо дар як муддати кӯтоҳ тамоми хусусиятҳои касби тирандозӣ ва хаттотиро аз худ менамоянд. Ва дар рӯзгор чунон машҳур ва маъруф мешаванд, ки ҳама аз кору ҳунари онҳо ба ҳайрат меоянд. Намоиши ҳунарнамоиҳои ин ҳар ду бародар асоси ҳикоятро ташкил намуда, онро доманадор кардааст.

Бояд гуфт, ки ғояи асосии ҳикоятро тарғиби илму ҳунаромӯзӣ ташкил медиҳад. Маҳз бо меҳнату машаққати зиёд Ёқут ва Ҳиндуҳоҷа ҳунар омӯхта, соҳиби номи баланд шуданд.

Қаҳрамони асосии ҳикоят намояндагони табақаи поёни ҷамъиятӣ буда, маҳз бо меҳнати ҳалол, бо азобу машаққати беандоза ҳунар омӯхтаанд ва яке аз шахсони пешқадам, ҳунарманд ва нафърасони халқ гардидаанд, ки ҳатто халифа мӯҳтоҷи ҳунари онҳо мебошад.

Восифӣ ҳикояти мазкурро дар маҷлиси Султон нақл мекунад. Он рӯз дар он маҷлис намояндаи ду аҳли ҳунар – Мавлоно Ҷалолиддин Юсуфи Наққош, Мавлоно Обиди Хаттот низ иштирок доштанд. Онҳо ба аҳли маҷлис намунае аз эҷодиёти худро пешкаш намуда буданд. Дар сурати кашидаи Юсуфи Наққош сайёде акс ёфта буд, ки палангеро бо найза мезанад. Расм хеле зебо ва табиӣ кашида шуда буд ва аҳли маҷлис ба кори ӯ таҳсину офарин мегӯянд. Восифӣ ҳам ба ваҷд омада менависад:

Ба рӯзгори ту суратгарони ҳафт иқлим
Қалам шикастаю дар сурати ту ҳайронанд!

Мавлоно Обиди Хаттот қитъаоти як гурӯҳ шоиронро бо хати ниҳоят зебо ба қалам оварда, онро ба аҳли маҷлис мебахшад. Азбаски дар замони пеш чопхона набуд, асарҳо дастӣ навишта мешуданд, ба касби хаттотӣ аҳамияти калон дода мешуд. Ба қадри хаттотон ва меҳнати пурмашаққати онҳо мерасиданд. Инак, дар назди подшоҳ намояндаи ду навъ санъат – нақ-

қошӣ ва хаттотӣ, ки онҳо низ монанди Ёқут ва Ҳиндухоҷа аз аҳли ҳунаранд, истодаанд. Восифӣ дар ин ҷо ҳам аз маврид истифода бурда, барои ба қадри ҳунармандон расидани подшоҳ ҳикояти «Ҳиндухоҷа ва Ёқут»-ро нақл мекунад. Ба ин восита нависанда агар, аз як тараф, ҳомию мададгор будани худро нисбат ба мардуми оддии ҳалолкору дилсоф нишон дода бошад, аз тарафи дигар, роҳҳои мушкилеро, ки санъаткорони ҳақиқӣ тай мекарданд, хотирнишон сохтааст. Восифӣ воқеан дуруст таъкид менамояд, ки барои ба мақсад расидан аз ҳама хубтараш бо ҳиммат шудан ва аз сидқи дил меҳнат кардан зарур аст:

Ба ҳар коре, ки ҳиммат баста гардад,
Агар хоре бувад, гулдаста гардад.

Дар он сурат ҳаёту зиндагии ӯ шоду хуррам гузашта, аз касе маломат намешунавад.

Восифӣ инсони ҳунарманду, меҳнаткашро инсони комил ҳисоб мекунад. Он касоне, ки бо фиребу найранг аз ҳисоби мардуми меҳнатӣ зиндагӣ мекунанд, лоиқи номи бошарафи инсони ҳақиқӣ нестанд, – мегӯяд нависанда ва ба онҳо нафрат дорад.

Нависанда дар «Бадоеулвақоеъ» ба муқобили зоҳирпарастӣ мебарояд, ки ин масъала дар замони Восифӣ ниҳоят муҳим буда, дар сабзиши инсони поку некӯсиришт монеаи калоне ҳисоб мешуд. Одамоне буданд, ки фақат ба оройиши худ машғул шуда, аз донишу ҳунар бебаҳра буданд. Масалан, Восифӣ дар як ҷои асараш таноройи Қозӣ Низомиддинро ба тариқи зайл овардааст: «Ва он аммомаро печ дар печ он чунон бузург сохтӣ, ки чархи барин. Нафосати ҷомаҳояш ба масобае буд, ки ҳар гоҳ худро бад-он либосҳои фохир биёростӣ, маҳкамаи доруқазои фалак пиндоштӣ».

Ин касалӣ табақаи болоии ҷамъияти Ҳироти онрӯзаро фаро гирифта буд. Дар он рӯзгор ба шахс аз рӯи либос, аз рӯи намуди зоҳирӣ баҳо медоданд. Шахсе, ки либосҳои фохир медошт, марди донишманд ҳисоб мешуд. Ҳатто бештари онҳо кӯшиш мекарданд, ки бо ин роҳ ба мартабае расанд.

Дар «Бадоеулвақоеъ» Қозӣ Ҷодак, Амир Арғун, Ҳофизи Меросӣ ва боз бисёр персонажҳои дигар вомехӯранд, ки саллаҳои калон-калон баста, ҷомаҳои фохир мепӯшидаанд, ришҳои дароз мемондаанд, вале аз ақлу дониш орӣ будаанд. Ба чунин шахсон Восифӣ нафрат дошт ва онҳоро дар асараш мазаммат кардааст.

Восифӣ нишон доданӣ шудааст, ки зоҳирбинӣ, таноройӣ ба пешрафти ҷамъият халал мерасонад. Ба ақидаи нависанда ба инсон аз рӯи донишу қобилият, аз рӯи ҳунар бояд баҳо дод. Ба корҳои давлатӣ шахсонро на аз рӯи салләю ҷома, балки аз рӯи дониш ва ҳунарашон таъин кардан лозим аст.

Дар баробари ин нависанда зимни бисёр ҳодисаҳои рӯзгор ашхоси хубсириштро мадҳу ситоиш кардааст. Нависанда орзу доштааст, ки одамон ҳамеша ростқору ростқавлу покахлоқ ба ҳамдигар мададгору дӯст бошанд:

Аз ростист чои алиф дар миёни чои,
Вов аз качӣ хамеша бувад дар миёни хун.

Дар байни соҳибмансабони дарбори Убайдуллохон низоъ, зиддият, душманӣ ва кинаю адоват ба дараҷаи олӣ мерасад. Мири Араб аз Саброн ба Бухоро омада, бо роҳҳои гуногун дар байни онҳо сулҳ ва дӯстӣ барқарор мекунад. Вай дар поёни сӯҳбати худ ба онҳо шоҳбайти машҳури Шамсиддин Ҳофизи Шерозиро овардааст:

Дарахти дӯстӣ биншон, ки коми дил ба бор орад,
Ниҳоли душманӣ баркан, ки ранҷи бешумор орад.

Зеро, ба ақидаи нависанда, ҷангу ҷидол дар байни ҳамин зайл ашхос боиси вайронии мамлакат ва хонахароб шудани халқи бечора мегардад. Аз ин рӯ, тифоқ гардидани онҳо барои ободии кишвар кӯмак хоҳад расонид.

Восифӣ дар бисёр ҷои «Бадоеулвақоеъ» дӯстию бародариро тараннум менамояд. Нависанда, ашхосеро, ки барои молу чиз шуда бо касе дӯстӣ мекунанд ва дар мавридҳои тангдастӣ аз дӯсти худ канорҷӯӣ менамоянд, мазаммати сахт кардааст. Восифӣ барои исботи фикри боло аз ҳаёти худ саргузаштеро нақл менамояд, ки аз таъқиби сафавиён бо чанд дӯсташ гурезон шуда, ба хонаи ёрони ҷониашон барои пинҳон шудан рафтанӣ мешаванд: «Дувоздаҳ кас ба хотир расид. Мутаваҷҷеҳи эшон шудем. Баъзе рӯ пинҳон карданд ва баъзе узр гуфтанд». Пас фикрашро бо суханони Саъдии бузург:

Дӯст машмор он ки дар неъмат занад,
Лофи ёрию бародархондагӣ.
Дӯст он бошад, ки гирад дасти дӯст,
Дар парешонҳолию дармондагӣ.

Восифӣ марди ҷаҳонгаштаю бисёрдида, марди сӯҳбатоpo ва шахси фозил аст. Вай дар ҳар як анҷумани шоирону фозилон гули сари сабад будааст. Нависанда тарзи сухан гуфтан ва одоби онро хеле хуб медонистааст. Восифӣ он касонеро, ки одоби сухан гуфтанро риоя намекунанд, сахт танқид кардааст.

Восифӣ мегӯяд, ки ҳар як баду неке, ки ба сари инсон меояд, пеш аз ҳама ба забони ӯ вобаста аст. Бинобар ин, агар ту он суханро надонӣ, беҳтар аст, ки чизе нагӯӣ: «Чун туро нест вокифӣ, чӣ беҳ хомӯшист».

Дигар, ҳар як суханвар бояд кӯшиш кунад, ки суханаш бамаъни бошаду мухтасар:

Лоф аз сухан чу дурр тавон зад,
Он хишт бувад, ки пур тавон зад.

Ғайр аз ин, Восифӣ дар бисёр ҷои «Бадоеулвақоеъ» хотирнишон мекунад, ки бо ашхоси нодон сухан кардан нашояд. Зеро чунон ки халқ мегӯяд: «Қадри зар заргар бидонад, қадри ҷавҳар - ҷавҳарӣ». Баръакс, бояд кӯшиш кард, ки бо шахсони аз худ донотар ҳамнишин бошӣ.

Ҳамнишини ту аз ту беҳ бояд,
То туро ақлу дониш бияфзояд.

Фикрҳои панду ахлоқии Восифӣ қимату арзиши зиёд дошта, инсонро ба ростию накӯкорӣ, илму ҳунаромӯзӣ ва дигар хислатҳои нек ҳидоят мекунанд.

**Аҳамияти «Бадоеулвақоеъ» ҳамчун сарчашмаи илмиву адабӣ**

Восифӣ дар тӯли ҳаёти худ ба бисёр мамлакатҳо ва шаҳрҳо сафар карда, бо аҳли илму адаби доираҳои адабии Ҳирот, Бухоро, Самарқанд, Шоҳрухия ва Тошканд вохӯрда, сӯҳбатҳои адабӣ ороста буд. Аз ин рӯ, нависанда дар асараш дар бораи шоирону олимони машҳури замон ва ҳаёти илмиву адабӣ ба тафсил маълумот медиҳад. Маълумотҳои Восифӣ эътимодбахш буда, барои муайян намудани ҳаёту фаъолияти як зумра нависандагон: Ҷомӣ, Навоӣ, Биноӣ, Дарвеши Деҳакӣ ва вазъияти илмиву адабии асрҳои XV–XVI аҳамияти муҳими илмӣ доранд.

Масалан, дар «Бадоеулвақоеъ» оварда шудааст, ки Камолиддин Биноӣ ба Табрез сафар намуда, бо аҳли илму адаби он кишвар вохӯрда, сӯҳбатҳо мегузаронад. Махсусан, маълумоти ӯ дар бораи Дарвеши Деҳакӣ аҳамияти калони илмиву адабӣ дорад. Дарвеши Деҳакӣ соҳибистеъдод буда, ашъори олӣ мегуфтааст, вале аз хату савод бенасиб будааст. Ӯ ба касби бофандагӣ машғул шуда, рӯзгорашро аз ҳамин даромад таъмин мекардааст. Султон Яъқуб ҳарчанд саъю кӯшиш кардааст, аммо Дарвеш ба дарбори ӯ нарафта, дар деҳаи Деҳак то охири умр зиндагӣ намудааст.

Аз ӯ девоне боқӣ мондааст. Ҳамзамонони Дарвеши Деҳакӣ, аз ҷумла Биноӣ, Восифӣ ба эҷодиёти ӯ баҳои баланд додаанд.

Восифӣ дар баробари нақли тарҷумаи ҳол аз эҷодиёти онҳо намунаҳо меорад ва дар бораи осори онҳо фикру мулоҳизаҳои шахсии худро низ баён мекунад. Чунончи, Восифӣ дар бораи Мавлоно Субҳии Убаҳӣ, ки яке аз дӯстони наздики нависанда буд, ба тарзи зайл маълумот додааст: «Дар рикоби Султон ҷамъе аз фозилон ва шоирон ҳамроҳ буданд. Чунон ки одат шуда буд, дар роҳ ҳам барои Султон байтҳои рангин ва ҳикоятҳои ширин зикр меёфт. Дар он миён фозиле ин байтро бархонд:

Буд дар даъвии обрӯят маҳи нав тезу тунд,
Дил чу и хуршеди рӯят, карда худро гирду гунд.

Ҷамъе аз саворон, ки дар ҳар тарафи роҳ пароканда мерафтанд, ба назди он фозил гирд омада, он байтро боз хонданд.

Султон гуфт:

– Ин байт аз они кӣ бошад, ки ҳамаи моро гирду гунд кард: Фақир (яъне Восифӣ) арз кардам, ки ин байт аз они Мавлоно Субҳии Ӯбаҳӣ аст ва ин матлаъ ҳам аз ӯст:

Нисбати чашмат ба наргис кардаам, шармандаам,
Аз хиҷолат ҳамчу наргис сар ба пеш афкандаам.

Ва Мавлоно Убаҳӣ ба ин ғазал савте дар мақоми Чорғоҳ баста, ки оҳангбандони Хуросон таслим кардаанд.

Султон гуфт:

– ...Шуморо бо Мавлоно Субҳӣ алоқаи дӯстӣ ва хусусият тамом будааст. Агар аз ҳикоятҳои ӯ чизе гуфта шавад, муносиб менамояд».

Пас аз ин Восифӣ дар бораи ҳаёту зиндагӣ ва эҷодиёти Мавлоно Субҳии Убаҳӣ нақлҳои бисёр меорад.

Восифӣ на танҳо дар бораи ҳамзамонони худ, балки доир ба ҳаёту фаъолияти аксарияти адибони бузурги гузашта маълумоти пурқимат додааст. Нависанда он маълумотҳоро аз асарҳои илмию таърихӣ омӯхта, дар асоси мутолиаи осори онҳо ба хулоса омадааст. Чунончи пеш аз он ки дар бораи Фирдавсӣ нақл кунад, чунин меорад:

«Баъд аз он хон (Келдимуҳаммад) ба фақир гуфт:

– Он чизе, ки ҳазрати Ҷомӣ дар «Баҳористон» ва дигар муаллифон дар китобҳои худ дар бораи Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ навиштаанд, бисёр кӯтоҳ аст. Аммо ин хусусро ба тафсил ҳикоят кунед, бисёр матлуб ва марғуб аст».

Фақир мувофиқи хоҳиш он чизҳоро, ки дар бораи Фирдавсӣ дар китобҳо дида будам, нақл намудам».

Нақли Восифӣ хеле муфассал аст. Нависанда ба ин ривоят баъзе эпизодҳои нав дохил кардааст. Масалан, Султон Маҳмуд пас аз он ки ҳаҷви Фирдавсиро мехонад, ба хашму ғазаб омада, вазири худ Ҳасани Маймандиро ба қатл мерасонад. Аммо дар асл вазир ҷазо намебинад. Шояд ин иловаи худи Восифӣ бошад, зеро Восифӣ ба Фирдавсию «Шоҳнома»-и ӯ меҳру муҳаббати бепоён дошта будааст. Бинобар ин, ӯ нахостааст, ки чунин як шахси бадкирдор шоири бузургро тӯҳмат карда, фитна ангезаду беҷазо монад. Аз ин ҷост, ки ӯро ба марг маҳкум менамояд.

Восифӣ ривоятро бо илтимоси Келдимуҳаммад дар яке аз маҷлисҳои ӯ нақл мекунад, ки дар он ҷо аҳли дарбор иштирок доштанд. Табиист, ки дар байни онҳо баъзе ашхоси соҳибмансаб буданд, ки дар хоинӣ, фиребу найрангбозӣ ҳаргиз аз Ҳасани Маймандӣ камӣ надоштанд. Ба ҷазои ҳаққонӣ расондани вазири бадкирдор барои аҳли дарбори Келдимуҳаммад як ҳодисаи пандомӯзе буд.

Як хусусияти муҳими «Бадоеулвақоеъ» боз дар он аст, ки муаллифи он на фақат бо овардани асарҳои халқӣ маҳдуд мешаваду халос, балки бевосита ҳаёти воқеии гӯяндагонро бо сӯзу гудоз ва бо як таваҷҷӯҳи беандоза нақл менамояд. Нависанда қариб ҳамаи онҳоро некахлоқу некӯсиришт мешуморад.

Восифӣ пеш аз он ки асари халқиро ба хонандагон ҳикоят кунад, аввал гӯяндаи онро шинос менамояд. Вай дар бораи гӯяндагону масхарабозони халқӣ, аз қабили Носири Рангрез, Мулло Девонаи Шамърез, Бобоҷамоли Бузбоз, ки дар ҳунарнамоӣ ва масхарабозӣ мардуми Хуросонро шефта карда буданд, маълумоти хеле муфассал медиҳад. Аз ин маълумотҳои нависанда ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки ҳанӯз дар ҳамон асрҳо ин

намуди санъат, ки бо таъбири имрӯза сирк ном дорад, дар байни мардуми тоҷик равнаќу ривоҷе доштааст. Монанди Бобоҷамолу Ҳасаншаҳриёр дар байни халќи тоҷик масхарабозоне буданд, ки онҳо намоишномаҳо ташкил намуда, мардумро бо ҳикояту латифаҳои ширин ва дигар ҳунарнамоиҳои дилписандашон механдонданд. Бо ин роҳ каме бошад ҳам, ғаму ғуссаи халќи мазлуми ситамкашро сабуктар мегардонданд.

Восифӣ дар мавридҳои даркорӣ асарашро бо шоҳбайтҳои шоирони бузурги гузашта зебу зинат додааст. Ин шоҳбайтҳои бузургон имрӯзҳо дар байни халќ хеле серистеъмоланд ва аз тарафи мардум дар ҳар ҷо ва дар ҳар маврид барои исботи фикр истифода бурда мешаванд. Вале муҳимаш ин аст, ки намунаҳои дар «Бадоеулвақоеъ» овардашуда собит менамоянд, ки ин суханони пурқимат ҳанӯз дар асрҳои XV ва XVI дар байни халќ маълуму машҳур гардида будаанд.

**Мавкеи асарҳои халқӣ дар «Бадоеулвақоеъ»**

Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ба эҷодиёти даҳонакии халќ таваҷҷӯҳи беандоза дошта, аз он гизои маънавӣ мегирифт. Бинобар ин дар «Бадоеулвақоеъ» қариб ҳамаи жанрҳои фолклорӣ: афсона, латифа, ривоят, чистон, чистон – масъалаҳо, зарбулмасалу мақолҳои халќӣ ва ғайра истифода шудаанд. Маҳз аз ҳамин ҷиҳат, чунон ки профессор А. Н. Болдырев таъкид мекунад, халќияти эҷодиёти Восифӣ ба хубӣ тасдиқ меёбад.

Восифӣ аз эҷодиёти халќ бо ду роҳ истифода бурдааст: Якум жанрҳои фолклориро айнан, бевосита мавриди кор қарор дода, дуюм асарҳои халқиро мазмунан овардааст. Дар ин ҷо дар асоси образ, ғоя ва сюжетҳои халқӣ нависанда асари оригиналӣ офаридааст. Аммо бояд гуфт, ки Восифӣ, дар «Бадоеулвақоеъ» бештар бо роҳи якум аз эҷодиёти даҳонакии халќ истифода бурдааст.

Нависанда дар бисёр лаҳзаҳо барои характеру хислат ва ҷаҳони ботинию маънавии ҳамзамонҳояшро пурраю барҷаста кушода додан бо як маҳорати калон зарбулмасал ва мақолҳои халқиро айнан ба кор бурдааст. Баъзан Восифӣ зарбулмасалҳои халқиро аз забони персонажҳои асараш меорад, ки ин тарз барои пурра гардидани образ кӯмак мерасонад. Масалан, Восифӣ мегӯяд, ки дар дилам азми омӯхтани санъати муаммо пайдо шуд. Боре дар бозори Ҳирот Ҳофиз Ҳусайнро, ки бо лақаби Ҳофизи Ғамза машҳур буд, дидам. Дар дасти ӯ «Рисолаи муаммо»-и Мавлоно Сайфии Бухорой буд. «Аз Ҳофизи Ғамза илтимос намуда шуд, ки он рисоларо ҷиҳати китобат ба расми орият карам фармоянд. Ҳофиз ханда карда фармуданд, ки:

Ғормушу гулоб, яъне чӣ?
Гӯши карру рубоб, яъне чӣ?

Танҳо ҳамин як зарбулмасал, ки аз номи Ҳофизи Ғамза оварда шудааст, симои ҳақиқии ӯро дар пеши чашми хонанда кушода медиҳад. Дар пеши назари мо марди мағруру худписанд ва чоҳиле намудор мегардад. Ӯ худро

донишманди бузург шуморида, дигаронро тамоман нодон ҳисоб мекунад.

Зоҳиран, зарбулмасали мазкур бо ҳамин намудаш имрӯзҳо дар байни халқ кам истеъмол мешавад. Масалан:

«Ҳар чӣ донад маззаи қанду набот,
Тӯрбаи чав бошаду кунчи работ».

Ё ки: «Ба вай қанд ҳам яку қурут ҳам як» дар байни халқ ба таври васеъ истифода мешаванд.

Гуфтан ҷоиз аст, ки зарбулмасали

Кунад ҳамҷинс бо ҳамҷинс парвоз,
Кабӯтар бо кабӯтар, боз бо боз.

ҳам дар байни халқ ва ҳам дар асарҳои шоирону нависандагони классику муосир ба таври васеъ маъмул аст. Ин зарбулмасал вобаста ба матн маъниҳои гуногунро ифода менамояд. Вале маънии асосиаш ин аст, ки бояд ҳар як шахс бо ҳамсол, ҳаммаслак, хулоса бо касе, ки аз ҳар ҷиҳат ба ӯ наздику қарин аст, муомила ва муносибат кунад ва ё қувва озмояд.

Восифӣ барои кушода додани масъала ва возеҳу таъсирбахш намудани воқеа аз зарбулмасали халқӣ «Ташна дар хоб об мебинад» моҳирона истифода бурдааст. Масалан: «Баъд аз он ба дашноми мо ибтидо кардаанд, ки мо ба шумии ин ду саги суннӣ аз сӯҳбати он тӯй маҳрум шудем. Ва мир имшаб намеояд ва имшаб ин сагони сунниро нигоҳ бояд дошт.

Ғиёсиддин Муҳаммад оҳиста ба ман гуфт:

– Эй бародар, ғам махӯр, ки ман имшаб худро ва туро халос мекунам ва ин ду кофири лаинро мекушам.

Ман гуфтам:

– Эй бародар, масал машҳур аст, ки «Ташна дар хоб об мебинад». Халосӣ чӣ гуна мумкин бошад, ки дастҳои мо баста бошанд ва ин ду ифрит дар беруни дар нишаста»...

Восифӣ зарбулмасал ва мақолҳои халқиро бо каме тағйирот истифода бурдааст. Ё ин ки байтҳое оварда мешаванд, ки онҳо дар асоси зарбулмасалҳои халқӣ эҷод шудаанд:

**1. Дар «Бадоеулвақоеъ»:**

Гар айби хоки поки Систон кунад касе,
Дарё палид менашавад аз даҳони саг.

Дар халқ:

«Бо дуои кӯрмуш борон намеборад» ва ё «Оби дарё бо лесидани саг ҳаром намешавад».

**2. Дар «Бадоеулвақоеъ»:**

Рост рав, ки ба манзил нарасад каҷрафтор.
Мор то рост нагардад, наравад дар сӯрох.

Дар халқ:

«Мор кач рафта-рафта, ба хонааш рост медарояд».

**3. Дар «Бадоеулвақоеъ:**

Сӯи Каъба чӣ равам, саҷдаи Будло чӣ кунам?
Ёр ин ҷост, мани дилшуда он ҷо чӣ кунам?

Дар халқ:

«Об дар кӯзаву мо ташналабон мегардем,
Ёр дар хонаву мо гирди ҷаҳон мегардем».

Восифӣ аҳамият ва қимати чистон-масъалаҳоро ҳанӯз дар асрҳои XV–XVI дуруст дарк кардааст. Намунаҳои дар «Бадоеулвақоеъ» овардашуда пурра собит менамоянд, ки чистон-масъалаҳо таърихи қадим доштаанд. Восифӣ барои халқи худ хизмати пурарзише карда, як қисмати онҳоро ба асараш дохил намудааст.

Ба ҳамин тариқ, Восифӣ дар «Бадоеулвақоеъ» на танҳо аз чистонҳои халқӣ, балки аз чистонҳои тартибдодаи шоирони гузашта: Камол Исмоили Исфаҳонӣ, Ибни Ямин, Шарафиддин Алии Яздӣ ва дигарон низ истифода бурдааст. Масалан, Восифӣ 13 чистони Шарафиддин Алии Яздиро ба асараш дохил намудааст. Аз ин ҷиҳат ҳам қимату арзиш ва аҳамияти «Бадоеулвақоеъ» хеле бузург мебошад.

Равшан аст, ки дар таърихи адабиёти ҳазорсолаамон пеш аз Восифӣ ва баъд аз ӯ шоирони бузург гузаштаанд, ки онҳо низ аз ин сарвати маънавии халқамон мувофиқи талаботи давру замон, завқу хоҳиш, ҷаҳонбинӣ ва афкори худ истифода бурдаанд. Вале, қайд кардан зарур аст, ки тарзи корбурди эҷодиёти халқ дар Восифӣ нисбат ба нависандагони гузаштаамон хусусиятҳои ба худ хосе дорад. Масалан, дар «Бадоеулвақоеъ» латифа, афсона ва ривоятҳо тарзи конкретиро мегиранд. Қаҳрамони асосии онҳо бештар ҳамзамонони Восифӣ, ки ӯ ҳар рӯз бо онҳо ҳамсӯҳбат мешудааст, мебошанд. Албатта, ин хусусият, агар аз як тараф, ба сабаби характери ёддоштӣ доштани асари муаллиф бошад, аз тарафи дигар, ин роҳ услуби махсуси нависанда аст, ки ба ин восита ғояю афкори пешқадами худро хубтару барҷастатар ифода карда тавонистааст.

Ғайр аз ин, ҳамаи асарҳои халқие, ки дар «Бадоеулвақоеъ» истифода шудаанд, ғояю идеяи махсус доранд, характеру хусусияти фардеро кушода медиҳанд, дар баробари ин ҳамаи онҳо барои кушодани ҷаҳони ботинию маънавии нависанда, муҷассам намудани характер ва типӣ баромадани образи Восифӣ басо хизмат кардаанд. Ба ҳамин тариқ, образи муаллиф – Зайниддин Маҳмуди Восифӣ монанди як хати сурх аз байни кулли онҳо мегузарад. Дар анҷоми «Бадоеулвақоеъ» образу характери Восифӣ бо тамоми нозукию мураккабиҳояш дар пеши чашм ҷилвагар мешавад.

**Услуб ва забони «Бадоеулвақоеъ»**

Бояд гуфт, ки услуб ва забони «Бадоеулвақоеъ» якранг нест. Ҳангоми мутолиа ҳам услуби содаи омма-

фаҳм ва ҳам услуби мураккаби душворфаҳм ба назар мерасад. Ҳангоми таърифу тавсифи подшоҳон, аҳли дарбор, маҷлисҳои онҳо забон ва тарзи баёни Восифӣ ниҳоят мураккаб мешавад. Дар ин ҷо ҷумлаҳои печ дар печ, ибораҳои арабӣ, калимаҳои душворфаҳм бештар мавқеъ пайдо мекунанд. Вале, хушбахтона, қисми асосии эҷодиёти Восифиро насри сода ташкил медиҳад. Вақте ки сухан аз ҳаёти мардуми меҳнатӣ меравад, услуби баёни Восифӣ низ дигар мешавад. Махсусан, ҳангоми нақли асарҳои халқӣ забони «Бадоеулвақоеъ» ниҳоят сода ва ба забони гуфтугӯӣ хеле наздик мегардад. Дар ин ҳолат акнун ба ҷои ибораҳои мураккаб таъбиру ибораҳои сода, зарбулмасалу мақолҳои халқӣ асарро зебу зинат медиҳанд. Маҳз бо ҳамин хусусиятҳои худ, чунон ки А. Н. Болдирев қайд кардааст: «Восифӣ проблемаи офариниш-эҷоди услуби нави адабиро амалан ҳаллу фасл кард»[1].

Дар «Бадоеулвақоеъ» ифодаҳоеро пайдо карда метавонем, ки имрӯзҳо дар забони зиндаи халқ истифода мешаванд, вале дар забони адабии ҳозира камистеъмоланд. Масалан, калимаю ибораҳои «қариби хуфтан», «аҳлу аёл», «ҳаволаи фарқи сар», «як сари мӯй» дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ хеле серистеъмол мебошанд. Илова ба ин, дар асар бисёр ҷумлаҳоеро дидан мумкин аст, ки онҳо аз ҷиҳати таркибу сохтор ва оҳангу равиши худ ба ҷумлаҳои халқӣ шабоҳати комил доранд. Инак, ба ин ҷумлаҳо диққат диҳед:

«Кучой! Роҳро сар кун. Ӯ дар пешу Султон аз қафои ӯ мерафт. То ба хонаи ӯ расид. Шамъ дар лаган месӯхт. Султон фармуд, ки дарой ва шамъро бикуш! Он шахс шамъро бикушт. Баъд аз он Султон даромад...»

Ба ҳамин тариқ, Восифӣ ҳангоми истифодаи асарҳои халқӣ на фақат ба сюжет ё мазмуни онҳо диққат медодаасту халос, балки саъю кӯшиш менамудааст, ки ба услуб, тарзи баёни асарҳои халқӣ аҳамияти калон диҳад. Зеро танҳо бо ҳамин восита қимату арзиш ва халқияти асарҳои нависанда дар пеши чашми хонанда муҷассам мегардад. Маҳз ҳамин воситаҳои тасвир барои баёни фикрҳои олӣ ба нависанда кӯмаки калон мерасонанд. Аз тарафи дигар, ҳар як хонанда, пас аз мутолиаи чунин асарҳо завқи эстетикӣ мебарад.

Восифӣ дар тасвири табиат, зебоиҳои он маҳорати комил дорад. Бештари ин тасвирҳо бо забони содаю санъати мусаҷҷаъ ба қалам дода шудаанд. Восифӣ табиатро бо мақсади муайяне тасвир мекунад. Зеро тасвирот барои кушодан ва хубтар дарк намудани ҳодисаю воқеаҳо ва персонажҳои асар ёрии калон мерасонанд. Бо ибораи дигар, ин тасвирҳо бо мазмуну мундариҷаи «Бадоеулвақоеъ» сахт алоқамананд. Масалан, Восифӣ соли 1514 дар моҳи ҳут, ба Бухоро сафар мекунад.

---

[1] А. Н. Болдырев. Зайнаддин Васифи. Сталинабад, 1957, саҳ. 301.

Сафари нависанда ихтиёрӣ буда, ӯ муштоқи тамошои шаҳри бостонии Бухорост. Аз ин рӯ, дар бораи он бо як ҳиссиёти баланд сухан меронад.

«Хулоса, мо бо хурсандӣ раҳсипор гардида, ба шаҳри Бухоро наздик расидем. Чун ба он шаҳри хуррамбаҳор як фарсах роҳ монд, манораи он, ки бо камоли азамат аз ҳама биноҳо ба қадри чандин найза баланд шуда рост истода буд, моро бо виқору тамкини одамиёна пешвоз гирифт. Зебу оростагӣ ва зинату пеностагии он шаҳр ба дараҷае буд, ки биҳишти анбарсиришт аз шарми ӯ дар пардаи хаё ҷамоли худро пинҳон карда, рӯй ба касе наменамуд. Дарвозаи баландовозааш ба забони ҳол ба гӯши сайёҳон нидо медод:

– Ин аст ҷаннати адн, биёед ба вай ҷовидона дароед!»

**Мазмун ва мундариҷаи ғоявии ашъори Восифӣ**

Зайниддин Маҳмуди Восифӣ, чунон ки дар боло ишорат рафт, на танҳо нависандаи бомаҳорат, балки олим, муаррих, забоншиносу адабиётшиноси мумтоз низ будааст. Дар «Бадоеулвақоеъ» намунаи осори ӯ доир ба ин илмҳо оварда шудаанд. Муаллифи тазкираи «Музаккирулаҳбоб» Хоҷа Ҳасани Нисорӣ, ки соли 1566 онро ба анҷом расонидааст, дар бораи ҳаёту фаъолияти Восифӣ маълумот дода истода, ба назми ӯ баҳои баланд медиҳад. Ҷавобияҳои ӯро ба қасидаю ғазалҳои шоирони гузашта ва муосир аъло ҳисоб мекунад.

Восифӣ дар ҳамаи жанрҳои адабии адабиёти классикӣ: қасида, ғазал, рубоӣ, қитъа, байт, фард ва ғайра асар эҷод кардааст.

Як ҷиҳати муҳими назми Восифӣ дар он аст, ки ӯ кай, дар кадом маврид ва ба чӣ мақсад эҷод шудани онҳоро дар ёддоштҳояш ба тафсил нақл мекунад. Масалан, аз нақли Восифӣ равшан мегардад, ки соли 1514 дар Бухоро 100 ғазал эҷод кардааст, ки онҳо дар «Бадоеулвақоеъ» пурра оварда шудаанд. Ин хусусият ба эҷодиёти адибони гузашта чандон хос нест. Як мисоли дигар, Восифӣ сабаби ба вуҷуд омадани қасидаи қаҳтӣ ва сардиро чунин ҳикоя мекунад: – Соли 1512 дар Самарқанд зимистон сахт омад:

> Рӯз аз хунукӣ кашида дарҳам,
> Худрову намуда кӯтаху кам.
> Аз сардии об мурғи обӣ
> Оварда паноҳ бар кабобӣ.

Қаҳтӣ ва гаронӣ ниҳоят авҷ гирифт. Зиндагии мардум ниҳоят вазнин ва аҳволи Восифӣ бад шуд. Илова бар ин 10 толибилми кашшоқ ва гурусна ба назди Восифӣ омада имдод металабанд. Дар ин бора муаллиф чунин мегӯяд: «Аммо кори толибилмон ба ҷое кашид ва аҳволи онҳо ба дараҷае расид, ки ду тан аз онҳо пӯстинҳои худро фурӯхта хӯрданд ва аз сахтии сармо ҷон ба ҷонофарин супурда мурданд.

Мавлоно Алии Балхӣ, ки яке аз ёрони ҷонӣ буд, шабе ба ҳуҷраи фақир омада гуфт:

– Ин толибилмон ҳама ҳалок мешаванд, дар бораи онҳо чӣ андеша бояд кард?

– Гуфтам: – Ман низ хайронам ва чорае намедонам.

– Дар таърифи соли кахт, – гуфт ӯ, – ба мадҳи Абӯсаидсултон[1] қасидае бояд гуфт, то ки аз вай сила (мукофот) гӯён чизе рӯяд ва ба он восита сафинаи умри ин факиронро аз ин баҳри бепоёни сармо ба соҳили фароғат гузаронем…

Гуфтам: – султон Абӯсаид туркест, ки асло форсӣ намедонад, чунон ки мо туркӣ намедонем.

Мавлоно Алӣ гуфт:

– Ман рафике дорам, ки имом ва ноиби султон аст. Ӯ қасидаро ба султон таъриф кунад, кифоя аст.

Пас аз ин Восифӣ дар як шаб қасидаи «Қаҳтӣ ва сардӣ»-ро иншо мекунад. Рӯзи дигар қасидаро дар назди Абӯсаид мехонад ва ӯ 10 гӯсфанд, 20 ман орд, ба маблағи 600 танга ва чаҳор дарахт барои хезум инъом медиҳад.

Восифӣ он чизҳоро ба мадраса оварда, талабагони гуруснаро аз марг наҷот медиҳад, ки албатта, ин як кори хайр, некии инсони бузург нисбат ба дармондагон ва бечорагон аст.

Қасидаи мазкур аз рӯи мазмуну мундариҷаи идеявӣ на мадҳӣ, балки ҳасбиҳолӣ аст. Дар он гуруснагӣ, ҳаёти вазнини омма ва худи муаллиф ба хубӣ инъикос ёфтааст:

Эй дил, хаёли хом мабар дар пайи таом!
Зеро ки имтило[2] шудаам з-ин хаёли хом.
Зикри фалак ба хайр, ки аз хони ӯ маро,
Шамсаи меҳр – чошт бувад, курси моҳ–шом[3].
Тасбеҳ дона кардаму саҷҷода дом, лек,
Анқо шудаст нону нашуд сайди кас ба дом.
Як дона гандум ар ба замин афканад касе,
Мардум кунанд мӯрсифат бар вай издиҳом.
Хокистаре, ки дар таҳи он пухта шуд кумоч[4],
Созанд тӯтиёш халоиқ ба эҳтиром.

Аммо Восифӣ таъкид менамояд, ки гурӯҳи табақаи болои ҷамъият зиндагии пурнишот ва ҳаёти хуррам доранд. Лекин ба бечорагон дасти мадад дароз намекунанд. Аз ин ҷост, ки онҳоро лаин, хасис ва бераҳму шафқат гуфта, аз онҳо чизе тамаъ карданро маслиҳат намедиҳад:

Дунон намедиҳанд ба кас ним лукма нон,
Ё раб, чунон мабод зи дунон ба ғайри ном.
Эй Восифӣ, ба гуруснагӣ сабр пеша кун,
Зинҳор нон тамаъ макун аз суфраи лиём[5].

Восифӣ дар касида, китъа, рубоӣ ва ғазалҳояш инсонро ба некномию некандешӣ даъват намуда, хислатҳои ҳамидаи онҳоро ситоиш мекунад. Дар

---

[1] *Султон Абӯсаид* – ҳокими Самарқанд, соли 1533 вафот кардааст.
[2] *Имтило* – пур шудани меъда, пурхӯрӣ.
[3] Мисраъ чунин маъно дорад: Аз нодорамӣ барои оламон курси офтоб хӯроки чоштгоҳӣ ва моҳ хӯроки бегоҳирӯзӣ аст.
[4] *Кумоч* – як навъ нонест, ки кӯчманчиён дар зери хокистар мепазанд.
[5] *Лиём* – нокасон, бахилон, мунофикон.

баробари ин одамони бахил, ҳасуд, тамаъкор ва золимро сахт музаммат кардааст.

Восифӣ одамони ҳасудро афроди пасттарини рӯзгор мешуморид. Ин бесабаб нест. Ҳангоми мутолиаи «Бадоеулвакоеъ» мебинем, ки Восифӣ аз таҳқиру озори ҳасудон оби чашмаш чун селоб ҷорӣ мешавад ва гоҳ аз таъқиби одамони шоҳ шаҳр ба шаҳр сарсону саргардон гашта, ёди Ватан, хешу табор, ёру дӯст мекунад. Дар байти зерин муаллиф бо як дарду алам мегӯяд:

Вафову мардумӣ дар Мовароуннаҳр кам бошад,
Агар хоҳӣ, бихез, эй Восифӣ, рӯ дар Хуросон кун!

Восифӣ дар охир ба хулосае меояд, ки агар то ин гуна афроди пастфитрат намуранд, аз онҳо халос шудан дар ин рӯзгор муҳол аст. Муаллиф ин фикрашро дар китъаи зерини бузургон ҷамъбаст кардааст:

Тавонам он ки наёзорам андаруни касе,
Ҳасудро чӣ кунам, гар зи хеш ранҷ дар аст.
Бимир, то бираҳӣ, эй ҳасуд, к-ин ранҷест,
Ки аз машаққати он ҷуз ба марг натвон раст.

Восифӣ дар сурудани ғазал қобилияти аҷиб доштааст. Ғазалҳои ӯ дар равонӣ, ширинӣ ва санъати сухан баланд буда, намунаҳои барҷастаи асарҳои лирикии асри XVI адабиёти тоҷик ба ҳисоб меравад.

Инак, барои исботи ин ақида чанд байт аз ғазали «Хайр бод»-и шоир:

Меравам аз кӯи ту бо ҷони пурғам, хайр бод!
Бо дили пуроташу бо чашми пурнам, хайр бод.
Аҳли оламро зи ман гар буд дар хотир ғубор,
Ман зи олам меравам, бар аҳли олам, хайр бод.
Он парӣ дар вақти рафтан аз сари меҳру вафо
Восифии хастаро мегуфт ҳар дам: «Хайр бод»!

Восифӣ ба ғазалиёти шоирони бузурги гузашта Амир Хусрави Деҳлавӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Котибии Нишопурӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Мавлоно Унсӣ, Камолиддини Биноӣ ва дигарон назира гуфта, аз ӯҳдаи ҷавоб гуфтан ба хубӣ баромадааст. Барои исботи ин фикр ба намунаи зер диққат кунед:

**ХУСРАВИ ДЕҲЛАВӢ:**

Чаман чун бӯи ту дорад, ба бӯят дар чаман мирам,
Ба ёди қадди ту дар сояи сарву суман мирам.

**ВОСИФӢ:**

Чу ман аз бевафоиҳои он паймоншикан мирам,
Барафтад аз ҷаҳон расми вафо рӯзе, ки ман мирам.

**КАМОЛИДДИНИ БИНОӢ:**

Бисӯхт оташи найи дили балокаши ман,
Магар найе нафасе медамад бар оташи ман?

**ВОСИФӢ:**

Ба рақс гарм чу гардид сарви маҳваши ман,
Зи боди домани ӯ даргирифт оташи ман.

Устод Айнӣ ба назми Восифӣ баҳои баланд дода чунин мегӯяд: «Восифӣ қасиданависи забардастест, ки бисёр қасидаҳои устодонро бомуваффақият ҷавоб гуфтааст, инчунин дар ғазал ҳам лирикаи баланд дорад, ӯ чистонҳоро ҳам, ки дар он замонҳо шӯҳрат дошт, хеле устодона мегӯяд... Восифӣ дар донистани қоидаҳои вазну қофияи шеър забардасттарини замони худаш аст».

Дар ҳақиқат, Восифӣ дар назм дасти тавоно дошт. Дар асарҳои назмии шоир низ ду хусусият, ду услубро мушоҳида кардан мумкин аст. Азбаски ҳаёти Восифӣ дар дарбори шоҳону ҳокимони вақт ҷараён ёфтааст, то андозае дар эҷодиёти худ ақида, майлу хоҳиши намояндагони ин табақаро инъикос кардааст. Дар баъзе қасидаҳояш шоҳону ҳокимонро ситоиш карда, онҳоро ба адолатпарварӣ ҳидоят мекунад. Қасидаҳои мадҳии шоир аз ҷиҳати забон ва услуби баён ҳам мураккаб буда, дар онҳо калимаю ибораҳои арабӣ, санъатҳои душвори шеърӣ бештар истифода шудаанд. Вале ин гуна асарҳо дар эҷодиёти шоир мавқеи баланд надоранд. Қисмати асосии осори Восифиро, чунон ки дар боло дидем, мавзӯъҳои зарурии замони нависанда ташкил медиҳанд. Ӯ дар «Бадоеулвақоеъ» ғояҳои олӣ, фикрҳои гуманистӣ, адолатпарвариро инъикос кардааст. Восифӣ чи дар асарҳои насрӣ ва чи назмӣ ба забони содаи халқӣ такя намуда, онро боз ҳам инкишоф додааст. Аз ин ҷиҳат ҳам «Бадоеулвақоеъ» барои муайян намудани таърихи забони тоҷикӣ дорои қимату арзиши зиёд аст.

## НАЗАРИЯИ АДАБИЁТ

**Жанри ёддошт**. Восифӣ дар «Бадоеулвақоеъ» сафарҳои тӯлонии худро ба шаҳрҳои Машҳад, Нишопур, Самарқанд, Бухоро, Шоҳрухия, Тошканд ва ғайра ба тафсил нақл кардааст. Аз сар гузаронидани ҳодисаю воқеаҳои ноҳуш, сӯҳбату воҳӯриҳои нависанда бо ашхоси гуногун, иштироки ӯ дар базму маҷлисҳои шоҳону ҳокимон, фаъолона иштирок намудани вай дар ҳодисаҳои сиёсию иҷтимоии давр мазмуну мундариҷаи «Бадоеулвақоеъ»-ро ташкил додаанд. Дар адабиётшиносӣ ин гуна асарро асари ёддоштӣ, ё жанри ёддошт мегӯянд. Дар асари ёддоштӣ қаҳрамони асосӣ худи муаллиф мебошад. Ӯ дар ин гуна асарҳо ба тарзи гуногун пайдо шуда, дар ҳалли кулминатсияи асар роли ҳалкунанда мебозад. Дар «Бадоеъулвақоеъ» Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ҳамчун образи типӣ амал карда, дорои характеру хусусияти ба худ хос мебошад.

Вале бояд эътироф кард, ки ёддошт ҳам аз рӯи хусусиятҳои алоҳидаи худ ба чанд қисмат тақсим мешавад.

Баъзе ёддоштҳое ҳастанд, ки дар онҳо ҳамчун рӯзнома тарҷумаи ҳоли муаллиф ба тарзи бадеӣ ва ба тариқи хронологӣ оварда мешавад.

Аммо асарҳои ёддоштие низ мавҷуданд, ки аз ҳикоятҳои пароканда ё қиссаҳои алоҳида иборат буда, дар онҳо муаллиф аз ҳаёти хеш қисса мекунад ва ё ин ки чанд саргузашти дӯстон ва ҳамсӯҳбатонашро ба риштаи таҳрир мекашад. «Бадоеулвақоеъ» маҳз ба ҳамин услуб иншо ёфтааст. Ғайр

аз ин, Восифӣ дар бисёр мавридҳо аз санъати ҳикоя андар ҳикоя истифода бурдааст. Ин усули нигориш ба асар рангу таровати тоза бахшида, ҷиҳатҳои бадеии онро хеле пурқувват кардааст. Масалан, Восифӣ аҳмақӣ, гумроҳию нодонии Ҳофизи Меросиро нақл карда, вобаста ба мазмуни нақли боло боз «Нону чурғотро хуш мехӯрем» ном ҳикояи халқиро мисол меорад. Ба ин восита, образу характери Ҳофизи Меросӣ равшану барҷаста гардидааст.

Баъзе асарҳои ёддоштӣ дар жанрҳои бузург–роман ва повест сурат гирифтаанд, ки ин бештар ба адабиёти имрӯза хос аст. Масалан, «Ёддоштҳо»-и устод Садриддин Айнӣ(4 ҷилд),«Субҳи ҷавонии мо»-и С. Улугзода, повести «Дар он дунё»-и Ф. Муҳаммадиев мисоли равшан шуда метавонанд.

Жанри ёддошт дар адабиёти тоҷику форс таърихи қадима дорад. «Сафарнома»-и шоир ва мутафаккири асри XI Носири Хусрави Қабодиёнӣ чи аз ҷиҳати услуб ва чи аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа ба талаботи жанри ёддошт пурра ҷавоб дода метавонад.

Пас аз «Бадоеулвақоеъ» дар адабиёти мо боз чандин асарҳои ёддоштӣ таълиф ёфтаанд. Муҳимтарини онҳо асари Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ «Савонеҳулмасолик ва фаросеҳулмамолик» («Воқеаҳои роҳ ва масофаҳои байни мамлакатҳо») ва «Тӯҳафи аҳли Бухоро»-и Мирзо Сироҷ мебошанд, ки ҳар ду асар дар охирҳои асри XIX ва ибтидои асри XX иншо гардидаанд.

Аҳамияти муҳимтарини асарҳои ёддоштӣ, пеш аз ҳама, дар он аст, ки дар онҳо ҳодисаҳои зиндагӣ ба тарзи объективӣ тасвир меёбанд. Ба тарзи объективӣ тасвир шудани ходисаю воқеаҳо барои амиқтар муайян намудани ҳаёти омма, урфу одати вай, мақсаду мароми халқи меҳнаткаш роли бағоят муҳим мебозад. Ин тарзи тасвир бештар ба асарҳои ёддоштӣ хос аст.

**Савол ва супориш**

1.˝Чаро Восифӣ сафар кард? 2. Чӣ ҳодиса ба адиб рӯй дод? 3. Кадом сифатҳои зан ба шумо маъқул шуданд? 4. Вазъияти сиёсии замони адиб чӣ хел буд? 5. Чаро Восифӣ хизмати дарборро рад мекунад? 6. Ҳаёти Восифӣ дар Тошканд чӣ хел мегузарад? 7. Восифи кай ва дар куҷо вафот мекунад? 8. Чаро Восифӣ ба асараш номи «Бадоеулвақоеъ»-ро мегузорад? 9. Сохти композитсионии асарро шарҳ диҳед. 10. Чаро «Бадоеулвақоеъ»-ро асари ёддоштӣ мегӯем? Хусусиятҳои онро баён кунед. 11. Ақидаи Восифӣ дар бораи интихоби касбу ҳунар чӣ гуна аст? 12. Барои беҳтар шудани ҳаёти мардум ва ободии кишвар Восифӣ аз подшоҳ ва дигар соҳибмансабон амалӣ гардидани кадом масъалаҳоро талаб мекунад? 13. Ақидаи Восифӣ оиди аҳли ҳунар чӣ гуна аст? 14.Фикрҳои панду ахлоқии Восифӣ дар ҳаёти имрӯза чӣ аҳамият доранд? 15. «Бадоеулвақоеъ» ҳамчун сарчашмаи илмиву адабӣ ба адабиётшиносон ягон кӯмаке расонда метавонад? 16. Муносибати Восифӣ ба адибони гузашта ва гӯяндагони халқӣ чӣ гуна аст?

*Рӯйхати адабиёти илмӣ ва методӣ*

1. С. Айнӣ. Восифӣ ва хулосаи «Бадоеулвақоеъ», куллиёт, ҷилди 13, «Ирфон», Душанбе, 1978.

2. А. Н. Болдырев. Зайнаддин Васифи. Сталинабад, 1957.

3. Т. Миров. Дастури методии «Адабиёти тоҷик» барои синфи 9, «Маориф», Душанбе, 1986.

# АБДУРАҲМОНИ МУШФИҚӢ (1525-1588)

*Гуҳарпироз шудӣ, Мушфиқӣ,*
*зи табъи баланд,*
*Туро равост ба силки*
*суханварон бастан*

**Тарҷумаи ҳол**

Абдураҳмони Мушфиқӣ дар шаҳри Бухоро соли 1525 таваллуд ёфтааст. Ватани аслии Мушфиқӣ Марв буда, падару бобояш баъдтар ба Бухоро омада, муқимӣ мешаванд. Аз ин рӯ, Абдураҳмон дар бисёр мавридҳо аз Марв будани худро ба хотир овардааст.

Падари шоир аз мардуми миёнаҳоли шаҳр буда, барои тарбияи фарзанд кӯшиши зиёде кардааст. Вале, мутаассифона, ӯ хеле барвақт вафот мекунад. Муддате нагузашта модари Абдураҳмон ҳам аз олам чашм мепӯшад ва Абдураҳмони хурдсол бепарастор мемонад:

> Бо падар хурсанд будам, бевафоӣ кард умр.
> Меҳр бар модар ниҳодам, ёфт модар ҳам вафот.

Ӯ маҷбур мешавад, ки ба хизмати як марди ҳунарманди бухороӣ дарояд. Азбаски Абдураҳмон бачаи зирак, гапгир ва диддаро буд, ба хӯҷаин маъқул мешавад ва дар ҳаққи Абдураҳмон некиҳои зиёде мекунад. Пеш аз ҳама, барои таҳсилу касби камолоти Абдураҳмон шароити хуб фароҳам меоварад. Абдураҳмон пас аз хатми мактаби ибтидоӣ таҳсили худро дар мадраса бомуваффақият давом медиҳад. Ӯ дар мадраса яке аз шогирдони пешқадам ба ҳисоб мерафт. Устодонаш аз донишу кӯшиши ӯ хурсанд буданд. Махсусан, илмҳои ҳисоб, нуҷум, ҳикмат, ҳайат ва каломро хеле хуб медонист. Дар баҳсу мунозираҳои илмӣ, ки гоҳ-гоҳ дар мадраса дар байни толибилмон барпо мегардид, дастболо мешуд.

Илова бар ин, Абдураҳмони Мушфиқӣ аз хурдӣ ба шеър гуфтан шавқу рағбати зиёд дошт. Бештари вақти худро ба омӯхтани санъати шеъргӯӣ ва аз бар кардани ашъори адибони бузурги гузашта ва ҳамзамони худ сарф мекард. Натиҷаи ҳамин гуна саъю кӯшиши ӯ буд, ки дар як муддати кӯтоҳ дар байни аҳли қалами шаҳри Бухоро шӯҳрат пайдо мекунад. Ӯ дар базму маҷлисҳои адабӣ фаъолона иштирок карда, аз абёти иншокардаи худ мехонад. Вале дар Бухоро, дар дарбор шоирони маддоҳ аҳволи Мушфиқиро

танг карданд ва зиндагиаш бад мешавад. Бинобар ин, соли 1564 ба Самарканд меравад. Дар ин чо адиб дар дарбори Султон Саид вазифаи китобдорро ба ӯҳда мегирад. Мушфиқӣ қариб 10 соли ҳаёти худро дар Самарқанд мегузаронад. Дар бораи ҳаёти ин давраи адиб муаллифи тазкираи «Музаккирулаҳбоб» Хоча Ҳасани Нисорӣ чунин мегуяд: «Мавлоно Мушфиқӣ аз шоирони машҳур аст ва дар гуфтани шеър салиқааш некӯст. Қасоиди хуб ва ашъори марғуб дорад. Дар гуфтани шеърҳои ҳачвӣ табъаш ба дарачаест, ки маълум нест, ки касе мисли ӯ буда бошад. Дар ин айём кавкаби саъди толеаш муваффақияти калон пайдо карда, дар чамоати фозилон ва мансаби китобдорӣ мушарраф шуда, душманонро мағлуб ва сарнагун гардонидааст».

Вазифаи китобдорӣ маоши ночизе дошт. Барои харчи рӯзғори шоир кифоят намекард. Аз ин рӯ, ҳаёти ин давраи адиб чандон хуб набуд. Ҳатто Мушфиқӣ хона ҳам надоштааст:

Дар Самарқанд имтиҳон кардам, ки ёбам хонае,
Беҳтар аз байти тахаллус хонае пайдо нашуд.

Шоир дар як шеъраш ҳаёти вазнини худро баён карда, онро ҳамчун як шикоятнома ба Султон мефиристонад:

Хони оликадри кайвонманзалат Султон Саид,
Пеши даргоҳи ту гардуни муалло[1] хеч нест...
Шуд се соли рост, к-аз чинси чаву гандум маро,
Дона чуз дар мазраи[2] Парвину Чавзо[3] хеч нест...
Қуръа[4] афкандам барои фол, мӯрон саф заданд,
Нуқтаҳоро дона пиндоранду аммо хеч нест.

Мушфиқӣ гоҳо аз ин нодорамӣ, қашшоқии хеш ба тааччуб меояд, ҳайрон мешавад ва бо як оҳанги ҳазлу шӯхӣ ҳаёти вазнини худро ба шоҳ маълум мекунад:

Шунидаам, ки Самарқанд чаннати дунёст,
Чӣ одамам, ки дар ӯ гандуме намеёбам?!

Шоҳ баъзан ба адиб инъоми ночизе медод. Вале ҳамин инъоми ночизро ҳам муқаррабон, амалдорони Султон ба адиб намедоданд.

Масалан, аз китъаи поён маълум мешавад, ки меҳтар чакмани инъомкардаро ба шоир надодааст:

Подшоҳо! Чакмани инъомро меҳтар надод,
Дар либоси назм бо ӯ гуфтугӯ хохад шудан.
Чун ба таври оштӣ чизе аз ӯ ҳосил нашуд,
Чанги чакман дар миёни мову ӯ хохад шудан.

---

[1] *Муалло* – олӣ, баланд, боло.
[2] *Мазраъ* – чои зироат, киштзор.
[3] *Парвин, чавзо* – галаситора, дар ин чо ба маънои моҳҳои форсӣ Савр ва Чавзо, ки айёми дарав аст, омадааст.
[4] *Қуръа* – фол аз рӯи донаҳо.

Бечорагию нодорамӣ шоирро барвақттар пир кард. Дар мӯйҳояш сапедӣ, дар рӯяш ожанг пайдо кард. Мушфиқӣ дар як ғазалаш ҳаёти ғамангези онрӯзаашро бо дарду алам ба таври зайл баён кардааст:

Хуни дил мегиряму ашки чигаргун мехӯрам,
Пеш аз ин май мекашидам, ин замон хун мехӯрам.
Вах, ки дар ахли чавонӣ пир гаштам, Мушфиқӣ,
Чун нагардам пир аз ин ғамҳо, ки акнун мехӯрам?

Мушфиқӣ нобаробарии байни одамонро ба воситаи ҳаёти шахсии худ тасвир мекунад. Дар ин чо аз санъатҳои тазод ва муқобала ба хубӣ истифода бурдааст:

Ҳарифон хама бода дар чому сархуш,
Маро об дар дидаву хок бар сар.
На гардун ҳаводору ахтар мусоид,
На давлат мададгору иқбол ёвар.
Сари ман ба санги маломат шикаста,
Тани ман ба хоки мазаллат[1] баробар.

Пас аз марги Султон Саид аҳволи Мушфиқӣ аз пешина ҳам бадтар мешавад. Бинобар ин барои аз ин қашшоқӣ раҳо ёфтан ба сафари Ҳиндустон тайёрӣ мебинад. Дар Мовароуннаҳр овоза шуда буд, ки гӯё шоҳи Ҳиндустон Акбаршоҳ марди хирадманд, шеърдӯсту шоирпарвар аст. Аз ин рӯ, бештари аҳли қалам ба он тараф мусофират менамуданд. Мушфиқӣ ҳам соли 1577 ба Ҳиндустон меравад. Ӯро Акбаршоҳ қабул мекунад. Вале пас аз як сол, яъне соли 1578 боз ба ватан бар мегардад.

Мушфиқӣ дар як ғазалаш ишорат карда мегӯяд, ки ёру диёр азиз аст, аз онҳо чудо шудан бисёр ҳам мушкил, аммо ҳаёт мачбур намуд, зарурат пеш омад, ки ба кишварҳои бегона мусофират кунам, орзу доштам зиндагиям хуб шавад, вале ба мурод нарасидам:

Сафар кардам, фироқи дилрабое пеши ман омад,
Намерафтам, зарурат шуд, балое пеши ман омад.
Ғаму дарди чудоӣ кам шавад аз қатъи манзилҳо,
Ба ҳар манзил ғаму дарди чудое пеши ман омад.
Ба ғурбат мурдан осон менамуду зиндагӣ мушкил,
Чӣ кори мушкили осоннамое пеши ман омад.

Мушфиқӣ дар Ҳиндустон мебинад, ки ҳамаи мадҳу ситоише, ки дар бораи Акбаршоҳ карда буданд, ғалат, хаёли хом будааст, аҳли қалам иззату эътиборе надорад, аз омаданаш пушаймон мешавад ва роҳи Бухороро пеш мегирад:

Кардам сафари Ҳинду пушаймон шудам он чо,
Гардид бадал рӯзи сиёҳам ба шаби тор.
Дидам, ки агар боз наоям ба вилоят,
Хуни чигарам мехӯрад ин Ҳинди чигархор!

---

[1] *Мазаллат* – хорӣ, залилӣ.

Шоир пас аз сафари Ҳинд ба дарбори Абдуллохон роҳ меёбад. Ӯ дар як муддати кӯтоҳ дар байни аҳли дарбор обрӯ ва мақом пайдо мекунад. Ҳатто ба мартабаи маликушшуарой мерасад. Аз ҷиҳати иқтисодӣ ҳаёти шоир осуда ва пурнишот мегардад. Вале, мутаассифона, дар ин айём синни Мушфиқӣ аз шаст гузашта, пир шуда буд. Шоир дар як қитъааш ба ҳамин маънӣ ишорат карда мегӯяд:

Имтиҳон кардаанд пиру ҷавон,
Ҳеҷ кори фалак ба сомон нест.
Ком бахшад даме, ки ком намонд,
Нон ба вақте диҳад, ки дандон нест!

Мушфиқӣ ниҳоят дар шаҳри Бухоро соли 1588 ҷаҳонро падруд гуфт. Ҷасади ӯро дар мазори Шайх Ҷалол дафн карданд ва дар санги болои қабраш як байти ғазали ӯро сабт намуданд:

Ба хоки Мушфиқӣ он дам, ки дӯстон гузаранд,
Расад ба хотири эшон, ки хоксоре буд.

**Мероси адабии шоир**

Абдураҳмони Мушфиқӣ ба наслҳои оянда мероси гаронбаҳое боқӣ гузоштааст. Шоир дар аксарияти жанрҳои адабии назми адабиёти классикии тоҷик асар эҷод кардааст. Асарҳои Мушфиқӣ ба шакли маҷмӯа гирд оварда шуда, куллиёти ӯро ташкил медиҳанд. Ба куллиёти шоир асарҳои зерин дохил гардидаанд:

**1. Девони мутоибот (ҳаҷвиёт). 2. Ду девони ғазалиёт. 3. Девони қасоид. 4. Се маснавӣ: а) «Соқинома», б) «Гулзори Ирам», в) «Ҷаҳоннамо».**

Дар эҷодиёти Мушфиқӣ ғазал мавқеи асосиро ишғол мекунад. Аз ду девони ғазал, ки зиёда аз чаҳор ҳазор байтро ташкил медиҳад, равшан мегардад, ки Мушфиқӣ ба сурудани ин жанри шеърӣ бештар аҳамият додааст.

Ғазалҳои шоир чи аз ҷиҳати шакл ва чи аз ҷиҳати мазмун ба ғазалҳои адибони гузашта комилан наздиканд. Асосан ғазалиёти шоир аз 6–7 байт иборат буда, мавзӯъҳои мухталифро дар бар мегиранд. Мавзӯи ишқ, яъне созу сӯзи ошиқ, бераҳмию истиғнои маъшуқ, озору ранҷи ағёр ва ғайра дар ғазалиёти Мушфиқӣ ҷои асосиро ишғол менамояд.

Абдураҳмони Мушфиқӣ дар сурудани ғазал асосан ба Ҳасани Деҳлавӣ ва Камоли Хуҷандӣ пайравӣ кардааст:

Назми ту, Мушфиқӣ, ба камоли Ҳасан расид.
Ту гуфтай, ки пайрави пири хуҷандиям[1].

Ғазалиёти Мушфиқӣ сода ва равон буда, шоир ибораю таъбирҳои халқиро устодона истифода бурдааст. Устод Айнӣ ба эҷодиёти Мушфиқӣ баҳои арзанда дода, баъзе ғазалҳои ӯро ҳамчун намунаи олии шеър дар адабиёти классикии тоҷик қайд кардааст. Масалан, дар бораи ғазале, ки бо чунин матлаъ оғоз ёфтааст:

Дар ғамаш дилро фиғору хаста мегӯем мо,
Аҳли дардем, ин сухан дониста мегӯем мо.

---

[1] *Пири хуҷандӣ* – Камоли Хуҷандиро шоир дар назар дорад.

Устод Айнӣ мегӯяд: «Ғазале, ки сар то ба пояш мисли ин ғазал хуб, латиф, равон афтад, кам аст».

Мушфиқӣ рубоиро низ хеле хуб сароидааст. Рубоиёти ӯ дар девонҳои ғазалиёташ ҷамъ оварда шудаанд. Дар рубоиёти шоир фикрҳои панду ахлоқӣ, танқиди замон, ишқу муҳаббати инсонӣ, тасвири табиат ва ғайра ифода ёфтаанд.

Чунончи, дар рубоии зерин Мушфиқӣ фаро расидани фасли зимистон, боридани барфи аввал, хазон гаштани баргҳои дарахтон, ба замин афтодани гулу бунафшаро хеле шоирона ба қалам додааст:

Авроқи баҳор рафт барбод ҳама,
Овора шуд аз хазони бедод ҳама.
Гул буду бунафша буду сунбул дар боғ,
Аз нохушии барф барафтод ҳама.

Дар эҷодиёти Мушфиқӣ пас аз ғазал жанри қасида меистад. Девони қасоиди шоир аз 3000 байт иборат аст. Қасидаҳои Мушфиқӣ аз ҷиҳати шакл ба қасидаҳои адибони гузашта монанд буда, аз рӯи мазмуну мундариҷа ба қасидаҳои мадҳии шоирони дарбор наздикӣ доранд. Аксарияти қасидаҳои Мушфиқӣ мадҳӣ буда, ба таърифу тавсифи хонҳои шайбонӣ, махсусан, Султон Саид ва Абдуллохон бахшида шудаанд. Бояд гуфт, ки муаллифи асари таърихӣ «Абдуллонома»–Ҳофизи Таниш, чанде аз ин қабил қасидаҳои Мушфиқиро ба асараш дохил кардааст. Аз ин рӯ, теъдоди қасидаҳои шоир барои омӯхтани таърихи асри XVI халқҳои Осиёи Миёна аз аҳамият холӣ нестанд. Инчунин насиб, тағаззули қасидаҳои Мушфиқӣ, ки дар онҳо бештар табиату зебоиҳои он васф карда мешаванд, қимату арзиш доранд.

Мушфиқӣ, баъзан дар насиби қасидаҳо ҳолатҳои рӯҳӣ ва ҳаёти иҷтимоии рӯзгорро низ инъикос карда, пас ба асли мақсад – таърифу ситоиши мамдӯҳ бармегардад. Чунончи, дар насиби қасидаи «Шикоят аз зулм» Мушфиқӣ, пеш аз ҳама, дар бораи аҳволи баду, зиндагии қашшоқонаи мардум ҳарф мезанад:

То кай нидонӣ ҳодиса даври замон диҳад?
Кас нест дар ҷаҳон, ки қарори ҷаҳон диҳад!
Сар то ба пой донаи ашк аст хӯшавор,
Дар гӯшае, ки оҷизи бетӯша ҷон диҳад.

Баъд аз ин шоир сабаби ин гуна бадбахтии мардум, вайронии мулкро шарҳ дода, нишон медиҳад, ки дар ҳамаи ин корҳо дороён айбдоранд. Ҳокимон, амалдорон мисли Осаф девҳое ҳастанд, ки ба ҷуз бадӣ ва бадандешӣ ба халқ дигар коре надоранд:

Осаф, ки дев бошаду девон ба ҳукми ӯ,
Назми умури мулки Сулаймон чӣ сон диҳад?

Ниҳоят, баъди ин Мушфиқӣ ба мадҳи Абдуллохон гузашта, ӯро таърифу ситоиши зиёд мекунад. Ҳамин зайл насиб дар қасидаҳои шоир ниҳоят

кам аст.

Мутоиботи шоир хеле зиёд буда, дар жанрҳои қитъа, маснавӣ, ғазал, қасида ва ғайра гуфта шудаанд.

**Мундаричаи идеявии ғазалиёт ва мутоиботи шоир**

Мушфиқӣ дар бисёр ғазалҳояш садои эътирози худро аз замона, аз золимон баланд карда, дар баробари ин хайрхоҳӣ, некандешии худро нисбат ба омма нишон дода мегӯяд, ки рӯзе ин даври зулмпарвар хароб мегардад ва халқи ҷафодида аз кулфату ғам раҳо меёбад:

Замона, Мушфиқӣ, меҳнатсарой аст.
Бувад рӯзе, к-аз ин меҳнат бароем.

Ё ки:

То кай фалак ниҳад ғами олам ба ҷони ман,
Хоҳам зи гиря олами ӯро хароб кард.

Мушфиқӣ дар ғазалҳояш ҳаёти вазнини худро бо сӯзу гудоз тасвир кардааст. Дар ҳақиқат, аҳволи зиндагии Мушфиқӣ, чунон ки аз тарҷумаи ҳолаш маълум аст, хеле сахт буд, нони серию ҷои мерафтагӣ надошт:

Дармони дил куҷост, ки баҳри даво равам,
Бечораам, илоҷ надорам куҷо равам?

Ё ки:

Рӯзу шаб саргашта медорад маро даври фалак,
Кас намедонад, ки дар толеъ чӣ кавкаб доштам.

Шоир дар образи қаҳрамони лирикӣ ҳаёти ноосуда ва ғамангези аҳли каламро ҷамъбаст кардааст.

Ба ин гуна ашхос бахт ёвар намешавад, умрашон поён меёбаду ба муродашон намерасанд, – мегӯяд ӯ:

Рӯи муроде ҳаргиз надидам,
Аз номуродӣ умрам сар омад.

Ё ки:

Гулбуни фирӯза ҳаргиз бар муроди ман нарафт.
Умрҳо рафту надидам бахти фирӯзе чунин.

Шоир ҳамаи инро аз нобаробарии байни гурӯҳҳои ҷамъиятӣ, зулму тааддӣ, беадолатии синфи ҳукмрон медонад. Ӯ дар як ғазалаш вазъияти рӯзгорро қайд карда, «мусулмонӣ намонд» мегӯяд. Зимни ин ибора ӯ вайронии одобу ахлоқ, беадолатии шоҳону ҳокимони рӯзгорашро дар назар дорад:

Дурди май даврон ба мо з-ин маҷлиси фонӣ намонд,
Давр охир гашту инсофу мусулмонӣ намонд.
Гиряи чашми ману борони ғам таскин наёфт,
То бинои хонаи ман рӯ ба вайронӣ намонд.

Мушфиқӣ бо вуҷуди ҳамаи қашшоқию бечорагӣ ба пастфитратӣ роҳ надодааст. Ӯ инсонро дар чунин ҳолатҳои душвор ба қаноат ва сабру таҳаммул даъват кардааст, зеро ин ҳама мегузарад:

Зи макоми бенавой гила нест Мушфикиро,
Гузарост ин гадой зи ҳазор даври шоҳӣ.

Шоир одамонеро, ки аз пайи сарвату бойгарӣ, симу зар гашта, виҷдону шарафи худро поймол месозанд, мазаммат кардааст:

Ба ишқу оташи дил сохтем аз олами фонӣ,
Хаёли сим кам дорему савдои заре камтар.

Бояд эътироф кард, ки фош кардани нуқсонҳои ҷамъияти феодалӣ, танқиди рӯирости подшоҳону ҳокимон дар эҷодиёти Мушфиқӣ назар ба адибони гузашта, мисли Восифӣ, Ҳилолӣ, Биноӣ хеле заиф аст. Ӯ дар баёни ин масъалаҳо то андозае худдорӣ кардааст. Шоир дарду алами зиёд дорад, вале замона ба даҳонаш мӯҳри хомӯшӣ задааст:

Чун номаам ҳазор сухан дар таҳи дил аст,
Мӯҳре ниҳода бар лабу хомӯш кардаам.

Шоир танҳо шахсони алоҳидаро ҳаҷву танқид кардааст. Аз ин ҷост, ки дар девони мутоиботи ӯ ҳаҷвҳои сахти сиёсиву иҷтимоӣ кам аст. Масалан, Мушфиқӣ намояндагони табақаи болои ҷамъиятӣ Арбобзода, Лаҳмии Баззоз, Хочаи Моллор, Сидқӣ, Мулло Маҳмуд ва Масъуди Сармоядорро ҳаҷву масхара кардааст. Мушфиқӣ дар намунаи зер хислатҳои мумсикӣ, гуруснаҷашмӣ, зарпарастии Масъуди Сармоядорро ҳаҷв намуда, ҳатто марги ӯро орзу дорад:

Дар кори ту, Масъуд, аҷал дер кунад,
Вақт аст, ки зӯр оваралу зер кунад.
Аз симу зари ҷаҳон нашуд чашми ту сер,
Чашмони туро хоки лаҳад сер кунад.

Мушфиқӣ дар ҳаҷви Мулло Маҳмуди Гелонӣ зиёда аз 88 байт гуфтааст. Шоир фосиқӣ, аҳмақӣ, бедонишии муллои мазкурро танқид карда, ӯро ба образҳои манфии адабиёт монанд мекунанд. Чунончи, муллоро ба ғунда ташбеҳ додааст:

Мулло, ки ба сар ниҳода полонеро,
Пур карда зи заҳри ғӯнда анбонеро.
Кораш ҳама озори мусулмонон аст,
Ғунда нагазад ҳеҷ мусулмонеро.

Шоир дар рубоиёти дигар бадкирдориҳои Маҳмудро сарзаниш карда гуфтааст:

Маҳмуд, дили ту рӯй дар шар дорад,
Феъли бади ту балои дигар дорад.
Бардоштаанд мардумон дасти дуо,
Аз рӯи замин худо туро бардорад!

Абдураҳмони Мушфиқӣ дар шеъри «Тақсими мерос» нобаробарии байни одамони ҷамъият ва махсусан байни занону мардонро нишон дода, нозукона ва бо камоли маҳорат ин амали ноодилонаро ҳаҷв менамояд.

Ҳангоме ки бобои қаҳрамони лирикӣ вафот мекунад, ӯ мероси боборо бо ҳамширааш тақсим намуда, ҳама чизро худаш соҳиб мешавад. Дар ин шеър адиб аз санъати тазод ва муқобила ба хубӣ истифода бурдааст:

Хамшира, харчи мотами бобо аз они ту,
Сабр аз ману масорифи курро[1] аз они ту.
Анбори пур зи галлаи бобо аз они ман,
В-он коҳҳои монда ба саҳро аз они ту.
Ин чомахобу бистару болин аз они ман,
Бетоқатию нолаи шабҳо аз они ту.
Танбӯри пур зи ҳотами бобо аз они ман,
В-он нагмаҳои тарнатаранию аз они ту.
Аз рӯи хона то ба лаби бом аз они ман,
Аз рӯи бом то ба Сурайё[2] аз они ту.
Мардум гусел кардану шистан аз они ман,
Такфини хоб кардани бобо аз они ту.
Рафтан ба сӯи кабру нишастан аз они ман,
Дасторхони чалпаку халво аз они ту.

**Мушфиқӣ–қаҳрамони латифаҳои халқӣ**

Халки точик ба Мушфикӣ ва эчодиёти ӯ меҳру муҳаббати зиёд дорад. Чунон ки аз тарчумаи ҳоли шоир маълум аст, Мушфикӣ шахси ҳозирчавоб, кофиягӯ ва хуштабъ будааст. Аз девони мутоиботи шоир равшан мегардад, ки ӯ душманонашро беибо, нотарсона ва гоҳ-гоҳ балоҳатан ҳачву масхара намуда, ҳамеша дастболо мешавад. Илова бар ин, Мушфикӣ дар ҳачвиёти худ калимаю ибораҳои маъмул, образу сюжетҳои халқиро бештар истифода мебарад. Ҳатто баъзе газалу рубоиёте низ дорад, ки тамоман ба асарҳои халқӣ наздиканд. Масалан, ба рубоии зерин диккат диҳед:

Ҳар гаҳ чамани кӯи туро ёд кунам,
Сад оҳу фигон аз дили ношод кунам.
Дур аз гули рӯи ту чунонам, ки дигар,
Булбул шаваму ҳазор фарёд кунам.

Намунаи боло дар байни халқ ниҳоят паҳн шуда, асари халқӣ гардидааст. Равонию содагӣ, салосати сухан ва оҳангнокии рубоии боло рубоиёти халқиро ба ёд меоварад.

Бино бар сабабҳои боло, ки мардуми меҳнаткаш ба ӯ ихлоси зиёд доштанд, Мушфиқиро қаҳрамони латифаҳои худ интихоб кардаанд. Дар латифаҳои халқӣ Мушфикӣ ҳамчун қаҳрамони мусбат амал мекунад. Ӯ подшоҳ, амирон, вазирон ва дигар одамони табақаи болои чамъиятиро ҳачву масхара мекунад ва мағлуб месозад. Масалан, дар латифаи «Худои 17999 олам», «Пешгоҳнишин шудагӣ» беадолатӣ, зулму истисмори амири Бухоро, тарзу усули нодурусти давлатдории ӯро ҳачву мазаммат кардааст.

---

[1] *Масорифи курро*– харчу сарфи гӯру чӯб.

[2] *Сурайё* – осмон, фалак.

«Рӯзе амири Бухоро ба Мулло Мушфиқӣ гуфт:

– Агар ман як рӯз тахти худамро ба ихтиёри ту супорам, дар ҳаққи ман чӣ гуна дуо мекунӣ?

Мушфиқӣ ҷавоб дод:

– Дуо мекунам, ки худои 17999 олам ба Шумо амирии охиратро бахшад (яъне бимиред).

– То ҳол, – гуфт амир, – мардум дар вақти дуо «Худои 18 ҳазори олам» мегуфтанд, ту чаро як оламро кам кардӣ?

– Зеро як олам мамлакати Шумо буд, ки аз «шарофати» ҳукмронии Шумо тамоман несту нобуд шуд ва «дар натиҷа 17999 олам боқӣ монд».

Ба ҳамин тариқ, пас аз марги шоир дар байни халқ латифаю мутоибхои зиёде пайдо шудаанд, ки онҳоро мардум ба шахсияти Мушфиқӣ нисбат додаанд. Вале дар ҳақиқат бештари онҳо ба ҳаёти адиб ҳеҷ алоқае надоранд. Дар оянда доманаи ин ташаббус васеъ мегардад ва доир ба ҳаёту амалиёти Мушфиқӣ латифаю мутоибаҳои сершумор дар байни мардум иншо мегардад.

## НАЗАРИЯИ АДАБИЁТ

**Ҳаҷв ва мутоиба**. Нависанда дар жанрҳои гуногуни бадеӣ – қасида, ғазал, рубоӣ, қитъа ва ғайра камбудию нуқсонҳои ҳаёти ҷамъиятиро ошкор сохта, хислатҳои ношоистаи одамонро танқид мекунад ва муносибати шахсии худро нисбат ба ҳодисаю воқеаҳо ва одамон равшан месозад.

Нависандагони ҳаҷвнигор баъзан фикру андешаҳои худро рӯирост, бебокона ба қалам дода, қисми дигарашон пардапӯшона, ба таври киноя баён кардаанд. Махсусан, ҳаҷвиёти Носири Хусрав, Умари Хайём, Убайди Зоконӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Восифӣ, Аҳмади Дониш ошкоро ва бепарда гуфта шудаанд. Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва дигарон дар эҷодиёти худ аҳли ҷоҳ ва ашхоси дигарро бештар пардапӯшона мазаммат кардаанд.

Ғайр аз ин, дар таърихи адабиёти тоҷику форс баъзе адибон шахсони алоҳидаро бо суханони қабеҳ ва кӯчагӣ ва бешармона ҳаҷву масхара намудаанд.

Баъзе адибон барои вақтхушии шоҳу ҳокимон якдигарро бо ҳамин гуна алфози қабеҳ ҳаҷв мекарданд, суханони дурушт ва беодобона мегуфтанд. Як қисми шеърҳои ҳаҷвии Сӯзании Самарқандӣ (а. XII), Салмони Соваҷӣ (а. XIV) Абдураҳмон Мушфиқӣ (а. XVI), Ошӯрмуҳаммади Рамзӣ, Раҷаби Дониш, Турсуни Ҷалолӣ, Муҳаммадшоҳи Узлат (асрҳои XVIII – XIX) ва дигарон бо чунин услуб иншо шудаанд.

Инчунин нуқсону иллатҳои рӯзгор, феълу атвори одамони ҷамъият бо тарзи мутоиба низ танқид ва мазаммат карда мешаванд. Мутоиба аз ҳаҷв бо он фарқ мекунад, ки танқиди нависанда лутфомез аст. Хонанда пас аз

мутолиаи он хушҳол мешавад. Мутоиба ҳам бо назм ва ҳам бо наср иншо мегардад. Дар эчодиёти даҳонакии халк мутоиба бо номи латифа машҳур аст. Латифаҳои халқӣ ҳам дорои чунин хусусиятҳо мебошанд. Дар адабиёти бадей мутоиботи Мушфиқӣ ва махсусан шеъри «Таксими мерос» намунаи хуби мутоиба ба ҳисоб меравад.

**Савол ва супориш**

1. Зиндагии Мушфиқӣ чӣ хел гузашт? 2. Пас аз вафоти падар ба Абдураҳмон кӣ кӯмак расонд? 3. Чаро Мушфикӣ аз Бухоро ба Самарканд меравад? 4. Ҳаёти Мушфикӣ дар Самарканд чӣ хел мегузарад? 5. Чаро ки Мушфикӣ ба Ҳиндустон сафар кард? 6. Сабаби аз Ҳинд баргаштани ӯро дар чӣ мебинед? 7. Ҳаёти минбаъдаи шоир чӣ хел мегузарад? 8. Асарҳои Мушфикиро номбар кунед. 9. Бештар дар эчодиёти ӯ кадом мавзӯъҳо инъикос ёфтаанд? 10. Мазмун ва идеяи шеъри «Тақсими мерос»-ро гӯед. 11. Мутоиботи Мушфикӣ чӣ хусусиятҳои ба худ хос доранд? 12. Чаро Мушфикӣ қаҳрамони латифаҳои халқӣ шудааст?

*Рӯйхати адабиёти илмӣ ва методӣ*

1. З. Аҳрорӣ, Абдураҳмон Мушфикӣ, «Дониш», Душанбе, 1978.

2. Т. Миров, Дастури методии «Адабиёти тоҷик» барои синфи 9. «Маориф». Душанбе, 1986.

# АДАБИЁТИ АСРҲОИ XVII–XVIII ВА НИМАИ ЯКУМИ АСРИ XIX

Адабиёти бадеӣ инъикоскунандаи ҳодисаю воқеаҳои сиёсиву иҷтимоии ҳар як давру замон аст. Аз ин рӯ, инкишофу таназзули он ба вазъияти сиёсӣ ва иқтисодӣ сахт алоқаманд мебошад. Агар аз ҳамин нуктаи назар вобаста ба масъалаҳои таърихӣ хусусиятҳои адабиёти ин асрҳоро дида бароем, бисёр масъалаҳо равшан мегарданд.

Пеш аз ҳама ҷамъияти феодалӣ таназзул ёфта, аҳволи оммаи меҳнаткаш рӯ ба харобӣ овард. Ҷангҳои пай дар пай, иваз шудани сулолаҳо боиси вайронии кишвар ва фақиру бенаво гардидани мардум гардид. Ба ҷои сулолаи Шайбониён омадани Аштархониён ва онро дар охир иваз намудани манғитиён барои инкишоф ёфтани қувваҳои эҷодӣ дар ин сарзамин роли манфӣ бозид. Агар, аз як тараф, ин ҷангу хунрезиҳо боиси талаф ёфтани садҳо ҳазор одамони бегуноҳ, мардуми бечора шуда бошанд, аз тарафи дигар, ҳаёти иқтисодии мамлакат хеле заиф гардид. Дар асри XVII бисёр деҳаҳо, заминҳои ҳосилхез вайрон ва худи деҳқонон хонахароб ва қашшоқ гардиданд. Бисёри онҳо манзили худро тарк карда, барои пайдо намудани қути лоямут рӯ ба шаҳрҳо оварданд. Гумон доштанд, ки аҳволи шаҳриён хуб аст ва онҳо низ соҳиби як бурда нон мешаванд. Илова бар ин, дар як қатор деҳоти Самарқанду Бухоро ва дигар ноҳияҳо деҳқонони хонасалотшуда ба ҷон омада, ба муқобили ҳамаи ин беадолатиҳо шӯб бардоштанд. Мисоли равшани ин ошӯби деҳқонони деҳаи Даҳбед шуда метавонад. Сайидо маҳз ба ҳамин воқеаҳои мудҳиш ишорат намуда «Тифлони ширмасти ман имрӯз шергир», – мегӯяд. Аммо бояд гуфт, ки Ҳиндустон дар ин асрҳо то андозае оромтар буд. Махсусан дар замони ҳукмронии Шоҳиҷаҳон (1627–1657) ва фарзанди ӯ Аврангзеб (1658–1707) илму адаб хеле пеш рафт. Маҳз дар ҳамин давра мардони бузург, ҷавонони боистеъдод бо сабабҳои нодорӣ, қашшоқӣ, зулму тааддӣ Мовароуннаҳру Хуросонро тарк карда ба Ҳиндустон рафтанд ва онҳо дар ин кишвар чароғи илму маърифат ва адабро боз ҳам фурӯзонтар намуданд. Махсусан дар айёми ҳукмронии Субҳонқулихон (1680–1702) аҳволи аҳли қалам вазнин гашта, зиндагӣ душвор мегардад. Зиндагӣ маҷбур кард, ки шоирони боистеъдод Ҷалоли Китобдор, Муфиди Балхӣ, Дастури Насафӣ, Мунъими Бухороӣ, Хоҷа Сомеи Содот, Ғубор, Насим, Маҳрам, қариб 50 нафар тарки ёру диёр кунанд. Онҳо дар сарзамини Ҳинд барои равнақу ривоҷи адабиёт ва инкишофи забони тоҷикӣ ҳиссагузор мебошанд. Заҳмати он адибоне, ки ба Ҳиндустон рафта буданд, зоеъ нарафт. Дар ин сарзамин мактаби адабии тоза ва пурфайзе бунёд гашт. Намояндагони барҷастаи ин мактаб Урфии Шерозӣ, Нозирии Нишопурӣ, Файзии Даканӣ, Абӯтолиби Калим, Соиби Табрезӣ, Абдулқодири Бедил, Ғании Кашмирӣ ва дигарон ба эҷодиёти адибони Осиёи Миёна, Хуросон ва Эрон таъсири калон расонданд.

Ба ҳамин тарик, дар Мовароуннаҳру Хуросон мисли асрҳои пешин адабиёт ҳам дар дарбор ва ҳам берун аз он амал мекард. Баъзе қаламкашон дарборро интихоб карда, дар он ҷо асар эҷод мекарданд. Онҳо шукӯҳу ҳашамати амиру ҳокимонро ситоиш намуда, барои рӯзгори хеш қути лоямут пайдо менамуданд. Муаллифи тазкираи «Тӯҳфатулаҳбоб» Возеҳ дар бораи Рамзӣ, ки дар назди амир Ҳайдар обрӯ ва эҳтироми зиёд дошт, чунин мегӯяд: «Амири Саид (амир Ҳайдар) ӯро ба мунодимат ва мусоҳиботи худ мубоҳӣ ва муфтахар гардонида. Ва дар мадҳи он ҷаноб ӯро қасоиди хуби ғаррост ва ғазалиёти бисёр дорад».

Як ҷиҳати фарққунандаи шоирони дарбории ин асрҳо аз мадҳсароёни давраҳои гузашта дар он аст, ки онҳо илова ба қасоиди мадҳиашон боз дар ғазалҳои худ амиру вазиронро ситоиш намуда, ғазалҳои мадҳӣ гуфтаанд.

Масалан, Ошӯрмуҳаммади Рамзӣ дар ғазали зер амир Ҳайдарро ба тариқи зайл васф намудааст:

Абр аст чун кафат, кунад ар лаълу дур нисор.
Моҳ аст чун рухат, диҳад ар шохи гул ба бор.
Наргис бувад чу чашми ту, гар ҷон диҳад ба лутф.
Сунбул бувад чу мӯи ту, гар ғул газад чу мор.
Маҳбуби оламӣ агар аз ҷони дил мудом,
Ҳастӣ ғуломи даргаҳи шоҳи фалакмадор.
Султони дин, имоми замон, хусрави замин,
Дорои аср, амири ҷаҳон, шоҳи номдор.

Ғайр аз ин, шоирони дарбор ба воситаи ашъори хеш мардумро панду андарз дода, онҳоро ба роҳи дину диёнат даъват менамуданд. Ба ин восита мардумро аз охират, аз дӯзах метарсониданд. Чунончи, Рӯҳӣ мегӯяд:

Намедонам мани муҷрим чӣ хоҳам кард дар маҳшар,
Зи по то сар ҳама ҷурмам, чӣ хоҳам кард дар маҳшар.
Ҳама умрам фано кардам, пайи нафсу ҳаво кардам,
Ба худ ҷавру ҷафо кардам, чӣ хоҳам кард дар маҳшар.

Дар он рӯзгор дарбори Умархон қадамгоҳи адибон қарор гирифта буд. Зеро Умархон ва завҷаи ӯ Нодира ҳунари шоирӣ дошта, ҳам ба забони ӯзбекӣ ва ҳам тоҷикӣ шеър эҷод мекарданд. Умархон барои шаъну шӯҳраташро зиёд кардан аз ҳар кишвару диёр шоиронро даъват менамуд. Мавзӯи эҷодиёти адибони ин қарнҳоро андешаҳои тарбиявию ахлоқӣ, дӯстӣ, меҳнат, мазаммати золимон, ситоиши аҳли ҳунар ва амсоли ин ташкил медод. Масалан, дар порчаи зер Ҳозиқ таъкид менамояд, ки дар ҷомеа золимон қадри бештар доранд. Агар сервату дорой надошта бошӣ, хорӣ, бекадрӣ:

Олиме аз дар дарояд бо ҳазорон илму фазл,
Таънаҳо созанд, ки солус аз пайи нон омадаст.
Золиме аз дар дарояд бо ҳазорон ҷабру зулм,
Хона ороянд, к-ӯ аз назди султон омадааст.

Носеҳи Хатлонӣ дар маснавиҳои ахлоқиаш «Маҷлисафрӯз», «Ҳайратангез» ва «Ҳадиқатуррасул» маҳз зулму золимии як гурӯҳ ҳокимони зулм-

парварро нишон дода, ба ҳимояи фақирону бечорагон ва ҷабрдидагон бармехезад. Шоир ба амир хитоб карда чунин мегӯяд:

Омилонат сагмиҷозу гургхӯй,
Ҷой карда дар раҳи саҳрою кӯй.
Моли мардумро ба горат мебаранд,
Тӯъмаҳо аз хони мардум мехваранд[1].
Худ бидеҳ инсоф, к-ин чӣ сарварист!
Ин чӣ мирию раъиятпарварист?!

Ҷунайдулло Ҳозиқ ба шоҳону дигар аркони давлат таъкид менамояд, ки давлатдорӣ ин тавр набояд шавад. Бояд подшоҳ кӯшиш кунад, ки давлат осоишта, мардум осуда гардад, дуздию харомхӯрӣ набошад:

Баҳри он подшоҳ кард Худо,
Ки низоми ҷаҳон бувад барпо.
Яъне кас моли дигаре нахӯрад,
Сари мазлум золиме надурад.
Шоҳ бояд хӯрад ғами олам,
На ки з-он оламе фитад дар ғам.

Барои ҳамин Мирзо Содиқи Муншӣ ба подшоҳи вақт маслиҳат медиҳад, ки худат раиятро тороҷ макун ва ба дигарон нагузор, ки чун гург дар рама халқро талаю тороҷ кунанд ва насиҳаташро бо байтҳои Саъдии Шерозӣ ҷамъбаст менамояд.

Раият ба тороҷу афғон мадеҳ,
Шубонӣ, ғанамро ба гургон мадеҳ.
Ҳамин байти Саъдӣ ба ход ёд ор,
Ки дар «Бӯстон» аст з-он ёдгор.
«Худоро бар он банда бахшоиш аст,
Ки халқ аз вуҷудаш дар осоиш аст».
Туро дода ҳақ мансаби доварӣ,
Ки бояд ғами зердастон хварӣ.

Шоир дар ғазали дигар таъкид менамояд, ки агар аз ҷабру ситам намудани бечорагон, умуман оммаи заҳматкаш ҳазар накунӣ, роҳи адолатро пеш нагирӣ, рӯзе мерасад, ки аз оҳу нола, аз ашки чашми бечорагон тӯфоне пайдо мешавад ва шумо золимонро нест мекунад:

Ҳазар, эй ошно, аз оби чашми хонавайроне,
Ки дорад ин муҳити бекарон ҳар гӯша тӯфоне.
Ба чашми кам мабин чашми пуроби мустамандонро,
К-аз ин сарчашма ҳар ҷониб равон гардад Уммоне.

Аксарияти шоирони пешқадам аз ҳамаи ин шӯру шар, беадолатиҳо халос шуданро дар он мебинанд, ки бояд аз ҷамъияти онҳо, муҳити онҳо худро канор гиранд. Аз байни онҳо гурезанд. Чунончи Муҳаммадраҳими Ғармӣ ба ин маънӣ мегӯяд:

---

[1] *Мехваранд* — мехӯранд.

Акнун биё, ки толеат шуд вожгун, гурез!
Аз мардумони бехиради габру дун, гурез!
Ин мардумон ба фитнаю шуғли фасодҳо,
Доранд ҳамеша дар талаби бӯи хун, гурез!

Албатта, ин ақида маҳдудияти фикрии шоир аст. Роҳи халосиро намедонист ва аз ин ҷост, ки оммаро ба мубориза даъват накарда, гурехтан ва аз балоҳо раҳо ёфтанро афзал донистааст.

Аммо бояд хотиррасон кард, ки намояндагони адабиёти пешоҳанг Сайидои Насафӣ, Бедил, Малеҳои Самарқандӣ, Мулҳами Бухороӣ, Ҷунайдуллои Ҳозиқ, Гулханӣ, Мирзо Содиқи Муншӣ, Носеҳи Хатлонӣ ва дигарон дар нигоҳ доштани анъанаҳои беҳтарини адабиёти даврахои гузашта хизмати шоиста доранд. Онҳо аз гузаштагон илҳом гирифта, доир ба масъалаҳои мухталифи рӯзгор зимни образҳои бадеӣ фикру андешаҳои судбахши худро ба қалам додаанд. Инак, шуморо ба ҳаёту эҷодиёти баъзеи онҳо шинос менамоем.

**Малеҳои Самарқандӣ**

Муҳаммадбадеъ Малеҳои Самарқандӣ соли 1641 дар шаҳри Самарқанд таваллуд ёфтааст. Падараш, ки соҳиби фазлу дониш буд, бевосита ба тарбияи фарзанд машғул шуда, ӯро дар як муддати кӯтоҳ соҳиби хату савод мегардонад. Пас Малеҳо таҳсили худро дар мадраса давом дода, то синни 30-солагиаш илмҳои маъмули замонаашро аз худ менамояд. Дар ин давра Малеҳо шеър ҳам менависад. Вале шеърнависии ӯро падараш фаҳмида сарзаниш мекунад. Зеро падараш намехост, ки шоир шаваду ба дарбор равад ва амиру ҳокимонро мадҳу ситоиш кунад. Бо вуҷуди ин Малеҳо боз шеър мегӯяд. Акнун дар байни падару писар дар ин хусус гуфтугӯи ҷиддӣ ба амал меояд. Мувофиқи ин гуфтугӯ бояд Малеҳо шеър нависад, аммо барои тамаъ не. Ҳаргиз амиру ҳокимони вақтро ситоиш накунад. Ҳамин тавр ҳам шуд. Малеҳо то охири умр касеро мадҳ накардааст.

Малеҳо пас аз вафоти падар (с. 1669) боз 7 соли дигар илму адаб меомӯзад ва яке аз шахсони донишманди замон мегардад. Вале ба коре машғул намегардад. Зеро ҳанӯз аз хурдӣ орзу дошт, ки ба кишвару ноҳияҳои гуногун сафар кунад, бо аҳли илму адаб ҳамсӯҳбат шавад ва дар бораи бузургони илму адаб асаре нависад. Барои амалӣ гардидани ин орзу соли 1675 Малеҳо ба Бухоро омада, ҳамроҳи элчии Эрон ба пойтахти он шаҳри Исфаҳон меравад ва дар тӯли 3 сол бисёр шаҳру ноҳияҳои Эрон ва Хуросонро саёҳат менамояд, бо шоирон ва арбобони илму маданият вомехӯрад. Бо эҷодиёти онҳо шинос шуда, намунаҳои осори онҳоро бо худ мегирад. Пас аз бозгашт ба навиштани тазкираи худ машғул мегардад. Малеҳо тазкираашро дар соли 1692 ба анҷом мерасонад ва ба он номи «Музаккируласҳоб»-ро мегузорад. Дар ин тазкира баъзе намунаҳои эҷодиёти худи муаллиф низ дохил шудаанд. Фарқи «Музаккируласҳоб» аз дигар тазкираҳо дар он аст, ки Малеҳо тарзи зиндагӣ, хислату характери шоиронеро, ки бо онҳо ҳамсӯҳбат шудааст тасвир карда, дар бораи инҳо маълумот додааст. Илова бар ин ба ҳар шаҳру ноҳияе, ки мерафт,

бо доирахои адабӣ шинос шуда, дар бораи ин доираҳо ба тафсил сухан меронд.

Аз ин ҷиҳат маълумотҳои додаи Малеҳо дар ин хусус аҳамияти калони илмиву адабӣ доранд. Умуман тазкираи «Музаккируласҳоб» сарчашмаи мӯътамадест барои равшан намудани ҳаёти илмиву адабии Эрон, Ҳуросон ва Осиёи Миёнаи асри XVII.

Малеҳои Самарқандӣ дар нимаи аввали асри XVIII дар шаҳри Самарқанд вафот кардааст.

Ӯ то охири умр дар мадрасаи Шайбонихон ба таълиму тарбияи толибилмон машғул будааст.

Малеҳо дар тазкирааш ба шоирони ҳунарманд ва махсусан ба он касоне, ки аз табақаи поён баромадаанд, ҳусни таваҷҷӯҳи зиёд дорад. Масалан, дар бораи Фитрати Зардӯз бо муҳаббат сухан ронда чунин мегӯяд:

**Фитрати Зардӯзи Самарқандӣ.** «...беназиру монанд аст, ки мислаш на дар Бухоро ва на дар Самарқанд аст..., Зардӯзест, ки нақшу нигори қорашро сафои гули наврӯзист. Чошнии шеъраш баланд аст, қавоми маънияш ҳамчун қанд аст, ашъори намакинаш маъниест, ҳама қобили таҳсин ва лоиқи офарин (аст)».

Чунон ки Малеҳо гуфтааст, Фитрат шоири ҳунарманд будааст ва бо пешаи зардӯзӣ зиндагиашро пеш мебурдааст. Барои ҳамин ҳам тахаллусашро мувофиқи пешааш Зардӯз интихоб кардааст. Фитрат соли 1657 дар Самарқанд ба дунё омадааст. Пас соли 1685 ба Бухоро омада, ба касби зардӯзӣ машғул мегардад. Ӯ дар нимаи аввали асри XVIII дар Бухоро вафот кардааст.

Аз Фитрат то имрӯз шеърҳои пароканда ва достони «Толибу Матлуб» омада расидаанд. Достони шоир ишқӣ буда, дар пайравии достонҳои ишқии шоирони гузашта суруда шудааст. Як фарқи калони «Толибу Матлуб» аз достонҳои ишқии адибони гузашта, пеш аз ҳама, дар он аст, ки қаҳрамонони асосии он намояндагони табақаи поёни ҷамиятанд. Дар ин достон дар бораи ишқу муҳаббати косиби ҳунарманд Толиб ба шоҳдухтар Матлуб сухан меравад. Маҳз Толиб бо ҳусну ҷамол, бо меҳнати ҳалол ва умуман бо ҳунари зебои худ ба Матлуб маъқул мешавад. Ишқи онҳо поку беолоиш аст. Махсусан Фитрат бузургӣ, меҳру муҳаббат, азобу машаққати модарро боварибахш ва воқеӣ дар симои модари Толиб ҷамъбаст намудааст.

**Ҷунайдуллои Ҳозиқ.** Ҳозиқ дар солҳои 80-уми асри XVIII дар деҳаи Кархи вилояти Ҳирот ба дунё омадааст. Падараш Исломшайх, ки аз табақаҳои миёнаҳоли аҳолӣ буд, дар таълиму тарбияи Ҳозиқ саъю кӯшиши зиёде кардааст. Пас аз он ки ӯ дар зодгоҳаш хату савод мебарорад, барои такмили дониш ба Ҳирот ва сонӣ ба Бухоро меояд. Дар Бухоро дар баробари таҳсили илм пайваста ба омӯзиш ва аз бар намудани ашъори адибони бузурги гузашта машғул мегардад. Шеърҳои обдори эҷодкардаи ӯ ба тезӣ дар байни хосу ом шӯҳрат меёбанд. Ҳатто ба гӯши амирони манғит мерасанд ва ӯро амир Ҳайдар ба дарбор даъват менамояд. Ҳозиқро дар назди амир бад

карданд. Азбаски Ҳозиқ расми хушомадгӯиро намедонист ва амалдорону ҳокимонро рӯирост танқид мекард, барои ҳамин ӯро бадном мекарданд. Масалан, Фазлии Намангонӣ дар сурудани шеър истеъдоди баланди Ҳозикро эътироф карда бошад ҳам, ӯро девона мегӯяд:

Ба фанни сухан гарчӣ фарзона аст,
Валекин аҷаб марди девона аст.

Ҳаёти минбаъдаи Ҳозиқ торафт ногувортар мешавад. Ӯро таъқиб мекунанд ва озор медиҳанд. Барои ҳамин маҷбур мешавад, ки ба Хоразму Қӯқанд равад. Аммо макони осудае пайдо карда наметавонад. Ӯро амир Насрулло таъқиб мекунад. Ёру дӯстонаш пинҳонӣ шоирро ба Шаҳрисабз меоранд. Ҷосусони амир аз ин хабардор шуда, Ҳозикро дар хонааш соли 1843 ба қатл мерасонанд ва сарашро ба Бухоро ба пеши амир меоранд.

Дар бораи кушта шудани Ҳозиқ аз тарафи ҷосусони амир Насрулло муаллифи «Мунтахабуттаворих» Ҳоҷӣ Ҳакимхон чунин мегӯяд:

«Ҳамон шаб он кофирони бебок чунин ҷои хилватро аз Худо меҷустанд, вақтро ғанимат ёфта... ба дари хона меравалд. Мавлоно (Ҷунайдулло Ҳозиқ) хабар ёфта, шамшери худро бараҳна карда, бо овози баланд мардумро доду фарёд гуфта, садо мекунад. Касе намешунавад... Он ҷаллодони бераҳм ба хона даромада захми шамшер ба Мавлоно зада, сари нозанинашро аз тани покаш бо чандин хорӣ ҷудо карда гирифта бадар рафтанд. Дар хоби роҳат ғунуда будам, ки ин хабари ҳоила (ҳавлнок) ба гӯшам расид. Сипандвор аз ҷои худ барҷаста мутаваҷҷеҳи он самт шудам. Дар он вақт субҳ дамида. Чун ба хонаи Мавлоно шудам, тани Мавлонои бечораро бесар дар миёни хоку хун ба чандин хорию зорӣ ёфтам. Фиғон аз ниҳодам баромад ва ашки гулгун аз дида мисли жола меборидам... Ҳамон вақт буд, ки амир Насрулло ба Қаршӣ омад... Сари Мавлоноро он гумроҳони палид он ҷо бурданд».

Аз Ҳозиқ то имрӯз ба мо куллиёташ омада расидааст, ки он аз ғазал рубоӣ, қасида, китъа, таркиббанд, тарҷеъбанд, мухаммасот ва достони «Юсуф ва Зулайхо» (14496 байт), рисолаҳои «Воқеоти исломӣ» ва «Таҳқиқулқавоид» иборат аст. Дар асарҳои лирикии шоир мавзӯи танқиди замон, адолатхоҳӣ, халқпарварӣ, тараннуми муҳаббати поки инсонӣ мавқеи асосӣ доранд. Пас аз мутолиаи ашъори шоир собит мегардад, ки Ҳозиқ аз нобаробариҳои ҳаёт хун меҳӯрад ва ашхоси нолоиқ – амиру ҳокимон ва дигар амалдоронро, ки ба аҳли фазлу дониш, ба омма ситам мекарданд, ба зери тозиёнаи танқид мегирад:

Дилам аз бетамизиҳои абнои замон хун шуд,
Набудӣ кош лавҳи хотирамро нақши идроке.
Надорам дар баҳори зиндагӣ, Ҳозиқ, дар ин саҳро,
Ба ғайр аз лола ҷуз доғи дилеву синаи ҷоке.

Ҳозиқ, пас аз он ки ҳаёти дарборӣ, кору кирдори табақаи болоро омӯхт, ба хулосаи дуруст меояд. Ӯ хотиррасон менамояд, ки дар ин рӯзгор ба васи-

ган зар дар чомеа ҳар кори мушкилеро ба сомон расондан мумкин аст:

Нурбахши дидаҳою ҳалли мушкилҳост зар,
Қуввати дил ҳам агар донӣ, зи зарри аҳмар аст.
Нест бадтар дӯзахе аз безарию муфлисӣ,
Рост гӯям, зар калиди боғи Хулду Кавсар аст.

Дар эчодиёти Ҳозиқ достони «Юсуфу Зулайхо», ки соли 1824 ба итмом расонидааст, мавкеи асосӣ дорад. Достон ишқӣ буда, дар пайравии достони «Юсуф ва Зулайхо»-и Ҷомӣ иншо шудааст. Шоир зимни масъалаҳои ишқӣ фикрҳои панду ахлоқӣ ва сиёсиву иҷтимоии худро баён кардааст. Масалан, Ҳозиқ дар образи Юсуф беҳтарин афкори пешкадами худро дар бораи давлату раиятпарварӣ, одилӣ ва накӯкорӣ ҷамъбаст намудааст. Ин фикрашро аз номи Юсуф ба тарики зайл овардааст:

Бувад чун аз раият шоҳро ҷоҳ,
Раиятпарварӣ мебояд аз шоҳ!
Раият гар набошад, худ кӣ шоҳ аст?
Фалакро рӯзи бахтар сиёҳ аст.

Оре, маҳз барои ҳамин гуна фикрҳои гуманистӣ Ҳозиқро ҳокимон таҳқир карданд, озор доданд ва ӯро дар айёми ҷӯшу хурӯши эҷодиаш ба қатл расониданд.

**Муҳаммадшарифи Гулханӣ.** Гулханӣ дар деҳаи Булкоси ноҳияи Рашт аз оилаи деҳқони камбағал ба дунё омадааст. Дар назди имоми деҳа чанд вақт таҳсил карда, хату савод мебарорад. Аммо зиндагии оила хеле душвор мегардад. Бинобар ин Гулханӣ маҷбур мешавад, ки барои пайдо кардани қути лоямут деҳаро якумрӣ тарк карда ба Қӯқанд равад. Ӯ дар он ҷо аввал ба мардикорӣ ва пас ба пешаи навкарӣ машғул мегардад. Вале аз ин кор ҳам зиндагиаш дуруст намешавад. То охири умр ҳаёташ камбағалона мегузарад. Аммо, вақте ки аз деҳа ба шаҳр меояд, бо аҳли ҳунар шиносоӣ пайдо карда, бо онҳо дӯсту бародар мешавад. Ин дӯстӣ, ҳамкорӣ бо адибони ҳунарманд ба ҷаҳонбинӣ ва ба эҷодиёти минбаъдаи ӯ таъсири калон мерасонанд. Гулханӣ забони ӯзбекиро омӯхта, бо ин забон асарҳо меофарад. Махсусан «Зарбулмасал»-и адиб дар таърихи адабиёти классикии ӯзбек мақоми бузург дорад. Ин асар тамсилӣ буда, персонажҳои он паррандагон: Бойқуш, Япалоққӯш, Қуркӯт фитнаю найранги амиру ҳоким ва аҳли дарборро инъикос намуда, кирдорҳои ношоистаи онҳоро мазаммат мекунад. Адиб дар асарҳои лирикиаш низ камбудию нуқсонҳои ҷомеаро фош месозад. Ӯ аз замона, аз амиру ҳокимон шикоят менамояд. Зеро зиндагиаш бад аст, шоир барои хӯрдан нон надорад. Ин маънӣ дар ғазали «Нунум бидеҳ», ки бо лаҳҷаи мардуми кӯҳистон иншо шудааст, ба хубӣ мушоҳида мешавад:

Ҳазратум, аз гушнагӣ мурдум, ба муя нунум бидеҳ,
Кофирум гӯюм агар, инум бидеҳ, унум бидеҳ.
Гандуму мошу биринҷум деҳ, ки даркорӣ ҳамуст,
Ман намегӯям ақиқу лаълу марҷунум бидеҳ.
Аз тиҳидастӣ агар нӯкар мурад, ҳайф аст, ҳайф,
Эй табиби ҳозиқи нӯкар, ту дармунум бидеҳ.

Ҷумла деҳу нук зи ранҷи фоқа мегардон халос.
Кай туро гуфтум, ки бар ман ганҷи Қорунум бидеҳ.
Гулханиро ай катори баччамардун кам мадон.
Футаву шофум бидеҳ, аспум бидеҳ, тунум[1] бидеҳ!

Ба чунин аҳвол на танҳо Гулханӣ, балки тамоми аҳли ҳунар гирифтор буданд. Шоир ин бечорагию кашшокии аҳли қаламро дар симои қаҳрамони лирикӣ ҷамъбаст намудааст.

## АНЪАНАҲОИ АДАБӢ ДАР АДАБИЁТИ ИН АСРҲО

Яке аз хусусиятҳои муҳимтарини адабиёти ин давраҳо дар он аст, ки шеъру шоирӣ бештар дар байни аҳли ҳунар ривоҷ ёфт. Албатта, ин бесабаб набуд. Чунон ки дар боло зикр шуд, дар натиҷаи зулму тааддии феодалон аз деҳот ба шаҳрҳо рӯ овардани аҳолии ҳунарманд инкишоф меёбад. Ҳамон зайле, ки Сайидо мегӯяд, дар асрҳои XVII дар Бухоро зиёда аз 240 навъи ҳунар дар ривоҷ будааст. Ҳунармандон дар баробари кори ҷисмонӣ кардан, инчунин ба пешаи шеъру шоирӣ машғул мешуданд. Аз байни онҳо шоирони хуб ва боистеъдод баромаданд. Бештари онҳо ба дарбор алоқа надоштанд. Масалан, Сайидо ба касби бофандагӣ, Фитрат ба зардӯзӣ, Мулҳами Бухороӣ бо хиргоҳдӯзӣ, Муҳаммадшарифи Гулханӣ ба навкарӣ машғул буданд. Аз ин ҷост, ки дар эҷодиёти онҳо майлҳои халқӣ пурқувват буда, аҳли ҳунар, яъне одамони оддию меҳнатӣ мадҳу ситоиш карда мешуданд. Аз ин рӯ, дар ин асрҳо як силсила асарҳое ба вуҷуд омаданд, ки дар онҳо персонажу қаҳрамонҳои асосӣ мардуми ҳунарманд буданд. «Толибу Матлуб»-и Фитрат, шеърҳои ба ҳунармандон бахшидаи Сайидо мисоли барҷастаи ин фикр шуда метавонанд. Маҳз дар эҷодиёти онҳо анъанаҳои беҳтарини адабиёти пешқадами давраҳои пешин давом кардааст.

Хусусияти дигари адабиёти ин давраҳо боз дар он аст, ки аксарияти шоирони доираҳои адабии Бухоро, Қӯқанд, Ҳисор ва ғайра бо ду забон асар меофариданд. Албатта, ин давоми анъанаи асри XV аст. Адибони ӯзбек забони тоҷикиро хуб медонистанд. Ба ин эҷодиёти Ҳозиқ, Гулханӣ, Маъдан, Махмур, Нодира, Умархон, Шавқӣ мисол шуда метавонанд. Азбаски амир Умархон ӯзбек буд, аксарияти шоирони дарбораш кӯшиш мекарданд, ки асарҳо, ҷавобияҳояшонро мувофиқи шавқу завқи амир ба забони ӯзбекӣ нависанд. Аз ин ҷост, ки шеъргӯӣ ба забони ӯзбекӣ бештар вусъат ёфт.

Ғайр аз ин, дар ин асрҳо тарҷумаи асарҳои бадеӣ ба забони ӯзбекӣ зиёд гардид. Аз ҷумла дар ин солҳо достони «Ҳафт пайкар»-и Низомии Ганҷавӣ, «Тӯтинома»-и Зиё Нахшабӣ, «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ, «Баҳористон», «Саломон ва Абсол», «Юсуф ва Зулайхо»-и Абдураҳмони Ҷомӣ, «Шоҳу Дарвеш»-и Бадриддин Ҳилолӣ, «Бадоеулвакоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ, «Равзатуссафо»-и Мирхонд, «Ҳабибуссияр»-и Хондамир ва ғайра ба

[1] *Тун* – тавоноӣ, қудрат.

забони узбекӣ тарҷума гардидаанд. Воқеан ин амал кори хайре буд, ки барои вусъат ёфтани ҳамкорӣ ва қавӣ гардидани муносибатҳои илмию адабии ин ду халқ асос гузошт.

Дар ин асрҳо чанд тазкираи муҳим иншо шуд, ки онҳо барои муайян намудани ҳаёту эҷодиёти адибони ин асрҳо роли калон бозиданд. Тафовути тазкираҳои дар ин давраҳо ба миён омада аз асрҳои пешин дар он аст, ки муаллифон дар тазкираҳои худ дар бораи ҳаёту эҷодиёти адибоне сухан меронанд, ки аксарияташон ҳамзамонашон буда, бо онҳо ҳамсӯҳбат шудаанд. Аз ин рӯ, факту далелҳо комилан мӯътамаданд. Масалан, тазкираи «Музаккируласҳоб»-и Малеҳои Самарқандӣ, «Нусхаи зебои Ҷаҳонгир»-и Мутрибӣ, «Нештари ишқ»-и Азимободӣ, «Оташкада»-и Лутфалибеки Озар, «Хизонаи омира»-и Ғуломалихони Озод ва дигарон, ки дар бораи ҳаёту эҷодиёти адибони Мовароуннаҳру Хуросон, Ҳиндустону Эрон маълумот медиҳанд, сарчашмаҳои асосӣ ба ҳисоб меравапд.

Анъанаи достонсароӣ низ дар ин асрҳо давом мекунад. Баъзе шоирон кӯшиш кардаанд, ки ба «Хамса»-ҳои шоирони гузашта ҷавоб гӯянд. Вале ба ягон нафари онҳо муяссар нагардид, ки ба ҳамаи достонҳои «Хамса» пурра ҷавоб гардонад. Танҳо бештари шоирон ба «Лайлӣ ва Маҷнун» ва «Юсуф ва Зулайхо» ҷавоб гуфтанду халос. Чунончи достонҳои «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Мактабии Шерозӣ, Муҳаммаднабии Ахкар, «Юсуф ва Зулайхо»-и Ҷунайдуллои Ҳозиқ, «Толиб ва Матлуб»-и Фитрати Зардӯзи Самарқандӣ ва «Раъно ва Зебо»-и Масеҳои Бойсунӣ назира ё ҷавобия ба адибони гузаштаанд.

Махсусан, дар ин асрҳо навиштани достонҳои ахлоқӣ хеле ривоҷ ёфт. «Ирфон»-и Мирзо Абдулқодири Бедил, «Маҷлисафрӯз», «Ҳадиқатуррасул»-и Носеҳи Хатлонӣ, «Дахмаи шоҳон»-и Мирзо Содиқ ва ғайра дар пайравии асарҳои ахлоқии адибони гузашта иншо шудаанд. Албатта, ин бесабаб набуд. Дар ин рӯзгор фиску фасод, фиребу найранг, зулму асорат авҷ мегирад. Аҳли ҷоҳу мансаб ба ин корҳои ношоиста бештар даст мезананд. Аз ин ҷост, ки адибони пешқадам хостанд ба воситаи асарҳои ахлоқии худ онҳоро ба адолатхоҳӣ, раиятпарварӣ ҳидоят намоянд. Ахлоқашон хубу корашон нек бошанд.

Дар ин давраҳо маснавиҳои тамсилӣ ба вуҷуд меоянд, ки ин ҳам анъанаҳои адибони гузаштаанд. «Баҳориёт»-и Сайидои Насафӣ, «Баҳориёти меваҳо»-и Сӯфихоҷаи Бухороӣ намунаи барҷастаанд. Персонажҳои асари Сайидо ҳайвонотанд, аммо аз асари Сӯфихоҷа бошад, рустаниҳо (себарга, савсан, гул), меваҳо  (тут, зардолу, себ, мурӯд, шафтолу, анҷир, шоҳтут, ангур), сабзавот (харбуза, тарбуз) ба ҳисоб мераванд. Дар таъсири асарҳои номбурда Муҳаммадшарифи Гулханӣ «Зарбулмасал»-ашро ба забони ӯзбекӣ иншо мекунад, ки персонажҳои он ҷонварҳо мебошанд.

Ба ҳамин тариқ, дар адабиёти ин асрҳо нисбат ба наср назм мавқеи ҳукмрон дошт. Асосан жанрҳои хурди лирикӣ чи дар дарбор ва чи берун аз он дар ривоҷ буд. Пас аз омӯхтани адабиёти ин асрҳо ба хулосае омадан мумкин аст, ки адибон чи дар шакл ва чи дар мазмун асосан анъанаҳои шоирони гузаштаро пайравӣ кардаанд. Аммо баъзе навҷӯиҳо низ дар эҷоди-

ёти онхо дида мешавад. Дар осори адибони ин асрхо газал, рубой, китъа, касида, мухаммас дида мешавад.

**Ғазал**. Ин жанри адабй дар адабиёти классикй хеле инкишоф ёфта, дар ин асрхо ҳам яке аз шаклҳои асосии назми ин давра ба ҳисоб мерафт. Хусусиятҳои ғазалҳои пешин чи аз ҷиҳати шакл ва чи мазмун риоя шудааст. Танҳо аз ҷиҳати миқдори байтҳо ғазал аз қарнҳои гузашта каме фарқ дорад. Яъне ҳаҷми ғазал зиёд мегардад. Баъзе ғазалҳои Сайидо аз 24–27 байт иборатанд. Аммо дар гузашта ғазал аз 6–7 байт иборат буд. Мавзӯъҳои ғазал чун гузашта ишқй, ахлоқй, сиёсиву иҷтимой, тасвири зебоиҳои табиат ва ғайра буданд. Вале баъзе шоирони мадлоҳи дарбор дар ин асрҳо ба газал мавзӯъҳои мадҳиро низ дохил карданд, ки намунаашро дар боло дидем.

**Мухаммас.** Ин шакли шеърй дар адабиёти ин даврҳо инкишоф ёфта, ба дараҷаи аъло расид. Дар эҷодиёти қариб ҳамаи адибони ин асрҳо мухаммасро пайдо кардан мумкин аст. Пеш аз ҳама шоирон ба ғазалҳои машҳури адибони гузашта мухаммас мебастанд. Аз тарафи дигар, бевосита худи онҳо мухаммас эҷод мекарданд. Мавзӯи мухаммасҳо шикоят аз замона, тасвири аҳволи бади мардум, адолатхоҳй ва амсоли ин буд. Маҳсусан чунин мавзӯъҳо дар мухаммасҳои Сайидо, Ҳозиқ, Мирзо Содиқ, Носеҳи Хатлонй, Париии Ҳисорй бештар мушоҳида мешуданд.

**Рубой.** Рубой ҳам дар ин асрҳо яке аз шаклҳои маъмули адабй ба шумор мерафт. Бештари шоирон андешаҳои ахлоқй, ҳиссиёти ботинии худро дар бораи ёру диёр, зебоиҳои табиат ба воситаи ин шакли хурди адабй ифода мекарданд.

**Китъа.** Анъанаи китъасарой низ дар ин асрҳо ривоҷ ёфт. Аз ҷиҳати шаклу мазмун тағйироте дида намешавад. Шоирон бештар афкори иҷтимой, фалсафй ва ахлоқии худро дар шакли қитъа баён мекарданд. Танқиди хурофот, амиру ҳокимон, инъикоси азобу машаққати меҳнаткашон мавзӯи асосии шоирони китъасаро буданд.

Ғайр аз ин, навиштани китъаҳои таърихй доир ба масъалаҳою ҳодисаҳои гуногуни таърихй, ё вафоту таваллуди шоирон хеле тараққй кард. Чунин қитъаҳо барои муайян намудани ҳодисаю вокеаҳои таърихй ба муаррихон ва адабиётшиносони имрӯза ёрии калон расонда метавонанд.

**Қасида**. Қасида дар ин асрҳо инкишоф наёфт. Ҳатто дар эҷодиёти шоирони дарборй ҳам қасида қариб ба назар намерасад. Чанд намунае, ки то имрӯз омада расидааст, касидаҳои мадҳй буда, ба амир Умархон, Ҳайдар, Насрулло ва дигар ҳокимон бахшида шудаанд.

**Наср.** Асарҳои насрй дар ин асрҳо хеле кам ба назар мерасанд. Вале кам ҳам бошад, анъанаи насрнависони асрҳои пешин нигоҳ дошта шудааст. Асарҳои «Дебоча», «Нукот», «Рукаот» ва «Чор унсур»-и Мирзо Абдулкодири Бедил ба наср иншо шуда, ба масъалаҳои гуногуни илмию адабй бахшида шудаанд. Масалан, Бедил дар «Чор унсур» дар баробари баёни масъалаҳои фалсафй, оид ба ҳаёту зиндагй, ёру дӯстон, ҳодисаю вокеаҳои таърихии замонааш маълумот медиҳад.

Агар ба асари мазкур аз ин нуктаи назар нигоҳ кунем, «Чор унсур»

характери ёддоштӣ хам дорад.

Асари «Маҳбубулқулуб»-и Мирзо Бархурдори Фарохӣ ҳаҷман калон буда, маҷмӯи ҳикоёту қиссаҳои нависандаро дар бар мегирад. Мавзӯи асар ахлоқию тарбиявӣ буда, дар бораи тарбияи фарзанд, одобу ахлоқи ӯ бештар баҳс мекунад. Аввал доир ба ин ё он масъалаи тарбиявӣ муаллиф фикрашро баён намуда, пас барои тасдиқи фикр ҳикояҳои намакин меорад. Ба ҳамин тариқ, «Маҳбубулқулуб» мисли «Ҳазору як шаб», «Калила ва Димна», «Анвори Сухайлӣ» бо услуби ҳикоят андар ҳикоят иншо шуда, дар дохили ҳикояю қиссаҳо порчаҳои назмӣ меорад, ки қисми зиёди онҳо эҷоди худи муаллифанд. Аз намунаҳо чунин бар меояд, ки Мирзо Бархурдор дар назм ҳам табъи комил дошта будааст.

Бисёр қиссаю ҳикояҳои асар моли халқ буда, Мирзо Бархурдор онҳоро аз байни халқ ҷамъ намуда будааст. Ин анъана дар ин асрҳо хеле инкишоф ёфта, сабаби ба майдон омадани асарҳои насрӣ гаштааст. Масалан, «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ дар байни халқ шӯҳрати зиёд пайдо мекунад. Баъзе достонҳо аз даҳон ба даҳон гузашта, вариантҳои гуногун пайдо мекунанд ва ба наср баргардонида мешаванд. Нависандаи хушсалиқа Муҳаммад Ворас дар ин давра аз байни халқ достонҳои насрии «Шоҳнома»-ро ҷамъ намуда, ба шакли китоб медарорад. Ин асар дар таърихи адабиёт бо номи «Баҳруттаворих» машҳур аст. Ворас ҳангоми навишта гирифтани достонҳо, махсусан ба достони «Рустаму Сӯҳроб» эпизодҳои нав дохил кардааст. Насри Ворас бисёр дилангез буда, бо забони содаю оммафаҳм иншо шудааст. Дар он зарбулмасалу мақолҳо, таъбиру ибораҳои халқӣ фаровон истифода шудаанд.

**Савол ва супориш**

1. Чаро ҳунармандӣ дар шаҳрҳо инкишоф ёфт? 2. Ба ҳаёти маданӣ чӣ гуна таъсир расонд? 3. Ҳаёти адабӣ дар кадом шаҳрҳо тараққӣ кард ва чаро? 4. Дар адабиёти ин асрҳо кадом мавзӯъҳо бештар роҳ ёфтаанд? 5. Хусусияти эҷодиёти намояндагонаш аз чӣ иборат аст? 6. Адабиёти ин асрҳо бо кадом ҷиҳатҳояш аз адабиёти пешин фарқ дорад? 7. Чаро шоирон ба дарбор мерафтанд? 8. Оё адабиёти тоҷик дар ин давра таназзул кард? Агар карда бошад, сабабҳои онро гӯед. 9. Дар ин асрҳо анъанаи «Хамса»-сароӣ давом кард, ё не? 10. Чаро асарҳои ахлоқӣ дар ин давраҳо инкишоф ёфтанд? 11. Аз кадом ҷиҳат ғазалҳои ин асрҳо аз давраҳои пешин фарқ доранд? 12. Сабаби инкишоф ёфтани мухаммасро шумо дар чӣ мебинед? 13. Чаро дар ин асрҳо жанри қасида таназзул ёфт? 14. Бо кадом хусусиятҳои худ насри ин асрҳо аз насри давраҳои пешин фарқ мекунад? 15. Хизмати Муҳаммад Ворас дар таърихи адабиёти мо аз чӣ иборат аст?

*Рӯйхати адабиёти илмӣ ва методӣ*


1. С. Амиркулов. Ҷунайдулло Ҳозиқ ва достони ӯ «Юсуф ва Зулайхо», «Ирфон», Душанбе, 1967.

2. Т. Миров. Дастури методии «Адабиёти тоҷик» барои синфи 9. «Маориф», Душанбе, 1986.

3. А. Мирзоев. Сайидо ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик. Душанбе, 1947.

# САЙИДОИ НАСАФӢ
## (Вафоташ-1711)

*Дар фикри дона мӯрчае буд дар гузар,*
*Омад ба шеру гуфт, ки: –*
*«Эй Рустами замон!*
*Аз иттифоқи мӯрчагон ғофилӣ магар*
*В-арна чаро ҳақир шуморию нотавон?*
*Хӯроки аҳли байти ман аст аз нитоҷи ту,*
*Доим пур аст хонаам аз шербаччагон,*
*Тифлони ширмасти ман имрӯз шергир,*
*Хешони нотавони мананд аз ту комрон».*
*Сайидои Насафӣ*



**Тарҷумаи ҳол**

Насаф шаҳрчаи ободе буд. Дар ин ҷо баъзе касбҳои ҳунармандӣ, аз ҷумла пешаи бофандагӣ ривоҷ дошт. Бофандагон, ки барои мардум либосвориҳои арзонбаҳое тайёр мекарданд, дар он рӯзгор соҳибиззат буданд. Касби бофандагӣ меҳнати душворро талаб мекард. Бесабаб нест, ки халқ бо дили пурдард дар бораи сахтию душвориҳои бофандагӣ сарудҳо эҷод кардааст:

Дилакам зардоб шуд аз чак-чаки бофандагӣ,
Чашмакам пуроб шуд аз риштаҳои кандагӣ.
Аз саҳар то шом почак мезанам дар чах-чахак,
Қоматам дар тоб шуд аз кору бори зиндагӣ.

Миробид ҳам шабу рӯз дар сари дастгоҳ нишаста, карбос мебофт, то ки қути лоямуте барои оилааш пайдо кунад. Сайидои хурдсол ҳам ба корҳои падараш ёрӣ мерасонд ва оҳиста-оҳиста нозукиҳои ин касбро аз падар меомӯхт ва дар баробари ин дар мактаб низ таҳсил мекард. Хату савод баровард, ҳофизхон шуд. Ғазалҳои Ҳофиз ба Сайидои хурдсол таъсири калон расониданд. Аз ин ҷост, ки аксарияти ғазалҳои шоири шаҳирро азёд намуд ва оҳиста-оҳиста худ шеър гуфтан гирифт. Истеъдоди хуб дошт. Миробид шавқу завқи фарзандашро дуруст фаҳмида, чанд тангае, ки барои зарурати рӯзгор пасандоз карда буд, ба ӯ дод ва Сайидоро барои илму фарҳанг омӯхтан ба маркази илму маърифати онрӯза – шаҳри Бухоро гусел кард. Ӯ ба Бухоро омада, дар мадрасаи Лаби Ҳавзи Нодир Девонбегӣ дар назди олимону донишмандони бузург таҳсилро давом медиҳад. Пас аз дарс Сайидо бештари вақти худро барои омӯхтани нозукиҳои каломи бадеъ мебахшад. Илова бар ин, вақт ёфта ба назди ҳунармандони Бухоро меравад, ба кори онҳо кӯмак мерасонад. Аз байни онҳо дӯстони зиёд пайдо мекунад. Дӯстонаш ба Сайидо ёрии моддӣ мерасонанд, то ки ӯ таҳсилашро давом диҳад.